ДОНИШКАДАИ ДАВЛАТИИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

Бо ҳуқуқи дастнавис

ТДУ: 891.550+882
ТКБ: 83,3 (2 тоҷик)+83,3Р
К – 52

КИРОМУДИНОВ ЗИЁРАТ ҚИЁМУДДИНОВИЧ

ЭҶОДИЁТИ Н.С. ТИХОНОВ БАР МАБНОИ РАВОБИТИ АДАБИИ ТОҶИКУ РУС ДАР АСРИ ХХ

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси
10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ

Роҳбари илмӣ: номзади илми филология,
дотсент Олимӣ Х.Ҳ.

ДУШАНБЕ – 2022

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА.....3-7
ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ.....8-10

БОБИ I. Н.С. ТИХОНОВ ВА МУНОСИБАТИ Ӯ БА АДАБИЁТИ ТОҶИК.....11-35
1.1. Мухтасари зиндагинома ва фаъолияти адабии Николай Тихонов.....11-20
1.2. Назари Н.С. Тихонов ба адабиёти тоҷик.....21-32
1.3. Масъалаҳои пайвандҳои адабӣ дар мукотибаҳо.....32-35

БОБИ II. ТАҶАССУМИ МАСЪАЛАҲОИ ШАРҚ ДАР ОСОРИ Н.С. ТИХОНОВ, МИРЗО ТУРСУНЗОДА ВА МИРСАИД МИРШАКАР.....36-79
2.1. Тасвири мушкилоти кишварҳои Шарқ дар ашъори Н.С. Тихонов.....36-51
2.2. Мавзуи Шарқ дар эҷодиёти М. Турсунзода ва Н.С. Тихонов ба масъалаҳои ҳамоҳангии мавзуъ ва диди адабӣ.....51-72
2.3. Тасвири Шарқ дар шеъри Мирсаид Миршакар.....72-79

БОБИ III. ТАРҶУМАИ ОСОРИ Н.С. ТИХОНОВ БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ.....80-135
3.1. Аз таърихи тарҷума дар адабиёти давраи нави тоҷик.....80-89
3.2. Тарҷумаи тоҷикии осори мансури Н.С. Тихонов.....89-114
3.3. Тарҷумаи шеърҳои Н.С. Тихонов ба забони тоҷикӣ.....114-128
3.4. Тавозуни шаклу мазмун дар тарҷумаи достони «Киров бо мост».....128-135

ХУЛОСА.....136-140
ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ.....141
РӮЙХАТИ АДАБИЁТ.....142-153
НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ.....154

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Вижагиҳои фарҳангӣ дар айни замон аз робитаҳои адабии умумиҷаҳонӣ иборат буда, таърихи муносибатҳои кишварҳоро бинобар тамоили миллӣ ва давлатӣ инъикос менамояд. Аз ин рӯ, ин хусусиятҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ ва вобаста ба вазъи сиёсӣ шаклҳои гуногунро касб менамоянд. Дар замони Шуравӣ робитаҳои нави адабӣ ташаккул ва равнақ ёфта, аз вижагиҳои хос ба ин давраи таърихӣ ҳамоҳангии аҳли фарҳангу илму маориф ҷиҳати тараннуми сулҳ ва таблиғи ҳаракати озодихоҳӣ дар кишварҳои дуру наздик маҳсуб мешуд. Дар ин давра адибони гуногунмиллату гуногунқавм дар тамоси эҷодӣ қарор гирифта буданд. Тибқи афкор ва сиёсати замон адибон дар мавзуъҳои ягонаи анъанавӣ, мисли дӯстии халқҳо, сулҳу осоиштагӣ, таҷассуми озодии занон, бародарию баробарӣ асарҳои бадеӣ эҷод намудаанд. Дар ин давра тадричан сифати забони тарҷумаи осори бадеӣ беҳтар гардида, адабиёти муосири тоҷик аз ҳисоби тарҷумаҳои нав ғанӣ мегардад. Адабиёти замони Шуравӣ мансуб ба тамоми халқу миллатҳои сокини давлати Шуравӣ буд, ки возеҳтар ба ин масъала Соҳиб Табаров дар китоби «Адабиёти муосири советӣ» чунин назарро таъкид намудааст: таърихии советӣ, иҷтимоӣ ва идеявии халқҳо, синфҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоии ҷамъияти сотсиалистӣ сахт алоқаманд буда, сол то сол маънои васеътар ва мукаммалтар пайдо намуда омада истодааст. Аз ҳамин сабаб, мафҳуми «адабиёти советӣ»-ро аз мафҳуми «халқи советӣ» ҷудо кардан мумкин нест» [76, с. 23].

Мушоҳида кардан мумкин аст, ки мундариҷа, ҷаҳонбинӣ, идея, принсипу қонунҳои эстетикӣ ва методи эҷодии адабиёти бадеии замони шуравӣ алайҳи ҷабру зулму истибдод равона шудааст ва гузашта аз он, дар ягонагию баҳаммонандии мавзуъ, таҳлилу ҳалли задухӯрду низоъҳо, дар таҳқиқи бадеии воқеияти зиндагӣ ва монанди инҳо ин аҳдофро дарёфтан мумкин аст. Чунончи, мавзуи сулҳ ва инъикосу тасвири бадеии он, ки яке аз мавзуъҳои муҳимми адабиёти сермиллати советӣ ба шумор меравад, дар эҷодиёти Н.С. Тихонов, М. Турсунзода, К. Симонов, М. Бажан, П. Бровка, С. Вурғун, Г. Абашидзе, Р. Ризо, С. Рустам, М. Миршакар, Р. Рождественский, Зулфия, А. Олимҷонов, О. Сулаймонов, Р. Ғамзатов, Э.

Межелайтис ва дигарон мавқеи калонро ишғол менамояд.

Дар ҳамин замина, баррасӣ ва таҳқиқи осори Н.С. Тихонов ба мо имконият медиҳад, ки роҷеъ ба фаъолияти густурдаи ин адиби муборизҳам дар арсаи сиёсат ва ҳам дар арсаи адабиёт маълумоти кофие пайдо намоем.

Ҳамчунин, дар шоҳроҳи нави таърихӣ, яъне асри XXI, омӯзиши тозаи робитаҳои адабии тоҷику рус, муайян намудани нақши эстетикии он ва муошираты адибон дар таҳқиқи адабиёти замони Шуравӣ хеле муҳим аст. Бахусус, муошираты Н.С. Тихонов бо адибони тоҷик, ба мисли М. Турсунзода ва М.Миршакар дар ташаккули пайвандҳои адабию фарҳангии тоҷику рус назаррас буда, самимияти қарини ин адибонро дар рушди ғояи сулҳу суботи ҷаҳон беназир бояд донист.

Дар ниҳоят, аҳаммияти таҳқиқот бо он муайян карда мешавад, ки Н.С. Тихонов дар асрсаи адабиёти шуравӣ мавқеи калидиро мебозид. Дар робита ба ин, саволҳои зиёде дар мавриди назари Н.С.Тихонов ба адабиёти тоҷик ба миён меоянд.

Аз ин рӯ, дар шароити нави пасошуравӣ омӯзиши осори Н.С. Тихонов дар танқиди адабии тоҷик, мақолаҳои адабию публитсистӣ ва баромадҳояш роҷеъ ба робитаҳои адабӣ, тамоси эҷодии шоир бо М. Турсунзода ва Мирсаид Миршакар, хидматҳои Н.С. Тихонов дар ташаккул ва инкишофи адабиёти сермиллати Шуравӣ, сифат ва арзиши бадеии тарҷумаҳои адиб ба забони тоҷикӣ аҳаммияти хосса дорад. Ҳамзамон, таҳқиқи мукотиботи ин адибон барои омӯзиши шаклгирии робитаҳои адабӣ дар замони Шуравӣ ва мавзуъҳои ба мушкилоти Шарқ бахшидаи шоирони мазкур муҳим дониста мешавад. Масъалаҳои зикргардида мубрамияти мавзуи диссертатсия, мақсад ва вазифаҳои онро муайян намудаанд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ. Дар асарҳои сершумори адабиётшиносони рус ҷаҳонбинӣ ва арзиши бадеии осори Н.С. Тихонов ба таври амиқ омӯхта шуда бошад ҳам, роҷеъ ба робитаи адабии Н.С. Тихонов бо шоирони муосир ва осори тарҷумагардидаи ӯ дар адабиётшиносии тоҷик таҳқиқоте ба назар намерасад. Адабиётшиносони рус А. Луначарский, И. Поступалский, И. Оксенов, В. Шошин, В. Друзин, В. Саянов, А. Тарасенков, Г. Горбачев, Е. Книпович, М. Машбис-Веров,

А. Селивановский ва чанде дигар вобаста ба паҳлуҳои гуногуни осори Н.С. Тихонов пажӯҳиш ба анҷом расонидаанд.

Аввалин асари монографӣ дар бораи рӯзгор ва осори Н.С. Тихонов китоби Н. Коварский «Н.С. Тихонов» мебошад, ки муаллиф дар ин рисола таҳаввулоти шеъри шоирро аз нахустин тасвирҳои шоирона то шеърҳои дар солҳои 20-уми асри XX сароидааш мавриди таҳқиқ қарор додааст. Н.Коварский поэтикаи шеъри Н.С. Тихоновро пайравӣ аз ҷараёни адабии акмеизм, символизм ва футуризм меномад ва навоварии шеъри Тихоновро дар марҳилаҳои гуногун омӯхта, арзиши бадеию эстетикии онро муайян намудааст. Дар монографияи «Роҳи эҷодии Н. С. Тихонов» Л.Ф. Кирилюк як миқдор шеърҳои шоирро аз замони навқаламӣ то солҳои 50-уми асри гузаштаро таҳлил ва баррасӣ кардааст. Баррасии нисбатан пурраро дар мавриди поэтикаи ашъори Н.С. Тихонов дар рисолаи доктории Н.А. Рабинянс «Назми Н.С. Тихонов» дарёфт кардан мумкин аст, аммо асар табиатан тавсифӣ буда, омилҳои таҳаввулоти сабки ашъори Н.С.Тихонов дар он таҳқиқ нагардидааст.

А.И. Глухов дар монографияаш «Роҳи Н. Тихонов сӯйи реализми сотсиалистӣ «асосан, фаъолияти идеологӣ ва эҷодии шоирро дар заминаи ақидаҳои ленинӣ, ягонагӣ ва мубориза бо тамоюлҳои муқобили он» баррасӣ намудааст [20, с.17]. Е.И. Лазарев дар китоби «Шеъри Н.С. Тихонов дар солҳои 20-ум. Масъалаҳои жанр ва услуб» дар бораи ҷанбаҳои поэтикаи шеъри Н.С.Тихонов кори мукаммал ба анҷом мерасонад. Е.И. Лазарев дар китобаш, асосан, аз намунаҳои нақди шеъри Н.С.Тихонов дар солҳои 1920 ва 1930 истифода намудааст. Ин рисола аввалин кӯшиши пурсамар ҷиҳати пажӯҳиши хусусиятҳои бадеӣ ва сабки ашъори Н.С. Тихонов ба шумор меравад.

Марҳилаи муҳимми омӯзиши осори Н.С. Тихонов аз солҳои 50-уми асри гузашта оғоз мегардад. Дар соли 1952 китоби Гринберг И.И. «Эҷодиёти Николай Тихонов» ба табъ расид, ки дар он таҳлили муфассали роҳи эҷодии адиб таҳқиқ гардида, соли 1972 ин китоб аз нав такмил ва бо иловаҳо ба табъ расида буд. И.И. Гринберг дар китобаш «Николай Тихонов» фаъолияти Н.С. Тихоновро ҳам дар ҷодаи адабиёт ва ҳам дар самти корҳои сиёсӣ пайроҳаҳои ноҳамвору сахте

меномад [26, с.15]. Дар монографияи Б. Соловеев «Николай Тихонов» баробари таҳқиқи осори шоир хидматҳои шоёни ӯ дар интишори мавзуи сулҳу дӯстӣ дар ҷомеаи умумибашарӣ зиҷ шудаанд.

В. Шошин муҳаққиқи асосии рӯзгор ва осори Н.С.Тихонов дар якчанд монография ва мақолаҳояш зиндагинома ва фаъолияти шоирро пурра баррасӣ намудааст. Дар рисолаҳои «Николай Тихонов. Мавзуи байналмилалӣ» ва «Шоир ва ҷаҳон» мунаққид, асосан, хидмати сиёсии шоирро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Соли 1981 китоби дигари В. Шошин «Николай Тихонов. Очерк дар бораи ҳаёт ва фаъолият» ба табъ мерасад, ки дар ин асар муаллиф ба корномаи нависанда ба ҳайси як шоири соҳибирода баҳои баланд медиҳад ва талоши шоирро дар муттаҳид кардани неруҳои адабии ҷумҳуриҳои бо ҳам бародар тавсиф менамояд.

Омӯзиш ва таҳқиқи силсилаи осори насрии Тихонов Н. С. дар адабиётшиносии тоҷик аз чанд андешаи умумӣ иборат буда, манзараи умумии ҳолати тарҷумаи насри шоир ҳамчунон номуайян боқӣ мемонад. Осори бадеию илмии Тихонов Н. С. ба забони тоҷикӣ ин «Бодиянишинон» (/Очерк/. Тарҷ.Ҳ.Каримзода. Сталинобод-Самарқанд, 1933. 140.саҳ.), мақолаҳои таҳқиқии апр.) «Барои сулҳи тамоми ҷаҳон» (-Тоҷ.Сурх, 1950, 15 окт.), «Дар бораи манъ кардани пропагандаи ҷанг ва қабул кардани қонуни муҳофизати сулҳ», (Маърузаи раиси Комитети советии муҳофизати сулҳ, депутат Н.С.Тихонов дар сессияи дуюми Совети Олии СССР. -Тоҷ.Сурх, 1951, 14 март.), «Комёбиҳои барҷастаи маданияти сотсиалистӣ», (Тоҷ.Сов., 1965, 27 апр.), «Мардуми советӣ-тарафдори сулҳ» (Тоҷ.Сов., 1959, 21 апр.), «Муваффақиятҳои бузург орзумандем» (Бахшида ба даҳаи адабиёти рус дар Тоҷикистон. - Маориф ва маданият, 1960, 21 окт.), «Нутқ дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 1100- солагии ҷашни Абуабдулло Рӯдакӣ» (Тоҷ.Сов., 1958, 18 окт.) ва ғайра мебошад, ки дар онҳо, асосан, масъалаи таъмини сулҳи ҷаҳонӣ, дӯстии халқҳо ва гиромидошти фарҳангу адаби миллатҳои мухталиф мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар адабиётшиносии тоҷик дар мақолаҳои алоҳида аз ҷониби М. Турсунзода, М. Миршакар, М.Давлатова ва чанде дигарон нуктаи назар роҷеъ ба мавзуи осори

Н.Тихонов баён гардидааст. То ҳанӯз кори мукаммали ягона оид ба фаъолияти Н. Тихонов ба анҷом нарасидааст.

Дар умум, осори Николай Тихонов, ки яке аз асосгузорони реализми сотсиалистӣ дар назм мебошад, падидаи барҷастаи шеъри замони шуравӣ дониста мешавад. Омӯзиши он имкон ба амал меорад, ки арзишҳои адабию эстетикии осори адибони шуравӣ (дар мисоли Н.С. Тихонов), ки имрӯз низ аз лиҳози мавзуъ куҳна нашудаанд, муайян гардад. Н.С. Тихонов ҳамчун мунаққиди замон аз минбарҳои баланди ҷаҳон, ба мисли Вена, Хелйсинки, Стокголм, Будапешт, Деҳлӣ бар зидди кишварҳои ҷангҷӯй баромад менамуд. Ӯ ба ҳайси депутати Советии Олии ИҶШС, котиби правлениями Иттифоқи нависандагони ИҶШС, раиси Комитети советии муҳофизати сулҳ ва чандин вазифаҳои дигари ҷамъиятӣ ҳамеша фаъолияти ҷоннисорона барои халқ менамуд. Дар заминаи осор ва корномаи Н.С.Тихонов на танҳо зиндагинома ва дидгоҳҳои ӯро дубора метавон барқарор кард, балки сафарҳо, муоширатҳои адабӣ, хислат, урфу одат, тарзи ҳаёт, забон, анъана, таърих, мушкилот ва фарҳанги миллатҳои мухталифи ҷаҳонро ба таври воқеӣ дарёфтан мумкин аст. Шахсият ва эҷодиёти Н.С. Тихонов як мактаби соҳибмаърифатӣ ва инсондӯстӣ буд, ки барои насли имрӯз низ намунаи беҳтарини пайравӣ аст.

Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқи диссертатсионӣ дар доираи барномаи корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода иҷро шудааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

Мақсади таҳқиқ. Мақсади таҳқиқоти диссертатсионии мазкур таҳлили нақши Н.С.Тихонов дар рушди мавзуҳои нави дар адабиёти тоҷик, аҳамияти фаъолияти ӯ дар рушди шаклҳои нави робитаҳои адабӣ ва арзиши бадеии тарҷумаҳои осори Н.С. Тихонов ба забони тоҷикӣ ба ҳисоб меравад.

Вазифаҳои таҳқиқ. Барои расидан ба мақсад диссертант дар назди худ чунин вазифаҳоро гузоштааст:

– таҳқиқи рӯзгор ва осори Н.С.Тихонов;
– муайян намудани манбаъҳои асосии таъсири Шарқ ба ҷаҳонбинии Н.С. Тихонов;
– таҳқиқи мақолаҳои адабӣ, публитсистӣ ва баромадҳои Н.С. Тихонов роҷеъ ба адабиёт ва фарҳанги тоҷик;
– таҳлил ва тафсири ғояҳои аслии сулҳпарваронаи Н.С. Тихонов, М. Турсунзода ва М. Миршакар;
– таҳлили ҳадафҳои инсонпарварии Н.С. Тихонов ва саҳми онҳо дар адабиёти собиқ кишварҳои Шуравӣ;
– омӯзиши дараҷаи таъсирпазирии мавзуи ягонаи адабиёти шуравӣ ба ашъори шоирони тоҷик;
– омӯзиши сатҳи тарҷума дар замони Шуравӣ ва баррасии аҳаммияти он аз диди имрӯз;
– муайян намудани арзиши бадеии тарҷумаҳои осори Н.С. Тихонов ба забони тоҷикӣ.

Объекти таҳқиқ. Нуктаи асосии объекти таҳқиқот ин адабиёти замони шуравӣ, осори назариявии адабиётшиносони ҷаҳонӣ, ватанӣ ва нақди замони шуравӣ ба осори Н.С. Тихонов маҳсуб мегардад.

Предмети таҳқиқ. Масоили вижагиҳои осори Н.С.Тихонов, пайванди адабии Н. С.Тихонов бо адибони тоҷик, мукотиботи онҳо ва таърихи тарҷумаҳои осори Н. С.Тихонов ба забони тоҷикӣ ба шумор меравад.

Асосҳои назарии таҳқиқ. Асосҳои назариявии диссертатсияи фавқ дар заминаи таҳқиқоти адабиётшиносон Е.Э.Бертелс, В.В. Бартолд, Н.И. Конрад, А.Н. Самойлович, И.С. Брагинский, В.М. Жирмунский, М. Шакурӣ, С. Табаров, Ҳ. Шодиқулов, В. Самад ва А. Давронов ба анҷом расидааст.

Асосҳои методологии таҳқиқ. Барои баррасӣ ва таҳқиқи масъалаҳое, ки ҳалли онҳоро дар рисола ба уҳда гирифтем, пеш аз ҳама, равиши муқоисавӣ-таърихиро асоси кор қарор дода, аз равишҳои китобхонаӣ, таҳлили сохторӣ,истидлолӣ, оморӣ, равонтаҳлилӣ, татбиқӣ ва дигар меъёрҳои писандидаи илмӣ низ истифода кардем.

Сарчашмаҳои таҳқиқ. Сарчашмаи асосии таълифи рисола осори Н.С. Тихонов, мактубҳои суханвар ба забони асл ва тарҷумаи осори шоир ба забони тоҷикӣ ба шумор мераванд. Ҳамчунин осори М.Турсунзода ва М.Миршакар дар иртибот ба масъалаи Шарқ мавриди муқоиса қарор гирифтааст.

Навгонии илмии таҳқиқ. Дар рисола навоварӣ дар он ифода меёбад, ки таҳқиқоти мазкур нахустин таҳқиқоти мукаммали илмӣ роҷеъ ба проблемаҳои мубрами муошираты адабии Н.С.Тихонов бо адабиёт ва адибони тоҷик мебошад. Дар таҳқиқоти илмӣ ба таври пурра ва бо диди дигар осори Н.С.Тихонов дар нашрияҳо ба забони тоҷикӣ, муносибати эҷодии шоир бо адибони тоҷик, хидматҳои Н.С. Тихонов дар ташаккул ва инкишофи адабиёти сермиллати шуравӣ баррасӣ гардидааст.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Таҳлили муқоисавӣ-типологӣ ва таърихӣ-фарҳангӣ имкон медиҳад, ки самтҳои гуногуни робитаҳои адабии тоҷику рус дар як раванди нави таърихӣ таҳқиқ гардад.

2. Таъсири андешаҳои сулҳпарваронаи Н.С. Тихонов ба адабиёти замони шуравӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, арзишҳои бадеию эстетикии он муайян гардид.

3. Робитаҳои дӯстӣ ва адабии Н.С. Тихонов бо М. Турсунзода ва М. Миршакар дар иртибот ба хидмати эшон дар интишор ва пойдор намудани сулҳ дар минтақаи Шарқ мавриди таҳқиқ қарор гирифт;

4.Осори тарҷумагардидаи Н.С. Тихонов ба забони тоҷикӣ баррасӣ гардида, маълум карда шуд, ки шоирони тоҷик дар тарҷумаи осори ин шоир дар марҳилаи дуюм асосан, муваффақ гардидаанд.

Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ. Натиҷаҳои таҳқиқоти рисоларо дар улуми адабиётшиносӣ, фарҳангшиносӣ, барои таълифи китобҳои дарсии академӣ

ва донишгоҳии таърихи адабиёти тоҷик метавон истифода намуд. Натиҷаҳои таҳқиқ, ҳамчунин, дар шинохти раванди ташаккули робитаҳои адабии тоҷику рус кӯмак мерасонанд.

Маводи диссертатсия ва хулосаҳои он дар таълими курси поэтика, курсҳои махсуси адабиётшиносӣ, дар таҳияи китобу дастури таълимӣ оид ба робитаҳои адабӣ дар факултетҳои филологии макотиби олии кишвар метавонанд мавриди истифода қарор гиранд.

Мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуи таҳқиқ ба шиносномаи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ (илмҳои филологӣ) мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ. Саҳми муаллиф дар қисматҳои «Муқаддима»-и диссертатсия зоҳир шуда, омодасозии мақолаву маърузаҳо ба шумори дастовардҳои диссертант дохил мешаванд.

Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ. Муҳтавои диссертатсия дар шакли маърузаҳо дар конференсияҳои ҳарсолаи илмию назариявии ҳайати профессорону устодони Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода мавриди муҳокимаву баррасӣ қарор гирифтааст.

Диссертатсия дар маҷлиси васеи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода муҳокима гардида, ба ҳимоя пешниҳод шудааст (суратҷаласаи № 6 аз 30.01.2020).

Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия. Нуктаҳои асосии кор дар мақолаҳои илмӣ, аз ҷумлаи 4 мақола дар маҷаллаҳои феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 154 саҳифаи чопиро ташкил мекунад.

БОБИ I
Н.С. ТИХОНОВ ВА МУНОСИБАТИ Ӯ БО АДАБИЁТИ ТОҶИК

Шеъри самимӣ новобаста аз тағйирхӯрии низомҳо дар лавҳи хотири инсонҳо боқӣ монда, аҳаммияти мавзуии худро ҳифз менамояд. Аксарият дар мавриди мавзуъҳои шеъри замони Шуравӣ бар он андешаанд, ки он шеъри инсонгаро̄й ва ваҳдати башар буд. Аз ҷумлаи шоирони аҳди шӯравӣ Н.С. Тихонов, ки мавзӯи асосии осори ӯ аз тавсифи сулҳ, садоқат, дӯстии миллатҳо ва ваҳдати инсонӣ дар ҷаҳон иборат буд, дар паҳнои адабиёти шуравӣ бо мавқеи хосса ва ибратбахш фаъолият менамуд.

Дар ҳамин замина, баррасӣ ва таҳқиқи осори Н.С. Тихонов ба мо имконият медиҳад, ки роҷеъ ба фаъолияти густурдаи ин адиби муборизҳам дар арсаи сиёсат ва ҳам дар арсаи адабиёт маълумоти кофие пайдо намоем.

Николай Сергеевич Тихонов ҳамчун шоири инсонпарвар, қосиди сулҳ, оташинсухану хушгуфтор муаррифӣ гардидааст.

Осори ӯ бо 52 забони ҷаҳон тарҷума шудааст. Н.С. Тихонов дар ташаккули адабиёти шуравӣ саҳм гузошта, бо адибони кишварҳои собиқ шуравӣ ҳамеша дар тамоси дӯстӣ қарор дошт.Омӯзиши ашъори ин шоири муборизи иқдоми саривақтӣ ва муҳим аст, чунки мавзуҳои иҷтимоӣ ва ҳамраъии башарӣ имрӯз низ аз масъалаҳои аввалини адабиёт аст.

1.1. Мухтасари зиндагинома ва фаъолияти адабии Николай Тихонов

Н.С. Тихонов 22-юми ноябри соли 1896 дар шаҳри Санкт-Петербург дар хонаводаи сартарош ва дӯзанда чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Саравваал, дар мактаби ибтидоии шаҳрӣ, сипас, дар мактаби савдо таҳсил намуда, соли 1911 бинобар мушкилоти молиявӣ таҳсилро тарк мекунад ва дар раёсати марказии хоҷагии баҳрӣ ба кор оғоз менамояд. Дар соли 1915 ба сафи артиш даъват мегардад, ки он ҷо муваққатан хидмат мекунад. Н. С. Тихонов ҳанӯз аз синни 14-

солагӣ ба шеърнависӣ шуруъ намуда, нахустин шеъри ӯ «Дар марги Лев Толстой» соли 1910 эҷод гардидааст.

Дар ҷавонӣ шоир пайрави Гумилёв Н. С. низ будааст. Солҳои бистуми асри гузашта вай ба ташкилоти «Бародарони Серапион» шомил гардида, достони «Худиҳо»- ро маҳз дар ҳамин давра ба табъ мерасонад.

Н. С. Тихонов аввалин мукофоти адабии худро на барои шеър, балки дар озмуне, ки соли 1921 дар Петроград баргузор шуда буд, барои қиссаи «Қувват» ба даст меорад.

Сафарҳои Н. С. Тихонов на танҳо барои омӯхтани ҷуғрофияи минтақаҳои гуногун, балки барои ошно шудан бо таърих, зиндагӣ, расму оийн, психология ва ҷаҳони маънавии халқҳои мухталиф арзиши бадеии баланде дорад.

Маҷмуаи ашъори «Роҳ», очеркҳои «Кучманчиён», «Шеърҳо дар бораи Кахетия», ҳикояҳои «Камуфляж», «Халифа», «Полковник Фирӯз», достони «Вамбери» ва ғайра тақвияти ҳокимияти шуравиро «дар заминҳои кӯҳна» нақл менамуданд. Инҳо натиҷаҳои эҷодии сафарҳои дар чаҳор акнофи сарзамини шуроҳо ва таҷрибаи бадеии дарки «маводи нав» ба шумор мерафтанд. Н. С. Тихонов ба Тоҷикистон ҳамчун намояндаи адабиёти рус ва шоири шуравӣ назар мекард ва вазифаи начибонаи интернатсионалист ва ватандӯсти ҳақиқӣ будан рисолати ӯ дониста мешуд.

Кӯшиши ба вуҷуд овардани достони инқилобӣ, кушода додани аҳаммияти байналхалқии Инқилоби кабири Октябр дар шеъри «Соми» [1920] инъикос ёфта буд, ки дар он чеҳраи қаҳрамони нав тавассути истиқболи кӯдаки ҳиндӣ баҳогузорӣ шудааст. Ба фаъолияти минбаъдаи ӯ «ҷустуҷӯи қаҳрамони нав», қаҳрамони ҳаёти ҳаррӯза ва қаҳрамони сохтмони осоишта зам мегардад. Инак, дар шеърҳо («Рӯ ба рӯ», «Вира» ва ғайра), ки муносибати рӯзмарра ва қаҳрамонро тасвир мекунад, қаҳрамони балладаҳо аз байн меравад, «хусусияти романтикию адабӣ», ба ибораи қаҳрамон ҳақиқат пайдо мешавад. Дар таҳаввули эҷодии Николай Тихонов китоби ашъори ӯ бо номи «Ҷустуҷӯи қаҳрамон» як навъ сарчашмаи майлҳои реалистӣ ба шумор меравад. Асолати насри Тихонов, пеш аз ҳама, дар сюжети асарҳои ӯ мебошад, ки одатан, дар ҳолатҳои истисноӣ ба

тасодуфҳо, ки хатти байни воқеият ва тахайюлро норавшан мекунанд, сохта шудаанд. Аз ин рӯ, симои реалистии қаҳрамон баъзан ба таври муқоисавӣ инъикос мегарданд. Тамоюли реалистӣ бештар дар очерки «Бодиянишинон» мушоҳида мешавад. Ашъори ӯ, бахусус, дар «Шеърҳо дар бораи Кахетия» дорои эҳсосоти лирикӣ ҳастанд. Тихонов шоирест, ки ташаккули шахсияти шоиронааш тамоми марҳалаҳои инкишофи усули реализми сотсиалистиро дар назми шуравӣ пурратар ва ба таври хос инъикос намудааст. Дар эҷодиёти ӯ асосан се давраи инкишофи бадеӣ равшан муайян карда шудааст: якум: I9I5—I923, дуюм: 1923—1930 ва сеюм: солҳои 1930—1940. Ашъори Тихонов падидаи беназири комилан мустақил дар адабиёти асри XX аст, аммо ташаккули он бо ду фарҳанги даврӣ (романтикӣ ва реалистӣ) вобаста аст ва дар чорроҳаи онҳо системаи бадеии шоир ба вуҷуд омадааст. Хусусиятҳои услуби эҷодии ӯ аз пайвастани унсурҳои реалистӣ ва романтикӣ, ба ҳам пайвастани онҳо иборат мебошанд. Давраи якуми эҷодиёти Тихонов (I9I5—I923) бо майлу хоҳиши пурҷӯшу хурӯши шоир барои дарки орзую умеди замони инқилобӣ, бо тамом ба хислату вижагиҳои сабки нигориши шоир хос буд. Вай ба пешвози замони нав рафта, кӯшиш мекард, ки мавқеи худро дар ҳаракати умумӣ муайян карда, зимни баррасиҳои лирикӣ ҳадафҳои умумибашариро пайгирӣ намояд. Эҷодиёти Тихонов дар заминаи методҳои символизм, акмеизм, футуризм ва ғайра инкишоф меёфт.

Ашъори Тихонов дар давраи таълифоти «Брага» ду самти ба ҳам зидро ифода мекунад: аз як тараф, шеърҳои сюжетие, ки як равияи услубии романтикию абстрактиро ифода карда, образҳои норавшани рамзӣ ва ирфониро дар бар мегиранд. Аз тарафи дигар, ашъоре, ки шоир аз рӯйи принсипи услуби наср сохтааст, асосан, достонҳои Н.С.Тихонов мебошанд. Шеърҳои Тихонов дар бораи замони муосир ҷустуҷӯи боҷуръате дар жанри эпикӣ маҳсуб мешавад. Ҳамин тавр, марҳалаи дуюми таҳаввули эҷодии шоир оғоз меёбад. Дар ин давра, дар ашъори Тихонов ду принсип ба назар мерасад. Аз як тараф, пурзӯр шудани майли сиёсӣ, таблиғи якдилӣ ва камолоти шаҳрвандӣ, аз ҷониби дигар дар адабиёт тасвир намудани майлу хоҳишҳои романтикии шоир дар мавриди зиндагӣ ҷилва менамуд. Дар адабиёти давраи миёнаи солҳои 20-уми садаи гузашта бо буҳрони романтикаи

абстрактию олӣ, майлу хоҳиши боз ҳам чуқуртар дарк кардани дигаргуниҳои инқилобии мамлакат ва одами типи нав хос буд. Барои Тихонов бошад, муҳимтарин проблемаи инсоният ин дафъа проблемаи қаҳрамони нави он рӯзгор баррасӣ меёфт.

Тамоми гуногунии ҳаёт маводи асосии эҷодиёти шоиронаи Н. С. Тихонов мегардад. Ҳамаи фоҷиаҳо ва низоъҳо, дудилагӣ, шикастҳо, муборизаи майлҳо — ин як қисми таркибии таҷрибаи шоирии ӯ гардиданд. Китоби Тихонов бо унвони «Сояи дӯст» комёбии барҷастаи назми давраи соҳибтаҷрибаи ӯст. Дар он маҳорати олӣ ва ҳақиқӣ ва камолоти идеявии шоир ба ҳам пайвастааст. Мавзуъҳое, ки мундариҷаи онро ташкил медиҳанд, бо умқи фалсафии дарки ҳаёт хонандаро ба ҳайрат меоранд - ин инъикоси илҳомбахши шоир дар остонаи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ мебошад. Дар ин ҷо хотироташ дар бораи ҷанг ва қаҳрамони ҳақиқӣ дохил мешавад. Ҳамаи ин ба эҷоди реализми махсуси Тихонов мусоидат кард, ки завқи ҳамзамонро барои маслаки нав баён менамуд.

Нахустин маҷмуаҳои ашъораш «Орда» ва «Брага» соли 1922 нашр мегарданд. Махсусан, манзумаҳояш, аз қабили «Манзумаи мех» таваҷҷуҳи хонандагонро ба худ ҷалб менамояд, зеро ӯ инсонро дар ин достонаш ба мех шабеҳ медонад, ки дар байни хонандагон ин образи бадеии нав писанд меафтад.

А. Селивановский аввалин китобҳои Тихоновро «падидаи ягона дар шеъри ҷаҳонӣ» номида буд [71, с.351]. Бархе аз мунаққидон услуби шеърнависии Тихоновро бештар ба Александр Блок монанд намудаанд. Дар таърихи назми шуравии рус Н. С. Тихонов маҳз бо достонҳои «Роҳҳо» ва «Киров бо мост» бештар муаррифӣ гардидааст.

Осори дар марҳилаи аввали эҷодиёти шоир (1915-1923) таълифгардида, асосан, мавзуи инқилобро дар бар мегирад. Бояд гуфт, ки шоир рӯ ба рӯйи замонаш гом ниҳода, мавқеи хешро дар ҳаракатҳои иҷтимоии умумимиллӣ меҷӯст ва мақоми худро интихоб менамуд. Дар солҳои 30-юми садаи гузашта, дар натиҷаи сафарҳои Тихонов ба Қафқоз ва Осиёи Марказӣ, осори ӯ бо китоби «Номзадҳо» (соли 1930), романи «Савганд дар туман» (соли 1932), ҳикояҳо ва эссе дар бораи Гурҷистон, Осетия, Доғистон ва дигар минтақаҳо ғанӣ гардид. Дар силсилаи

шеърҳои «Юрга» (соли 1930) Тихонов дигаргуниҳои иҷтимоиро пас аз Инқилоби Октябр дар Осиёи Марказӣ тасвир намуда, дар он шоир ашхоси воқеиро («Дарвозаҳои Гаудан», «Нозири молиявӣ дар Бухоро» ва ғайра) инъикос менамояд. Тихонов дар «Юрга» ба адабиёти шифоҳии Шарқ такя мекунад ва баъдан намунаҳои ашъори мардумии гурҷӣ, чиченӣ, доғистонӣ аз ҷониби ӯ тарҷума мегарданд.

Дар солҳои сиюми асри XX дар натиҷаи сафарҳои Тихонов ба Қафкоз ва Ховари Миёна ӯ очеркҳои «Кӯчманчиён» (соли 1930), повести «Қасам дар абр» (соли 1922), ҳикояҳо ва очеркҳои бахшида ба Гурҷистон, Осетия, Доғистон ва Қабардину Балқарро меофарад. Н. С. Тихонов дар осораш дигаргуниҳои иҷтимоии мардумро инъикос менамояд, ки аз ҷумлаи ин «Манзумаи Кахетӣ» (соли 1935) дар бораи Гурҷистони сотсиалистӣ ба шумор меравад. Пас аз сафари якум соли 1926 ба Туркманистон Н. С. Тихонов шеърҳои «Даъват ба сафар», «Нозири молиявӣ дар Бухоро», «Истгоҳ дар биёбони Қарокум», «Дар баҳри кушод,» «Дарвозаи Гаудан»,

Н. С. Тихонов дар ҷанги Иттифоқи Шуравию Финландия, ки солҳои 1939-1940 ба вуқуъ пайвастааст, ширкат дошт. Ҳамчунин, шоир дар давоми солҳои Ҷанги бузурги Ватанӣ ба ҳайси роҳбари гурӯҳи шоирону рассомон дар бахши таблиғ дар фронти Ленинград кор мекард. Он солҳо шоир очерку ҳикояҳо, мақолаву варақаҳо ва шеъру муроҷиатномаҳо бар зидди фашистон менависад, ки баъдан онҳо дар китоби ҷудогона бо номи «Соли оташин» (соли 1942) интишор мегарданд. Машҳуртарин маҳсули эҷодии Н. С. Тихонов дар солҳои Ҷанги бузурги Ватанӣ, ки ба шаҳри Ленинград ва даҳшати гӯшношуниди сокинони он бахшида шудааст, достони «Киров бо мост» ба шумор меравад.

Воқеан, дар ҳар давру замон инсонҳои хосса ва бузург дар ташвиқу таҳкими сулҳу ваҳдати ҷаҳониён саъйю талоши зиёде варзидаанд, ки аксари онҳо сиёсатмадорон, адибон ва дигар зиёиёни барҷаста будаанд. Николай Тихонов аз ҷумлаи шоироне буд, ки ҳаёти худро дар минбарҳои кунгураю симпозиумҳо ба хотири сулҳу ваҳдати мардуми ҷаҳон бахшида аст. Шавқу ҳаваси баланд ба шеър зиндагии шоирро ба корномае мубаддал менамояд, ки, асосан, ифодакунандаи

мақсадҳои олии инсони мубориз мебошад. Мавсуф соли 1943 пеш аз ифтитоҳи Анҷумани якуми нависандагони шуравӣ ҷаҳду талоши қаламкашонро чунин дарҷ менамояд: «Дар паси сатрҳои шеър бояд як умқи боҳашамате бошад. Ҳодисаҳои бузург, қаҳрамонони бузург ...» [100, с. 8].

Н. С. Тихонов солҳои 1944-1946 ба сифати раиси Шурои нависандагони шуравӣ фаъолият менамояд. Соли 1949 ӯ раиси Кумитаи ҳифзи сулҳи Шуравӣ таъйин мегардад ва соли 1950 аъзои Ҳимояи умумиҷаҳонии сулҳ мегардад. Вай дар ҳайати намояндагии Шуравӣ ба як қатор давлатҳои Осиё ва Аврупо сафар мекунад. Натиҷаи сафари шоир ба Покистону Афғонистон нашри маҷмуаи шеърҳо бо номи «Дуоб» буд, ки соли 1951 дар маҷаллаи «Знамя» интишор ёфта, зуд ҳаводоронро ба худ ҷалб менамояд, чунки шоир дар ин маҷмуа фоҷеаи миллии халқҳои кишварҳои мазкурро инъикос намуда, ҳамзамон мушкилоти ин минтақаро мавриди таҳқиқ қарор медиҳад. Дар шеърҳо ҳақиқати талхи зиндагии одамон дар натиҷаи зулми ғосибони аҷнабӣ ва шуғли талбандагиву поймолшавии ҳуқуқи онҳо, рӯйоварии миллионҳо гурезаҳо ба кишварҳои дигар ва ҷангҳои таҳмилӣ тасвир мешаванд. Дар шеъри «Марсияи афғон» Николай Тихонов аз ғасбкории инглис интиқод намуда, омилҳои фавти одамонро баррасӣ мекунад ва ба хулосае меояд, ки халқи афғон дар мубориза алайҳи ғосибон бояд ғолиб омада, барои истиқлоли меҳани хеш мубориза баранд. Н. С. Тихонов ҳамеша роҷеъ ба тақдири мардуми ҷаҳон андеша менамуд ва дар ашъори худ онҳоро ба зиракӣ ва барои сулҳу ҳамраъйӣ бо башар бар зидди хавфи ҷанг даъват менамуд [101.с.203].

Н. С. Тихонов ба ҳайси раиси Кумитаи сулҳи Иттифоқи Шуравӣ имкон пайдо менамояд, ки ба Ҳиндустон, Покистон, Чин, Таиланд, Индонезия, Лубнон, Сурия, Бирма, Сейлон сафар карда, мушоҳидаҳояшро дар асарҳояш инъикос намояд, ки фаъолияти эҷодии шоир дар «Дувоздаҳ достон» (1925), «Сояи дӯст» (1935), «Ду шоир» (1951), «Дуоб» (1949) ва дигар маҷмуаҳо аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Бинобар таҷассуми сулҳу истиқлолият дар осор ва фаъолияти корӣ Николай Тихонов бо ҷоизаи ба номи Ҷавоҳирлол Неҳру сазовор гардида буд. Солҳои охири зиндагии шоир фоҷиабор ба анҷом мерасанд. Мария Константиновна, ки ҳамсар, рафиқ ва дӯсти наздики шоир буд, аз олам даргузашт. Моҳи январи соли 1979 Н.

С. Тихонов ҳамчун номзад ба вакили парлумон пешбарӣ шуд ва ин охирин фаъолияти ӯ дар арсаи сиёсат ба шумор меравад. Шоир 8-уми феврали соли 1979 дар шаҳри Москва чашм аз олам мепӯшад.

Ҷангҳои ҷаҳонӣ ва Инқилоби Октябр, ки боиси барпошавии давлати Шуравӣ гардида буданд, эҳсоси ватандӯстонаро дар эҷодиёти шоир дар сафи аввал оварда, мундариҷаи ашъори ӯро аз дӯстию рафоқат ва ҳамдигарфаҳмӣ саршор гардонидааст. Н. С. Тихонов аз пирӯзии инсон алайҳи зулму истибдоди абарқудратҳо андешаашро дар осори манзуму мансураш хеле воқеъбинона баён намудааст.

Бояд гуфт, ки ягонагии мавзуъҳои осори Н. С. Тихонов, М. Турсунзода, К. Симонов, М. Бажан, П. Бровка, С. Вурғун, Г. Абашидзе, Р. Ризо, С. Рустам, М. Миршакар, Р. Рождественский, Зулфия, А. Олимҷонов, О. Сулаймонов, Р. Ғамзатов, Э. Межелайтис ва дигар адибони шинохтаи даврони шуравӣ ифодакунандаи масъалаҳои дӯстии халқҳо ва пойдории сулҳи сайёра ба шумор мераванд, ки имрӯз ҳам аз лиҳози мазмун кӯҳна нашудаанд.

В. Шошин, мунаққиди осори Н. С. Тихонов, дар мавриди заҳматҳо ва робитаҳои ин суханвар мутазаккир мешавад: «Дар бинои Кумитаи ҳифзи сулҳ дар шаҳри Маскав Николай Семёнович садҳо намояндагони хориҷӣ ва ходимони ҷамъиятӣ, фарҳангӣ ва давлатиро қабул мекард. Он ҷо адибони шуравӣ, нависандагон Ҷорҷи Амаду ва Файз Аҳмад Файз, президентони Шурои байналмилалии сулҳ Бернал ва Жолио Кюриҳо, шоир Пабло Неруда ва садҳо ашхоси машҳури сатҳи ҷаҳониро истиқбол намудааст. Н. С. Тихонов барои тақдим намудани ҷоизаи ленинӣ ба аксар кишварҳои ҷаҳон сафар менамуд ва аз минбарҳо ҷиҳати пойдории сулҳу амонӣ ҳарф мезад» [100, с.130-131].

Дар осори гуногунмавзуи Н. С. Тихонов шеър мавқеи асосӣ дорад. Чи хеле ки дар боло зикр намудем, ҳанӯз аз наврасӣ шоир ба иншо намудани шеър машғул мегардад. Соли 1922 ду китобаш - «Орда» ва «Брага» интишор мегарданд. Дар муқоваи ҳар ду китоб нишондоди соли навиштани шеърҳо ишора гардидааст: 1919–1921 («Орда») ва 1921–1922 («Брага»). Яке аз анъанаҳои асосии шоир ин буд, ки соли эҷоди шеърҳои худро ҳатман зикр менамуд. Бо ин замони нашри ашъори

шоир муайян мегардид ва охирон маҷмуаи ашъори ӯ низ фарогири шеърҳои солҳои 1970-1971 мебошад: «Стихотворения 1970–1977 гг.».

Николай Тихонов натиҷаи сафарҳо, хотирот ва мушоҳидаҳои худро дар наср низ баён менамуд. Дар очеркҳои солҳои Ҷанги бузурги Ватанӣ, ки дар китоби «Соли Ленинград» («Ленинградский год») фароҳам омадаанд, ҳамлаҳо ва набардҳо хеле амиқу равшан тасвир ёфтаанд. Дигар осори насри ин адиб дар бораи Ҳиндустон ва Покистон мебошад, ки хусусияти асосии онҳоро муъҷазбаёнӣ ташкил медиҳад.

Осори шоир дар 7 ҷилд солҳои 1973-1976 нашр гардидааст, ки дар он баробари мавзуъҳои маъмули замони шуравӣ андешаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии адиб баён гардидааст. Дар мавриди осори Николай Тихонов дар замони шуравӣ ва баъди он низ муҳаққиқони зиёде андешаҳои худро баён сохтаанд. Хусусияти барҷастаи осори Н. С. Тихонов аз он иборат аст, ки дар он воқеияти рӯзгори инсонӣ новобаста аз мансубияти миллӣ бо сабки хосе таҷассум гардидааст.

Сарчашмаи асосии фаъолияти васеи ӯ ин воқеияти давр аст, ки замони шуравӣ байни понздаҳ кишвари ҷамоҳири бо ҳам иттиҳод марз нагузошта буд ва ҳама ба қавле «дар як хона» мезистанд ва Н. С. Тихонов бо ифтихоре дар ин маврид таъкид мекунад: «Ман Ватани Шуравии худро дӯст медорам. Чунки ӯ ба ман оилаи беҳадду канор, хонаи бузургеро ато намудааст: куҷое бошам - ба юрти қазоқ, дар рӯйи яхҳои Арктика, дар шаҳрҳои Шимол ва Ҷануб, хонаи деҳқони гурҷӣ, дар кулбаи тоҷики кӯҳистонӣ, дар боғи ангури молдовӣ ва ё ҷангалҳои латишӣ, деҳаи литовӣ, дар Арманистон ва ё Шарқи Дур, дар Москва ва Киев, дар мавриди Ленинград ҳоҷати сухан нест, ҳамеша дар хонаи худам ҳастам» [131, с.31-32].

Дар айни замон, алалхусус, аз охири асри ХХ муборизаи кишварҳои мутараққии Ғарб барои дарёфти захираҳои нав таҳти унвони геополитика падид омад. Дар ин шароит асарҳои шоирони шуравӣ дар мавриди мушкилоти кишварҳои Шарқ ва муборизаи онҳо барои зиндагии беҳтар боз ҳам актуалӣ ва муҳим мебошад.

Бинобар ин, он чӣ Н. С. Тихонов ва ҳаммаслакони ӯ дар мавриди сулҳи башар гуфтаанд, сазовори омӯзишу таҳқиқ аст. Н. С. Тихонов бо рисолати некхоҳӣ, муборизa барои сулҳ дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва Ховари Миёна

муддати мадиде сафар карда буд. Шеърҳо ва осори насрии Николай Семанович Тихонов дар бораи Шарқ як навъ падидаест, ки дар онҳо дунёи нав бо тамоми ҳастӣ тасвир гардидааст. Инсонгароии Н. С. Тихонов ҳам як зуҳуроти мураккаб аст, зеро он аз шинохти воқеияти тинати инсон, ормонҳо, майлу хоҳишҳои мусбат ва манфии ӯ сарчашма мегирад. Николай Тихонов ҳаёти пуртуғёни эҷодиро аз сар гузаронидааст. Мавзуи ашъори ӯ на фақат бастаи замони ӯ буд, балки имрӯз низ баёнгари вазъи ноором ва беэътиноии ҷомеаи инсонист. Н. С. Тихонов дар қатори дигар шоирони муборизи ҷаҳон исми худро дар сафҳаи таърих ба ҳайси қосиди сулҳ ва дӯсти ҳамешагии башар навиштааст. Шоир дар ташаккули адабиёти муштараки шуравӣ дар инкишофи реализми сотсиалистӣ дар назм ва насри бадеӣ саҳмгузор буда, мавзуи инсонпарварӣ ва худшиносии миллатҳои мухталифро сароидааст.

Воқеан, реализм офаридани типҳоеро тақозо мекунад, ки фардҳои муайяну машаххасси иҷтимоӣ ҳастанд. Ба шаклҳои баркамоли реализм типӣ ва фардӣ гардонидани характерҳо хос мебошад. Инъикоси объективии ҳақиқати ҳаёт яке аз принсипҳои хоси реализм буда, на танҳо монандии зоҳирии предмети тасвирро бо воқеаҳои зиндагӣ, балки ҳаққонияти идрок ва инъикоси моҳияти ҳаёт, аҳаммияти иҷтимоии ғояи асарро низ ба эътибор мегирад. Шоири воқеънигор бо қайду шарҳи руйдодҳои зиндагӣ қаноат накарда, ба онҳо аз мавқеъ ва ҷаҳонбинии муайян наздик мешавад. Дар адабиёти реалистӣ муносибати мураккаби иҷтимоии инсон, ҷаҳони маънавии ӯ, характерҳои барҷаста, таъсир ва муносибатҳои мутақобилаи вазъияту характерҳои типӣ инъикос мешаванд. Адабиёти реалистӣ конфликтҳои амиқи ҳаётӣ дошта, воқеияти пур аз тазоди маишӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоиро тасвир мекунад, ҳаётро дар мусодамаҳои драматикӣ, бо падидаҳои фоҷиавию мазҳакавии он нишон медиҳад. Воқеияти ҳаёт дар осори реалистони ҳақиқӣ пайваста бо муҳаббат нисбат ба инсон, ҳамдардӣ ба ғаму андӯҳ ва бадбахтиҳои ӯ намудор мегарданд.

Ҳикояҳои «Бозгашт» ва «Достони мамлакати кӯҳистон» тарзи тафаккур ва зиндагиро дар Шарқ инъикос намудааст. Тақдири шарқиён ҳам эҳтиром ва ҳам таассуфро ба вуҷуд меорад.

Мавзуъҳои ҳамкории байналмилалӣ, мубориза баҳри сулҳ, ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ нигоҳи дақиқро талаб менамуданд. Н.С. Тихонов ҳамеша ҷаҳд менамуд, ки дӯстони навро ҷустуҷӯ кунад ва аксар маврид ба мақсадҳояш мерасид.

Аҳаммияти тарҷумаи бадеӣ дар амалияи эҷодӣ дар айни замон барои муайян намудани мақом ва нақши тарҷума дар ҷараёни адабӣ, хусусиятҳои вазифавӣ ва тамоюлоти асосии инкишофи он хеле муҳим мебошад. Тарҷумаи бадеӣ дар замони шуравӣ дар адабиёти тоҷик, асосан, аз осори адибони муосири рус ва осори ба забони русӣ тарҷумагардидаи адабиёти хориҷ шуруъ мегардад. Яке аз муҳиммияти тарҷума дар он аст, ки воқеияти асари бадеӣ дар он таҷассум гардад, матни муаллиф илова нагардад ва бадеияти он мутобиқи муҳит ороста гардад. Ҳарчанд то солҳои 50-уми асри гузашта барои сода намудани забони тоҷикӣ мубориза мерафт ва тарҷумаҳо хеле сода буданд, аммо нақши асосии мутарҷимҳо дар ташаккули робитаҳои адабӣ ва интишори ғояҳои нави эҷодӣ назаррас аст.

«Ҳикояҳо дар бораи Покистон» барои таҳқиқу ҳалли масъалаҳои умумибашарӣ хидмат намуда, ба ҳайси мавзуи умумибашарӣ пазируфта шудааст. Дар адабиёти муосири тоҷик ба мавзуъҳои фавқ аз диди нав ворид гардида, тараннуми Шарқи озод дар осори адибони муосир имрӯз низ ба назар мерасад.

Ашъори Тихонов падидаи нотакрор ва комилан мустақили қарни бистум аст ва ташаккули он бо ду раванди муосир - романтикӣ ва реалистӣ, ки дар чорроҳаи онҳо низоми бадеии шоир ба вуҷуд омадааст, алоқаманд мебошад. Хусусиятҳои методикаи эҷодии ӯ ба туфайли ба ҳам пайвастани унсурҳои реалистӣ ва романтикӣ тавлид ёфтаанд. Масалан, Тихонов дар «Биёбоншинон» на танҳо ҳамчун нависандаи бомаҳорат намоён мешавад, балки ҳамчун сиёсатмадор ва воқеънигори серғайрат, ки масъалаҳои муҳимро мехоҳад ба миён гузорад, андешаронӣ менамояд.

Ҳамин тавр, дар марҳилаи нави таърих, дар оғози асри нави бисту якум омӯзиш ва бознигарии эҷодкориҳои ин шоири барҷастаро ҳамчун пойдории арзишҳои эстетикӣ ва бадеӣ донистан мумкин аст. Мақсади асосии рисола кӯшиши ошкор намудани асолати бадеӣ ва навоварии эҷодиёти Н. С. Тихонов мебошад.

Назари Н.С. Тихонов ба адабиёти тоҷик

Пажӯҳиши робитаҳои адабӣ, яъне равобити муштараки адабии ду миллат ё бештар аз он, ҳаёти фарҳангӣ, ҳатто сиёсиву иҷтимоӣ ва мазҳабии тарафҳоро возеҳу равшан менамояд. Баъзан ба назар мерасад, ки муҳаққиқон дар аснои омӯзиши равобити адабии ду миллат якеро таъсиргузор ва дигареро таъсирпазир қарор додан мехоҳанд. Комилан наметавон гуфт, ки дар асоси таъсири адабиёти як миллат адабиёти миллати дигаре ба вуҷуд омада бошад.

Таъсири ҳақиқӣ ва ҳамешагии ду адабиёт, ин, пеш аз ҳама, таъсири ҷаҳони андеша, илҳом аз ҳувияти адабиёт ва рисолати онҳо мебошад. Аз ин бармеояд, ки меъёри аввал агар эътимоди махсусиятҳои адабӣ-миллии халқи дигар бошад, меъёри дуюм боло гузоштани таъсири маънавӣ аз таъсири шаклист. Яъне меъёри дуюм на шакл, балки пайдо кардани маънӣ аст. Дар навбати худ, метавон гуфт, ки меъёри дуюм нишондиҳандаи аслии таъсири адабиёти ду миллат аст ва он ду аломатро дорост: яке айнӣ ва дигаре зеҳнӣ. Аз ин хотир, агар хоҳем, ки таҳаввули анъанаҳои воқеии адабиёти нави худро, масалан, дар адабиёти классикии тоҷик мушоҳида кунем, метавон дар асоси ҳамон ду аломат таҳқиқро оғоз кард. Аммо агар мушоҳида кунем, ки дар асари ин ё он адибу шоир мазомини дар осори классикии форсу тоҷик маҳфузбуда ба назар мерасад, ин ҳамоно таъсири зеҳнӣ аст.

Адабиётшинос Валӣ Самад дар «Пайвандҳои адабӣ чун омили муҳимми инкишофи адабиёт» ба таври мушаххас бо асноду далелҳо мавҷудияти чунин шаклҳо ва зуҳуроти равобити адабиро исбот карда буд. Дар рисолаи «Пайвандҳои адабии халқи тоҷик», ки ба қалами пажӯҳандагони пайвандҳои адабӣ Ҳ. Шодиқулов ва А. Давронов мутааллиқ мебошад, оид ба таҷрибаи таърихӣ ва анъана, доираи ҳамгирой ва гуфтугӯи тамаддунҳо сухан рафта, онро як навъ ҷамъбасти мулоҳизаҳо дар атрофи робитаҳои таърихии адабиёти тоҷик бо халқҳои дигари мутамаддин меноманд [98, с. 11].

Дар ҳамин замина метавон зикр намуд, ки робитаҳои адабии шоирони тоҷику рус дар замони шуравӣ хеле равнақ ёфта буд. Солҳои баъди Ҷанги бузурги Ватанӣ барои адабиёти тоҷик давраи муҳимтарини таърихӣ маҳсуб мешуд. Дар ин давра

қисми асосии осори адибони тоҷик ба забони русӣ тарҷума шуда, ҳамаи халқҳои собиқ ҷамоҳири Шуравӣ имкони бо осори адабии С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода, М. Миршакар, Ҷ. Икромӣ, М. Қаноат, Л. Шералӣ ва дигарон ошноӣ пайдо намуданро пайдо карданд.

Таҷлили даҳаи адабиёти рус дар Тоҷикистон ва чанд даҳаи адабиёти тоҷик дар Маскав дар инкишофи робитаҳои адабии тоҷику рус заминаи тозаеро барқарор менамуд. Даҳаҳои адабиёт ва фарҳанги тоҷик дар шаҳри Маскав дар солҳои гуногун, моҳи апрели соли 1941, моҳи сентябри соли 1949, ва баъдан солҳои 1957 ва 1965 баргузор шудаанд. Адибони рус бошанд, дар солҳои 1960 ва 1963 бо мардуми тоҷик вохӯриҳои судманд барпо намуда, аз навгониҳои осори худ онҳоро воқиф намуда буданд.

Ҳамоҳангии бузургро дар густариш ёфтани ҷараёни умумифарҳангӣ шакли нав бозидааст, ки ин падида фарҳанги умумимиллии шуравиро ба вуҷуд овардааст. Фарҳангу адабиёти миллатҳои мухталифи шуравӣ бо анъанаҳои ба худ хос тараққӣ мекарданд ва мазмуну мавзуъҳои адабиёти онҳо ҳариб ягона буд.

Бинобар барҳамхӯрии низоми шуравӣ ҳамоҳангии робитаҳои адабӣ то андозае коҳиш ёфт. Муносибатҳои адабии халқҳои гуногун ҳамеша яке аз ҷузъҳои мубодилаи фарҳангии муштарак буданд. Васеъ гардидани муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии байни мардум ҳамеша онҳоро ба мубодилаи маънавӣ, ғанӣ гардидани муносибатҳои мутақобилаи фарҳангҳо ва халқҳо водор менамояд.

Яке аз намунаҳои равшани чунин ҳамкорӣ дар адабиёти ҷаҳонӣ муносибатҳои таърихӣ ва фарҳангии халқҳои тоҷик ва рус мебошад, ки тӯли асрҳо идома дорад. Таъсири як адабиёт ба адабиёти дигар бо роҳҳои гуногун рух медиҳад ва якеаш тарҷума аст, ки дар амалисозии равобити адабӣ нақши муҳим дорад.

Ду ҷанбаи равобити адабӣ ва ҳамкориҳои тоҷику русро бояд ҷудо кард: таъсири адабиёти халқҳои Шарқ, аз ҷумла, адабиёти тоҷик ба адабиёти рус ва дуюм таъсири адабиёти рус ба адабиёти тоҷик дар асри ХХ, хусусан давраи шуравӣ. Дар мавриди ташаккули робитаҳои адабии мардуми тоҷик бо тамоми халқҳои собиқ шуравӣ борҳо дар суханрониҳои аҳли илму адаб тазаккур гардидааст. Аз ҷумла, М.

Турсунзода таъкид менамояд, ки ин робитаҳо на фақат дар даҳаҳо ва вохӯриҳо, инчунин дар таҳияи нақшаҳои адибон ва баёни андешаҳои ҳамдигар низ рух медиҳанд. Ба андешаи суханвар ҳар асаре, ки интишор меёбад, дар кишварҳои дигари шуравӣ паҳн мегардад [173, с.280]. Муҳаммадҷон Шакурӣ дар пешсухани китоби Валӣ Самад «Тӯшаи ҳамдилӣ» моҳияти омӯзиш ва таҳқиқи робитаҳои адабиро ин гуна шарҳ додааст: «Омӯхтани робитаҳои адабӣ барои муайян кардани моҳияти адабиёти ҳар халқе, барои фаҳмидани чигунагии тафаккури бадеии вай аз вазифаҳои асосист ва дар айни замон пайванди халқҳоро устувор мекунад. Аз ин ҷост, ки ин шохаи адабиётшиносӣ ҳоло дар илми тоҷик ҳар чи бештар қувват меёбад» [64, с.5].

Дар ҳамин замина метавон гуфт, ки Н. С. Тихонов дар мавриди нашр ва тарҷумаи ашъори М. Турсунзода ба забони русӣ кӯшишҳои зиёде намудааст. Пайваста ба ин аз аҳволи шоирони тоҷик огоҳӣ меёфт. Мавзуи ашъори М. Турсунзода аз диди Н. С. Тихонов мутобиқи замон буд. Тихонов шеъри «Тара Чандри»-ро, бахусус, қайд намуда, онро беҳамто мешуморад ва мутмаин аст, ки маҳорати шоир дар ин шеър хеле олӣ инъикос ёфтааст. Ба ақидаи Николай Тихонов яке аз мушкилиҳои асосии мамолики Шарқ нобаробарии ҳуқуқи занону духтарон аст. На танҳо ӯ бо Турсунзода, балки тамоми инсонҳои худогоҳ образи зани озоди ин минтақаро дар осорашон тасвир намудаанд. Шояд аз ҳамин хотир аст, ки шоири шуравӣ ҷиҳати баҳогузории ашъори М. Турсунзода мегӯяд: «Мо, шоирони советӣ, М. Турсунзодаро нағз мешинохтем ва самимона дӯст медоштем. Шоирони мутарҷим хеле меҳнат ба сарф оварданд, то ки ба хонандаи рус асарҳои ӯро пурра ва ҳаққонӣ дастрас намоянд» [90, с. 19].

Дар идомаи ҳамин андеша Н. С. Тихонов ба мавзуи озодии занон дар ашъори М. Турсунзода баҳои баланд дода, таъкид мекунад: «Чун идомаи тавсиф шоирони асрҳои гузашта, ки зебоии ҳамасрони худро сурудаанд, Мирзо Турсунзода бисёр шеърҳои худро ба занони даврони мо бахшид, ақлу хирад ва назокату истеъдоди онҳоро васф кард:

Зан ба ман маълум шуд, ки офтобӣ будааст,

Кори ӯ ҳам дилбарӣ, ҳам дилхаробӣ будааст.

Пас ҳама гӯянд, ки: «бигзор, зан бошад мудом,

Зиндагӣ бо зан хуш асту умр бо зан бардавом» [90, с. 17].

Н. С. Тихонов ба адабиёти тоҷик чун адабиёти дорои ғановати волои маънавӣ ва машҳуру маълум рағбати хосса дошт ва истеъдоди фитрии ин мардумро ҳеҷ гоҳ инкор накардааст: «Халқи тоҷик соҳиби истеъдодҳои мусиқӣ ва санъати театрие мебошад, ки берун аз Иттифоқи Советӣ ҳам маълуму машҳуранд. Ҳайкалтарошон ва рассомон бо илҳоми тоза асарҳои нав эҷод мекунанд, аммо дар ин ҷо бештар санъати баланди шеър ва сухани бадеиро меписанданд. Аз ин рӯ, сатрҳои пурҳарорати Абдулқосим Лоҳутӣ, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, Муъмин Қаноат дар ин диёр басо машҳуранд ва ба дили мардум роҳ ёфтаанд» [90, с. 14].

Ҳанӯз соли 1927 Н. С. Тихонов ҳикояҳои хурди «Халифа», «Шаш туман», «Нозирони молиявӣ дар Бухоро», «Полковники туркӣ», «Ҳикоя бо саёҳатҳо» ва ғайраро ба табъ мерасонад, ки онҳо аз ҳаёти мардуми Осиёи Миёна, аз ҷумла, тоҷикон нақл мекунанд.

Аз асарҳои номбаршудаи Н. Тихонов ҳикояи «Халифа» мустақиман ба Тоҷикистон бахшида шудааст. Ин ҳикоя аз «минтақаҳои наздисарҳадии ҷанубии» Тоҷикистон баҳс мекунад. Мавзуи асосии ҳикоя ҷанги шаҳрвандӣ, шикасти гурӯҳи босмачиён бо роҳбарии Анвар ба шумор меравад. Ҳикоя дар асоси маводи ҷамъоваришуда, ки ба муаллиф ҳангоми сафари нахустини худ ба Осиёи Марказӣ даст дода буд, навишта шудааст.

Сафари дуюми Н. Тихонов дар Осиёи Миёна (соли 1930) таассуроти нависандаро оид ба Тоҷикистон пурра намуда, китоби эссеҳои сайёҳии «Номзадҳо»-ро таълиф менамояд, ки хеле ҷолибанд.

Ҳамин тариқ, дар солҳои минбаъда таваҷҷуҳи Н. Тихонов ба Тоҷикистону тоҷикистониниён зиёд мешавад, дар бораи Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ Неъмат Қарабоев нақл намуда, дар он корномаи ҷавонпаҳлавони тоҷикро алайҳи фашистон ба тафсил шарҳ додааст. Тасвири қаҳрамонии фарзанди тоҷик аз ҷониби Н. С. Тихонов шоистаи таҳсин аст. Чунки дар айни замон бештари корномаи ҷанговарон

дар Ҷанги бузурги Ватанӣ номаълум мондаанд. Нависанда дар ин ҳикоя амалиёти ҷангии Неъмат Қарабоевро дар хатти ҷанг, муносибати ӯро бо ҳамразмонаш ва билохира, қаҳрамонияшро бо обу тоби бадеӣ баён намудааст. Масалан, ҷузъиёти зерин: «Агар бегоҳӣ дар вақти ҷангҳо ба ҷанговарон хӯроки гарм додан лозим меомад, хӯрокҳоро ба термосҳо меандохтанд ва Неъмат як қисм термосҳоро дар пушти худ мебаст, қисми дигарашро пеш-пеши худ дар болои барф тела дода мебурд ва баъзан ресмонҳои онҳоро ба мӯзаи намадинаш баста, аз ақиби худ мекашонд» [88, с. 2].

Дар ҳикоя симои ин ҷавони далери тоҷик барҷаста инъикос гардидааст ва бахусус, эътимоди Неъмат Қарабоев нисбат ба марзи Ватани шуравӣ самимона садо медиҳад.

Н. С. Тихонов дар ҷашни чилсолагии адабиёти шуравӣ ва тайёрӣ ба анҷумани Иттифоқи нависандагон дар пленуми Иттифоқи нависандагони ИҶШС соли 1958 маъруза ироа карда буд. Дар ин маъруза аз сермаҳсулии адабиёти нави тоҷик сухан намуда, ба зудӣ интишори асарҳои бадеиро мутобиқи талаби замон зикр намудааст: ки «Сели оҳанин»-и Серафимович ба дунё омад, Садриддин Айнӣ «Одина»-и худро навишта тамом кард» [89, с. 7]. Дар ҳамин маъруза зикр мешавад, ки «дар солҳои аввали мавҷудияти адабиёти советӣ дарҳамбарҳамии муғлақи гурӯҳҳо, ҷараёнҳо, усулу услубҳо, ҷустуҷӯи шаклҳои нав, таҷрибаҳои адабӣ мушоҳида мегардад» [89, с. 9]. Дар тавлиди қаҳрамони нав - нахустин қаҳрамонҳои миллӣ саъйю талоши тамоми адибони шуравиро ёдрас намуда, Мирзо Турсунзода ва Сотим Улуғзодаро дар байни адибони дигари Шуравӣ ба ҳайси адибони пешқадам муррифӣ менамояд.

Маърузаи дигари Н. С. Тихонов таҳти унвони «Адабиёти тараққипарвари ҷаҳон» бе ишораи тарҷумон дар маҷаллаи «Шарқи Сурх» соли 1955 таҳти №8 нашр мегардад. Маърузаи иловагии Н. С. Тихонов дар анҷумани дуюми умумииттифоқии нависандагони советӣ таҳти унвони «Адабиёти тараққипарвари ҳозираи ҷаҳонӣ» дар ҳамин нусхаи соли 1955, №8, саҳ. 78-122 нашр гардида буд, ки дар он таҳқиқоти ҷолиби Н. С. Тихонов роҷеъ ба адабиёти пешқадами ҷаҳонӣ баён гардидааст. Маъруза аз қисматҳои мавқеи афзояндаи адабиёти тараққипарвар,

манбаъҳои қувваи адабиёт, анъанаҳои таърихии он ва тамоюлоти инкишофи адабиёти тараққипарвар дар давраи нав иборат аст. Н. С. Тихонов дар мавриди муҳиммияти адабиёти дорои ғояҳои пешрафта андешаронӣ намуда, тазаккур додааст, ки «дар вақти ҳозира адабиёти тараққипарвар дар ҳаёти халқҳо на танҳо як машъали равшанкунандаи роҳи пешравист, балки як қувваи қодиру тавоно ва ташкилдиҳанда низ мебошад. Фронти васеи он ба тамоми қитъаҳои рӯйи замин паҳн шудааст ва ба нигоҳдорӣ ва мустаҳкамшавии амну амонӣ ва сулҳу осоиш мадад мерасонад» [77, с. 78]. Ба андешаи Н. С. Тихонов «Ҳақиқати ҳаёт ба дили ҳар як асари муҳим даромадан мехоҳад» [77, с. 79].

Дар маърузаи мазкур Н. С. Тихонов дар мавриди вазифаҳои асосии адибони ҷаҳонӣ дар назди башарият андешаашро таъкид мекунад, ки: «Мубориза барои сулҳ, мубориза ба муқобили ҷанги ҷаҳон ба мо имконият медиҳад, ки алоқаҳои худамонро беандоза васеъ намуда ва онҳоро дар шакли ҳамкории осоишта ва маданӣ мустаҳкам намоем» [77, с. 80].

Андешаҳои Н. С. Тихонов дар мавриди адабиёти нави Ҳинд, ки дар пояи истиқлолияти ин сарзамин ташаккул ёфта буд, хеле ҷолиб аст. Нашъунамои адабиёти нави Ҳиндро аз хидмати шоёни Робиндранат Такур ва Прем Чанд дониста, дар ин замина андешаҳои Прем Чандро ҳангоми баромад дар конференсияи якуми нависандагони пешқадами Ҳиндустон мисол меорад: «Дар болои таҳкурсие, ки мо андохтаем, адабиёти наве ба вуҷуд омада, гул-гул мешукуфад, ки пур аз фикрҳои чуқур буда, барои озодӣ кӯшиш мекунад» [77, с. 97].

Ҳамин мавзуъҳои истиқлолхоҳӣ дар асарҳои маорифпарварони Сурия, Либия, Ироқ ва дигар кишварҳои Шарқи Наздик инъикос ёфта буданд. Махсусан, таваҷҷуҳи Н. С. Тихонов ба маҷаллаи «Ат-тариқ», ки дар Миср аз соли 1941 интишор гардидааст, зиёд мебошад. Адиб тазаккур медиҳад, ки «Ҳиссае, ки ин журнал ба кори сулҳ ҳамроҳ мекунад, ба андозае қиматбаҳо ва ба назар намоён аст, ки дар соли 1950 барои хизматҳои бузурге, ки дар роҳи тарғиб намудани сулҳ кардааст, ба журнали «Ат-тариқ» медали тиллои Сулҳ дода шуд. Мақоми ин маҷалла дар якҷоя кардани қувваҳои нависандагони тараққипаравар хеле калон мебошад» [77, с. 100].

Н. С. Тихонов борҳо ба мавзуи Тоҷикистон рӯ оварда, дар мавриди арзиши бадеии адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик ибрози андеша кардааст. Дӯстии ӯ бо шоири маъруфи тоҷик М. Турсунзода солҳои дароз идома ёфта буд ва шоири тоҷик эҳсосоти қалбашро нисбат ба Н. С. Тихонов ҷое чунин иброз менамояд: «Тихонов ҳам ба ҳаёти халқҳои Шарқ ба як тарэи табиӣ пайванд гаштааст.Ман ҳамроҳи Николай Тихонов ба мамлакатҳои Шарқ сафар кардаам, ки ин барои ман хушбахтӣ буд. Мо соли 1949 аввалин бор ба Покистон сафар карда будем ва ин дар лавҳи хотир нақш бастааст» [173, с.257].

Н. С. Тихонов дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 1100 - солагии Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ маъруза баён менамояд ва Рӯдакиро қуллаи партавафкан меномад ва тазаккур медиҳад, ки «образи дурахшони шоир дар пеши назари мо намоён мешавад ва дили моро ба шавқ меорад. Ӯ ҳамаи шаклҳои назмеро, ки дар замони вай ҳукмфармо буданд, мукаммал медонист. Ин навовар ва устоди ашъори хеле мураккаб дам ба қасидаи баланд, дам бо суруди ғамангез ва ошиқона, дам бо рубоию маснавиҳои дилнишин ва дам ҳамчун сароянда баромад мекунад» [85, с.

Н. С. Тихонов дар мавриди хидмати шоистаи мардуми тоҷик дар арсаи фарҳанги ҷаҳонӣ андешаашро иброз менамояд ва зикр мекунад, ки «Халқи тоҷик аз шарбати сершираи ҳаёт фарзанди баҳодури худ – Рӯдакиро офаридааст, то ки вай сипаҳсолори назми тоҷик гардид. Баъд аз сари Рӯдакӣ асрҳо гузаштанд. Сароянда ва мусиқишиноси хоксор, ки қасри Сомониёнро дидааст, кулбаи хурди деҳаи ҷоноҷонаш – Панҷрӯд, ки дар ин ҷо таваллуд ёфтааст, макони муқаддас ёдоварӣ гардид» [85, с. 2].

Рӯдакӣ аз рӯйи андешаи Н. С. Тихонов, қуллаи партавафканест, ки эҷодиёти вай дар тамоми дунё маълум аст, образи дурахшони шоир дар пеши назари мо намоён мешавад ва дили моро ба шавқ меоварад. Дар ҳамин маъруза муаллиф бузургии назмро аз он медонад, ки «онро халқ фаромӯш накунанд ва он ғалабаи қатъии назм аст». Минбаъд Тихонов бо камоли рағбат замони Рӯдакиро бо давлатдории муҳташами ҷаҳонӣ муқоиса намуда, замони нашъунамои давлати Сомониёнро замони муборизаҳо зидди аҷнабиҳо хондааст. Дар навбати худ

Рӯдакиро вассофи сулҳу якдилии ҷаҳон дониста, байти зеринро аз ашъори шоир мисол меорад:

Ҳама наюшаи хоҷа ба накӯию сулҳ аст,
Ҳама наюшаи нодон ба ҷангу фитнаю ғавғост [85, с. 2].

Бояд гуфт, ки байти мазкури Рӯдакӣ дар ҳамин шакл дар матни маъруза интишор гардидааст ва нусхаи дигари он дар девоне, ки соли 2017 Қодири Рустам омода намудааст, чунин аст:

Ҳама наюшаи хоҷа ба некуиву ба сулҳ,
Ҳама наюшаи нодон ба ҷангу кори ниғом [116, с. 90].

Пораи шеърии дигаре, ки Н. С. Тихонов барои муайян ва қиёс намудани вазъи зиндагии мардуми тоҷик ба замонҳои пеш мисол меорад, ин аз қасидаи «Шикоят аз пирӣ»-и устод Рӯдакӣ мебошад: «Рӯдакӣ бошад имрӯз қасри назми худро барои ҷилва додани ашъори ҷовидонааш пешкаш карда метавонад.Рӯдакӣ навиштааст:

Куҳан кунад ба замона ҳамон куҷо нав буд,
Ва нав кунад ба замона ҳамон, ки хулқон буд,
Басо шикастабиёбон, ки боғи хуррам буд,
Ва боғи хуррам гашт, он куҷо биёбон буд» [85, с. 2].

Шакли дурусти порчаи зикргардида дар девоне, ки соли 2017 Қодири Рустам омода намудааст, чунин аст:

Куҳан кунад ба замоне, ҳамон куҷо нав буд,
Ва нав кунад ба замоне ҳамон, ки хулқон буд,
Басо шикастабиёбон, ки боғи хуррам буд,
Ва боғи хуррам гашт, он куҷо биёбон буд [116, с. 37].

Тихонов бо як меҳру муҳаббати зиёд тазаккур медиҳад: «Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ яке аз ҳамсафарони абадии инсоният мебошад. Ӯ дар роҳҳои душвор ва хатарнок ҳамроҳи бисёр наслҳо буд ва ӯ дар роҳи сулҳ, бахту саодати халқҳо низ

ҳамроҳи мост» [85, с. 2]. Албатта, дар маърузаи фавқ Н. С. Тихонов аз муваффақиятҳои мардуми тоҷик дар замони шуравӣ ёдовар шуда, баробари он ба осори пурмазмуни Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ баҳои баланд додааст.

Дар пешсухани маҷмуаи шеърҳои шоирони ҷавони тоҷик бо забони русӣ бо номи «Таронаҳои сапедадам» (Утреняя книга») Н. С. Тихонов нисбат ба шорони ҷавони тоҷик ҳусни таваҷҷуҳи зиёде намудааст. Муаллиф дар муқаддимаи китоб таъкид мекунад, ки адабиёти тоҷик дар гузашта ва имрӯз низ соҳиби шоирони тавонои бузургест. Ба андешаи ӯ, «Шеърҳои шоирони ҷавони ин кишвар боз ҳам дилработар ва баёни онҳо бурротару гӯётар аст, аз онҳо набзи замони нав эҳсос мешавад. Шеърҳои ин китоб аз тасвирҳои беҳуда, суханпардозиҳои маҳз, изтиробу ҳаяҷони бардурӯғу содалавҳона холӣ мебошанд... Ин шоирон вазифаи худро ба хубӣ мефаҳманд, мақсадашон муайян аст. Онҳо нисбат ба қисмати инсон, ҳаводиси дунёи бузург, фикру андешаҳои ҳамзамонони худ, бетараф буда наметавонанд» [163, с. 3].

Дар пешсухани китоб Н. С. Тихонов шеъри шоирони ҷавони солҳои 70-умро дар бораи манзараҳои баҳор басо дилкашу муассир тасвир менамояд: «Аз ҳар саҳифаи китоби «Таронаҳои сапедадам» бӯйи баҳор мерасад, шукуфтани лолаю себарга, бунафшаю наргис пеши назар меояд. Хонандаи китоб худро миёни боғи сабзу ҳурраме, миёни себзорони гулпӯше тасаввур мекунад, садои ҷавононеро, ки аз кори саҳрою сайри боғҳо бармегарданд, ба хубӣ мешунаванд» [163, с.3].

Ба андешаи Н. С. Тихонов, «Шоирони ҷавон нағз мефаҳманд, ки замони нав, зиндагии нав аз онҳо чӣ чиз тақозо дорад ва чунон ки Ғоиб Сафарзода гуфтааст, дар роҳи иҷрои талабҳои замон ба қадамшуморӣ ҳоҷат нест:

Зиндагӣ беист бинмояд шитоб
Рӯ ба сӯи рӯзҳои босафо.
Кай тавон акнун шумурдан ҳар қадам?
Нест фурсат бингарам боре қафо» [163, с. 3].

Эътимоди шоир ба ҷавононе, ки мавзуъҳои иҷтиморо дар адабиёт ҳамчун як раванди тозаи адабӣ воқеъбинона нишон медиҳанд, зиёд аст ва сарчашмаи онро ба

адабиёти классикӣ иртибот дода, мегӯяд: «Мо медонем, ки Тоҷикистон аз қадим кишвари шоирони бузург, анъанаҳои неку бошараф, нақлу ривоятҳои қадимист. Дар Тоҷикистони имрӯза ҳам садои шоироне ба гӯш мерасад, ки шеъри онҳо эътирофи умум гардидааст» [163, с. 3].

Аз диди Н. С. Тихонов хонанда «аз шеъри Лоиқ Шералӣ тасвирҳои содаю дилчасп, вале боварибахшу пурмаъно ёфта метавонад». Ва барои тасдиқи фикр рубоии Лоиқро чун мисол овардааст:

То ном физоӣ, нафси худро кам кун,
Одамгарӣ кун, валек бар одам кун,
Мегуфт даравгаре ба ман вақти саҳар,
Чун хӯшаи гандум ба замин сар хам кун [163, с. 3].

Дар пешсухани мазкур Н. С. Тихонов ба мазмуну муҳтавои шеърҳои Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор, Қутбӣ Киром, Гулназар, Ғоиб Сафарзода ва Мастон Шералӣ баҳои баланд додааст. Ба андешаи Тихонов, «тасвири Ватан, хонаю дар, модарро, ки аз мавзуъҳои ба дил наздику ҷадиданд, ин шоирони дилдодаи ҳаёт хеле табиӣ, нозуку сода, ба қалам додаанд ва аз шеърҳои онҳо набзи ҳақиқии ҳаёт, саодати зиндагӣ, эҳсос мешавад» [163, с.3].

Н. С. Тихонов аз шеърҳои Саидалӣ Маъмур низ ҳамин гуна оҳангҳои ҳаётдӯстона эҳсос кардааст. Ба гуфти суханвар, С. Маъмур дар шеъри «Шуълаи ҷовид»-аш, аз чил ҳазор нафар ҷанговари советӣ ва Полша, ки дар конслагери сухан меронад» [163, с.3].

Н. С. Тихонов ба ҷузъиёти хурдтарини образҳои шоирони ҷавон бетафовут набуда, онро аз дидгоҳи ҳунари суханофарии онҳо баҳо медиҳад ва бо ҳамин мехоҳад ҷаҳони андешаи шоиронро кашф намояд: «Баҳром Фирӯз ҳам аз кӯҳ сухан ронда, бо Ҳабибулло ҳамфикр будани худро изҳор менамояд. Кӯҳҳо гаҳвораи ӯянд:

Кӯҳҳо гаҳвораи ман, аввалин ҷавлонгаҳам,
Аз ҳамин ҷо роҳи умру зиндагӣ сар кардаам.

Аз ҳамин ҷо бори аввал чашми ҳайрат дӯхта,

Ман ба паҳноии олам низ бовар кардаам» [163, с. 3].

Дар ҳар як шеъри ин маҷмуа набзи ҷавонӣ эҳсос мешавад ва шоирони ҷавон танҳо бо андешаҳои фалсафӣ ва ҷустуҷӯҳои зоҳирӣ маҳдуд намешаванд, балки дар бораи ҷавонӣ бо садоқат ва хеле самимона сухан меронанд» [163, с.3].

Тарҷумаи шеъри шоирони ҷавон, ки бо пешниҳоди худи Н. С. Тихонов роҳандозӣ шуда буд, аз ҷониби суханшиносон истиқболи хубе ёфт ва пеш аз ҳама, худи шоир ба ин маҷмуа баҳои баланд медиҳад. Аз рӯйи муҳтаво Н. С. Тихонов ба ҳама шеърҳои маҷмуа баҳои хуб медиҳад ва бовар дорад, ки дар оянда маҳорати ин шоирон сайқал меёбад, зеро «Онҳо нисбат ба қисмати инсон, ҳаводиси дунёи бузург, фикру андешаҳои ҳамзамонони худ бетараф буда наметавонанд, инсон ва инсониятро дӯст медоранд. Онҳо корҳои падарону бобоёни худ, корнамоиҳои он мардони майдонро хуб дар ёд доранд. Номҳои шаҳидони роҳи озодию бахт дар хотири онҳо нақш бастаанд, онҳо инсондӯсти ҳақиқианд. Онҳо душмани ҷаҳолат, беадолатӣ, дурӯғу фитнаанд, аз тарсончакӣ ва муросокорӣ ҳазар мекунанд. Онҳо шоирони пешина, гузаштагони накуномро дӯст медоранд. Номҳои Хайём, Ҳофиз, Хусрав, Рӯдакӣ барояшон азизу муқаддасанд» [163, с.3].

Чунин баҳогузорӣ нишон медиҳад, ки Н. С. Тихонов ба адабиёти муосири тоҷик ва рушди он дар зери ливои нав бепарвона будааст, балки ӯ ҳамчун мунаққид шеъри ҷавононро таҳқиқ менамояду ба хонандаи рус пешниҳод мекунад. Ба андешаи ӯ, шоироне чун Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Абдусалом Деҳотӣ эътирофи худро ёфтаанд ва «шеърҳои шоирони ҷавони ин кишвар боз ҳам дилработар ва баёни онҳо бурротару гӯётар аст, аз онҳо набзи замони нав эҳсос мешавад.» Вай бо як меҳру муҳаббати зиёд тазаккур медиҳад, ки: «Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ яке аз ҳамсафарони абадии инсоният мебошад. Ӯ дар роҳҳои душвор ва хатарнок ҳамроҳи бисёр наслҳо буд ва ӯ дар роҳи сулҳ, бахту саодати халқҳо низ ҳамроҳи мост» [85, с. 2].

Маҷмуа бо тартиби зерин шеъри шоиронро ҷой додааст: Лоиқ Шералӣ,

Мавҷуда Ҳакимова, Қутбӣ Киром, Гулрухсор Сафиева, Мастон Шералӣ, Озод Аминова, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Ҳабибулло Файзулло, Баҳром Фирӯз, Бозор Собир, Салимшо Ҳалимшо, Гулназар Келдӣ, Саидалӣ Маъмур, Ғоиб Сафарзода, Бурҳон Фаррух. Мутарҷимони ашъори шоирони ҷавони тоҷик М. Фофанова, Вл. Лугов, С. Корчеев, В. Кириллов, Г. Корин, Ст. Куняев, Г. Чистякова, Е. Петрова мебошанд. Қариб аз ҳар як шоир аз 5 то 6 адад шеърҳо тарҷума гардидаанд. Гуфтан мумкин аст, ки чопи чунин маҷмуа имкон ба амал овард, ки ашъори шоирони ҷавони тоҷик ба миллатҳои дигари собиқ кишвари шуравӣ муаррифӣ гардад. Ин китоб нахустин тарҷумаи ашъори шоироне гардид, ки дар оянда бо эҷодиёти саршори пур аз муҳаббати худ дар дилу дидаи халқи тоҷик маҳкам ҷой гирифтанд.

1.3. Масъалаҳои пайвандҳои адабӣ дар мукотибаҳо

Дар замони муосир чун анъана адибони зиёде байни ҳамдигар мукотиба менамоянд, ки тавассути он роҷеъ ба масъалаҳои мухталифи фарҳангӣ ақидаҳои худро иброз медоранд ва бо гузашти айём мавқеи ин мукотибаҳо хусусияти таърихӣ пайдо мекунанд. Тавассути номаҳо аз баъзе масъалаҳои пӯшида байни адибони варзида низ огоҳӣ ёфтан мумкин аст. Боиси зикр аст, ки устод С. Айнӣ, А.Лоҳутӣ, М. Турсунзода ва чандин суханварон дар мукотибаҳои худ дар бораи арзишҳои бадеии ин ё он асар ва ё ҳаёти шахсии худ ибрози андеша намудаанд.

Ҳангоми баррасии рӯзгор ва осори Н.С. Тихонов мактубҳои ӯ ба шоир М. Турсунзода маводи тозае ба мо дод, ки аҳаммияти барҷастаро соҳиб ҳастанд ва яке аз сарчашмаҳои муҳтамади омӯзиши робитаҳои дӯстии байни Н.С.Тихонов ва М.Турсунзода мукотиботи онҳо ба шумор меравад. Маҳз дар мактубҳои худ Н. С.Тихонов самимияташро бидуни ягон расмият нисбат ба шоири тоҷик изҳор доштааст. Дар мактубе, ки ба М. Турсунзода аз 10 феврали соли 1955 иншо намудааст, Николай Тихонов чунин муроҷиат кардааст: «Дӯст, бародар ва ҳофизи бузурги Тоҷикистон Турсунзодаи гиромӣ.» Дар ин мактуб Николай Тихонов бо вачди зиёд арз менамояд, ки хеле хушнуд аст, зеро аз Сталинобод кишваре, ки орзуяш мекард, телеграмма гирифтааст.

Дар мактубе, ки шоир дар санаи 15 – уми ноябри соли 1962 ба М.Турсунзода ирсол намудааст, хурсандии хешро пинҳон накарда, бо ҳамақидаи худ мефахрад ва дар оғози мактуб чунин менависад: «Ба дӯсти азизу гиромӣ, ҳамраҳи заминии ман муборак мегӯям. Ин ҷоизаи бузург ҳаққи туст. Ту хидмат кардаӣ ва бо қарзи худ, дар робита бо фаъолияти шоиронаат ба хотири шарафи Ватан ... Аз он мамнунам, чунки бо ҳамроҳии ту рӯзҳои наздик ба Шӯрои умумиҷаҳонии сулҳ ба сафар мебароям...». Дар мактубҳо шоирон мушкилиҳои асосии шеъри муосири шуравиро низ баррасӣ намуда, барои рушди он ҷаҳд кардаанд.

Дар мактуби дигари Н.С. Тихонов ба Мирзо Турсунзода аз 18 марти соли намуда, муаллиф дар он майли хешро нисбат ба баргузории ҷашни зодрӯзи М.Турсунзода дар Маскав баён медорад: «Ман фаҳмидам, ки бо дарназардошти шаби эҷодият тобистони ҳамин сол ҷашнвораи ту дар Маскав баргузор мешавад ва ман барои роҳбарӣ кардан дар ин ҷашнвора розӣ шудам. Агар ту муқобил набошӣ, ман хеле хушҳол мешудам, ки ин ҷашнро роҳбарӣ кунам. Миннатдориямро ҷиҳати ирсоли суратҳо вобаста ба истиқболи 1100 – солагии Рӯдакӣ ба ту изҳор менамоям. Хурсандам ва дар ин нома меҳрубонии хешро нисбат ба ту ва аҳли оилаат бори дигар зикр менамоям. Бародарона дар оғӯш мегирамат ва хушбахтиятро хоҳонам. То боздид дар Маскав. Николай Тихонови ту» [93].

Дар худи ҳамин мактуб Н.С. Тихонов тазаккур медиҳад, ки: «Ман хоҳиши туро дар бораи навиштани сухани муқаддимавӣ ба ашъолои шоирони ҷавони тоҷик, ки дар маҷмуаи шеърҳои «Таронаи сапедадам» («Утреняя книга») нашр мегардад, ичро намудам. Муқаддимаро навиштам ва ба намояндаи адабиёти тоҷик Шавкат Ниёзӣ ирсол намудам. Ӯ низ арз намуд, ки тақдири минбаъдаи ин маҷмуа ба дасти ӯ супорида шудааст. Ман бовар дорам, ки ин дебоча сухани ифтитоҳӣ дар бораи шоирони ҷавон дар шабнишинӣ хоҳад гашт» [93].

Дар охири мактуб самимияти зиёде нисбат ба хонаводаи М. Турсунзода баён гардидааст. Чунин мукотибот маънои онро дорад, ки Н.С.Тихонов ба дӯстии на фақат ду нафар шоир, балки ба қаробати ин ду миллат, яъне русу тоҷик итминони

комил доштааст.

Ин мактуб моҳияти ёддоштӣ дошта, маводи беҳтарин барои дарки робитаҳои адибон маҳсуб мегардад, зеро он чизе, ки дар он иброз мегардад, адибон бевосита худ шоҳид ҳастанд ва аз он ки рӯйи коғаз боқӣ мемонад, тавсифкунандаи вазъи замон дониста мешавад. Номаҳо барои омӯзиши зиндагии адибон кӯмаки зиёд мерасонанд. Аз мукотибаи М. Турсунзода ва Н.С. Тихонов бармеояд, ки ин ду адиб дар доираи мактубҳои худ роҷеъ ба густариши пайванди адабӣ ва тарбияи адибони ҷавон бештар андешаронӣ намудаанд. М.Турсунзода ва Н.С.Тихонов аз шоироне буданд, ки барои таҳкими сулҳ дар сайёра саъю талош менамуданд ва ҳеҷ гоҳ нисбат ба миллати дигаре ғаразе надоштаанд. Инчунин, бо пешсухани Н.С. Тихонов маҷмуаи ашъори шоирони ҷавони тоҷик бо номи «Таронаи сапедадам» бахшида ба Рӯзи адибони ҷавони Тоҷикистон дар Москва соли 1971 интишор мегардад [163, с.3].

Мактуби дигар, ки аз назар наметавон онро дур намуд, ин мактуби Н.С.Тихонов ба Мирсаид Миршакар мебошад. Н.С.Тихонов ва Мирсаид Миршакар низ ба ҳамдигар дӯстии самимӣ доштанд ва дар хотираҳои худ Мирсаид Миршакар дар бораи мукотибаи хонаводагиашон тазаккур додааст. Дар маҷаллаи «Садои Шарқ», №12, 1971 як номаи Н.С.Тихонов ба Мирсаид Миршакар нашр гардидааст, ки он аз таровати дӯстии эшон саршор аст. Барои ҳусни эҳтиром ва ба эътидол овардани як андешаи муайян мактубро ба таври пурра меорем:

«Дилро ба дил раҳест

Дӯстони гиромӣ Миршакар ва Гулчеҳра!

Ташаккур барои ёдоварӣ, табрик ва даъват ба меҳмонӣ!

Мо аллакай бо зимистон сару кор дорем. Боғи пурниҳоли мо, бому дари мо ҳама барфпӯш аст. Сардии ҳаво шабона ба шонздаҳ дараҷа мерасад. Аз афташ, омади зимистон ҷиддист.

Бисёр афсӯс, ки мо ҳамдигарро дида натавонистем. Аммо рӯзҳо зуд мегузаранд. Баъди чанде маҷлиси Комитети мукофоти ленинӣ доир мегардад. Аз ин ҳам пештар Сессияи Совети Олӣ ба кор шуруъ мекунад. Албатта, мо ба дидори ҳамдигар мерасем.

Мо ҳамаи шуморо дӯст медорем ва ёдоварӣ мекунем. Аз ҳама бештар ба Заррина муҳаббат дорем ва ба ӯ эҳтироми моро расонед!

Зинда бошеду аз ҳаёт баҳраҳо бардоред!

Николай Тихонов, Москва, соли 1977» [55, с.3].

Чи хеле ки дар боло зикр намудем, Мирсаид Миршакар дар хотираҳояш меорад, ки чӣ гуна ҳамсари Н.С. Тихонов тавассути мактубҳо дар мавриди парвариши гулҳои хонагӣ маслиҳатҳои муфид медод.

Дар охир ҳаминро бояд гуфт, ки мукотибаи шоирони забардаст боиси мукаммалгардии дӯстии байни миллатҳо мегардид, ки албатта, чунин рафтори содиқона ба одамон таъсири худро мегузошт ва ин нуктаро низ бояд зикр намуд, ки адибони замони шуравӣ бо мактубҳои хеш ҳамеша ба масъалаҳои муҳимми фарҳангу адаб сарукор мегирифтанд.

Хулосаи боби якум:

1. Зиндагиномаи Н. С. Тихонов корномаи абармардест, ки дар ҷомеаи ҷаҳонӣ зидди асорати мардуми мазлум бо қалам ва фитрати хеш мубориза бурдааст. Натиҷаҳои сафари шоир дар силсилашеърҳо ва ҳикояҳои ӯ дар бораи сокинони азияткашидаи кишварҳои Шарқ, хусусан, Афғонистону Покистон ва Ҳиндустон инъикос гардидаанд. Ҷаҳонбинӣ ва мундариҷаи ашъори Н. С. Тихонов ба дигар шоирони ҳамсафаш ва намояндагони адабиёти кишварҳои собиқ шуравӣ таъсири амиқ гузоштаанд.

2. Романтизму реализми Н.С. Тихонов на ибрози ормонҳои шоир, балки таҷассуми вазъи ногувори мардум ва мушкилоти башарият бар зидди ҷангу зулм ба шумор меравад. Мавзуъҳои ҳамкории байналмилалӣ, мубориза баҳри сулҳ, ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ нигоҳи дақиқро талаб менамуданд. Н.С. Тихонов ҳамеша ҷаҳд менамуд, ки дӯстони навро ҷустуҷӯ кунад ва аксар маврид ба мақсадҳояш мерасид.

БОБИ II
ТАҶАССУМИ МАСЪАЛАҲОИ ШАРҚ ДАР ОСОРИ Н.С. ТИХОНОВ, МИРЗО ТУРСУНЗОДА ВА МИРСАИД МИРШАКАР

2.1. Тасвири мушкилоти кишварҳои Шарқ дар ашъори Н.С. Тихонов

Марҳилаҳои рушди ҳамкориҳои адабии тоҷику рус, пеш аз ҳама, бо ифода намудани таассуроти бевоситаи муаллифоне, ки ба кишварҳои Шарқ рафтаанд (А. Никитин, Ф. Котов, Э. Мейендорф, А. Грибоедов ва дигар намояндагони Русия) ва баъдан, бо эҷоди асарҳо дар заминаи шиносоӣ бо адабиёти форсӣ (тарҷумаи ашъори Ҳофиз ва Саъдӣ дар асри Х1Х) баён мегардад. Ҳарчанд ки муҳаққиқони зиёде ин масъаларо омӯхтаанд, сатҳи пурраи таҳқиқот дар маҷмуъ то ба ҳол ба анҷом нарасида, дар марҳилаҳои такмил ва таҷдиди назар қарор дорад.

Мушкилоти асосии муносибатҳои мухталифи фарҳанги ҷаҳонӣ, махсусан, Шарқ ва Ғарб ҳамчун масъалаи меҳварии ҷаҳони муосир мебошад ва хусусиятҳои тазодиро дар худ касб менамояд. Дар ин маврид сухани Р. Киплинг – шоири англисро бо номи «Манзумаи Шарқу Ғарб» ба хотир овардан кифоя аст:

Оҳ, Ғарб, Ғарб аст, Шарқ Шарқ ва ҷой иваз намекунанд.
То он даме, ки осмон ба замин намерасад рӯзи Растохез! [42, с.277].
(Тарҷумаи таҳтуллафзӣ)

Агар ба замони шуравӣ таваҷҷуҳ бинамоем, пас, метавон ба андешаҳои В.И.Ленин роҷеъ ба Шарқ муроҷиат намуд. Дар ҳалли масъалаи Шарқ Ленин ду роҳро пеш гирифт: 1) бо роҳи тарбия; 2) рохи муносибатхои бевосита бо давлатҳои ҳамсоя. Дар мавриди аввал ӯ, пеш аз ҳама, мушкилоти он миллатҳои хурд, ки мавҷудияти хешро ҳамчун миллати алоҳида, забони худ, маданият ва адабиёти худро кайҳо фаромӯш кардаанд, равшан, возеҳ ба миён гузошт [51, с. 23-24].

Таҳқиқоти арзишманди нашркардаи Е. Челишев, А. Сайфуллоев, В. Самад, Ҳ. Шодиқулов, А. Давронов, Б. Раҳмонов ва дигарон, ки ба масъалаи таъсири адабиёти форсу тоҷик ба асарҳои А. С. Пушкин, Л. Н. Толстой, А. А. Бестужев-

Марлинский, М. Ю. Лермонтов, Н. Гумилёв ва дигарон нигаронида шудааст, аз аҳаммият холӣ нест. Воқеан, «Русия ва Шарқ» – ин як паҳлуи мавзуи хеле васеъ мебошад, ки илму фарҳанг, муносибатҳои сиёсӣ ва иқтисодии байни минтақаҳоро дар бар мегирад. Мавзуи Шарқ илҳоми тозаи осори А. С. Пушкинро дар бар мегирад, ки аз ин таъсирпазирӣ ашъори ӯ мавқеи ҷаҳонӣ касб кардааст. М. Ю. Лермонтов бошад, ҷавҳари адабиёти форсу тоҷикро дар осори худ то андозае роҳ медиҳад, ки дар шеъраш мисли ашъори шоирони форсу тоҷик образҳои тоза пайдо мегардад. Дар аввали асри ХХ мавзуи Шарқ дар ашъори Сергей Есенин дигар хел садо медиҳад ва «Савтҳои форсӣ» дар адабиёти рус такони наверо ба вуҷуд меорад, ки маҷмуаи осори С. Есенин бо номи «Гулафшон» соли 1977 ба забони тоҷикӣ интишор гардидааст ва Абдунабӣ Сатторзода дар муқаддимаи ин маҷмуа меорад: «Савтҳои форсӣ»-и С. Есенин мисли «Девони Ғарбиву Шарқӣ»-и Гёте ва «Пайравӣ аз Қуръон»-и А. С. Пушкин комёбии эҷодии муаллиф аст ва «Савтҳои форсӣ» намунаи барҷастаи пайравии эҷодкорона ба осори шоирони бузурги гузашта мебошад [111, с.8].

Есенин образи нотакрори Шоҳона – Шаганэро меофарад ва дар «Савтҳои форсӣ» тапиши руҳи Шарқро дар он эҳсос кардан мумкин аст.

Матни асл:

Шаганэ ты моя Шаганэ!
Потому что я с севера что ли,
Я готов рассказать тебе поле
Про волнистую рожь при луне.
Шаганэ ты моя Шаганэ!
Потому, что я с северя что ли,
Что луна там огромней в сто раз,
Как бы не был красив Шираз,
Он не лучше рязанских раздолий.
Потому, что я с северя что ли [112, с.12].

Тарҷумаи Лоиқ:

Ту, эй Шоҳона, эй Шоҳонаи ман,
Чу фарзанди шимолам ман, аз ин боб
Дилам хоҳад бигӯяд васфи саҳро,
Ҳам аз ҷавдорзори зери маҳтоб.
Ту, эй Шоҳона, эй Шоҳонаи ман.
Магар з-он рӯ, ки фарзанди шимолам
Бузург ояд маҳаш дар дидаи ман
Бувад ҳарчанд зебо мулки Шероз,
Набошад беҳ зи паҳнои Рязан
Магар з-он рӯ, ки аз мулки шимолам [113, с. 100].

Баъдҳо истиқлол ва пайравӣ ба адабиёти форсу тоҷик то андозае таҳвият меёбад, ки образҳои маъмулии шарқӣ ба ашъори шоирони рус ворид мегарданд. Адабиётшинос Л. Арутюнов солҳои 70-уми асри ХХ роҳҳои таърихии воридшавии мавзуи Шарқро таҳқиқ намуда, тазаккур медиҳад, ки «Воридшавии дастовардҳои адабии ин минтақа ба раванди адабиёти ҷаҳон дар замони муосир пештар хеле мушкил буд. Сухан дар мавриди мармузии ин адабиёт нарафта, балки дар касбият низ ба дараҷаи аъло расидааст» [2, с.10].

Асри ХХ асри такомулу густариши робитаҳои адабии ҷаҳонӣ ба шумор меравад ва маҳз дар ҳамин давра, зарурати эҳёи робитаҳои фарҳангӣ дар сатҳи сифатан нав ба вуҷуд омада, барои барқарорсозӣ ва ғанигардонии мутақобилаи фарҳанги халқҳо дар фазои нав замина гузошта мешавад.

Ҳанӯз аз солҳои 30-юми қарни гузашта дар адабиёти шуравӣ қаҳрамонҳои нав бо руҳияи миллӣ ва фардияти озодихоҳ ба қалам дода мешавад. Аз ҷумла, Н.С. Тихонов таърих ва анъанаҳои миллии мардуми Шарқро ҳангоми сафарҳояш меомӯзад ва онро дар ашъори бадеию публитсистияш тасвир менамояд. Дар ин самт, мавзуи Шарқ дар осори Н.С. Тихонов нисбат ба дигар шоирони рус ба мавзуи тасвири воқеияти иҷтимоӣ ва масъалаҳои пасрафти ин минтақа табдил меёбад.

М. Турсунзода яке аз шоирони ҳамсаф ва ҳамсафари Н.С.Тихонов дар

мақолаҳои илмии алоҳида истеъдод ва маҳорати шоирро дар ин маврид тавсиф намуда, зимнан меорад, ки: «Албатта, мавзуи «Тихонов ва Шарқ» – ро ба шеърҳои ба Тоҷикистон ва ё Гурҷистон, ба Арманистон ва ё Озарбойҷон бахшидаи шоир маҳдуд кардан нашояд ва ин кор аз рӯйи инсоф ҳам намешуд. Мавзуи Шарқе, ки мубориза мебараду соҳибзафар мешавад, дар эҷодиёти ӯ бо чунин вусъат ва рангу тобишҳои гуногун сурат гирифтааст» [170, с. 262].

Бояд гуфт, ки нахустин қадамҳои Н.С. Тихонов дар тасвири вазъи пасти зиндагии мардуми Ҳинд дар манзумаи «Сомӣ» сурат гирифтааст, ки ин манзума соли 1922 иншо гардида, ба дигар осори ба Шарқ бахшидаи шоир заминае гузоштааст. Дар ин манзума як писарчаи ҳиндӣ, тасвир ёфтааст, ки бар зидди мустамликадорони англис мубориза мебарад, ва рамзи ёфт таҷассумкунандаи афкори тамоми мардуми бедори Ҳиндустон мебошад. Дар асар Сомӣ аз ҷониби Соҳиб- хӯҷаини худ ҳамеша зери таҳқир қарор мегирад, дар дилаш озодиро мепарварад ва мехоҳад, ки гурехта, кишвари Шуравиро ватани худ интихоб намояд. Дар ин манзума баҳси Сомӣ бо аҷнабиёни англис дар мавриди барпо гардидани кишвари Шуроҳо ва орзуи дидори Ленин аз ҷониби ин кӯдак меравад. Баҳси байни лорди англис ва Сомӣ тазоди зиндагии мардуми Ҳинд дар иртибот ба ойини онҳо роҷеъ ба такроршавии зиндагии нав пас аз марг мебошад, ки бо ин роҳ қишри нотавони ҷомеа умед ба ҳаёти хуби пас аз марг доранд. Дар порчаи зерин ин муносибат боз ҳам равшантар баён гардидааст:

Матни асл:

Хороший Сагиб у Сами и умный,
Только больно дерется стеком.
Хороший Сагиб у Сами и умный,
Только Сами не считает человеком.
Смотрит он на него одним глазом,
Никогда не скажет спасибо.
Сами греет для бритья ему тазик
И седлает пони для Сагиба.

На пылинку ошибется Сами —
Сагиб всеведущ, как Вишну [137, с.110].

Тарҷумаи таҳтулафзӣ:

Соми соҳиби хубе дорад ва оқил аст,
Танҳо дардовар бо бузи ваҳшӣ мубориза мебарад.
Соми соҳиби хубе дорад ва оқил аст,
Танҳо Соми онро шахс намешуморад.
Ӯ бо як чашм ба ӯ менигарад,
Вай ҳеҷ гоҳ ташаккур намегӯяд.
Соми об барои риш тарошидан гарм мекунад
Ва аспро барои соҳиб зин мекунад.
Соми чун зарраи хок иштибоҳ хоҳад кард -
Соҳиб ҳама чизро медонад, ба монанди Вишну,
Сол ба сол бештар эътимодноктар мешавад.

Достони «Соми» ба достони «Аз Ганг то Кремл»-и М. Турсунзода аз лиҳози мавзуъ монандӣ дорад. Дар достони «Аз Ганг то Кремл» қаҳрамони он имкон пайдо кардааст, ки ба халқи озодихоҳи Ҳинд самараи аввалин музаффариятҳои сотсиалистиро нишон диҳад. Шоир Пратапро ба таври амиқ ва кушоду равшан даъват ҳам накардааст, ки коммунист бошад ва халқро ба муборизаи мусалаҳона даъват намояд. Аммо сафари қаҳрамон то Афғонистон ва сипас то Осиёи Миёнаи советӣ ва то Кремл, хулосаҳои фалсафӣ аз дидаҳои вай дар бораи ду системаи ҷаҳонӣ, худ аз худ фикри ӯро дар бораи роҳҳои ба даст овардани озодӣ ва истиқлолият таҳаввул бахшидааст. Худи ҳамин тарзи гузориши масъала ва ҳалли муваффақиятноки он комёбии калони эҷодист. Дар симои қаҳрамони лирикӣ мо чунин одамони шуравиро мушоҳида менамоем, ки инсондӯстӣ, хайрхоҳӣ ва меҳнатдӯстӣ аз муҳимтарин хислатҳои онҳост. Вай мубаллиғи субҳи шодиест, ки шуоъҳои озодӣ ба олам пош медиҳад.

М. Турсунзода дар бораи заҳмату талошҳои Н.С.Тихонов дар ташаккули пайвандҳои миллӣ дар ҷаҳон чунин меорад: «Тихонов ҳам ба ҳаёти халқҳои Шарқ

ба як тарзи табиӣ пайванд гаштааст. Ман ҳамроҳи Николай Тихонов ба мамлакатҳои Шарқ сафар кардаам, ки ин барои ман хушбахтӣ буд. Мо соли 1949 аввалин бор ба Покистон сафар карда будем ва ин дар лавҳи хотир нақш бастааст»

Нахустин маҷмуаҳои ашъори Н.С. Тихонов низ аз тасвири Шарқ ва баррасии мушкилоти зиндагии сокинони он оғоз гардида, шоир на фақат дар образҳои бадеӣ олами воқеиро тасвир менамояд, балки онро бо рангҳои ҷаззоб ва образҳои пурқуввати бадеӣ меофарад.

Дар яке аз шеърҳои худ бо номи «Аз ҷавонӣ орзуи Шарқ мекардам» («С юности мечтал я о Востоке») шоир бо шавқ баён менамояд, ки ин орзую ормонаш на фақат амалӣ гардидааст, балки талошҳои зиёде баҳри ободии ин минтақа низ кардааст. Ба қавле, метавон ин шеърро як манзумаи корнома ва изҳори муҳаббат ба Шарқ номид, ки соли 1967 иншо кардааст.

Тарҷумаи Манучеҳрӣ:

Ҳанӯз аз ҷавонӣ Шарқ хаёли маро
Ба худ мекашид Шарқи афсонахез.
Ба ёдаш гузаштам басе дашту кӯҳ
Набудам аз ин азм майли гурез..
Ба ҳар ҷо, ки афтод роҳи сафар,
Бидидам ғаму шодӣ мекард фарқ [128, с.16].

Воқеан, ҳарчанд ки солиёни зиёде гузашта бошад ҳам, дар мавриди рисолати таърихии Н.С. Тихонов сухан гуфтан ба маврид аст. Ӯ нафаре буд, ки эҳсосоту мушоҳидаҳояшро дар осори назмӣ, насрӣ ва публитсистияш бо маҳорат дарҷ менамуд ва ҳатто як мавзуъ ва ё як қаҳрамон дар чанд анвои адабӣ чарх мезад.

Ормонҳои шоир ин осоиштагии сайёра, ҷаҳду талош ба хотири эҳёи ҷаҳони бидуни ҷанг ва ҳамкории инсонҳо ба хотири фардои нурафшон тамоми паҳнои осори ӯро дар бар мегирад. Н.С. Тихонов натиҷаи сафарҳои худро дар наср, назм ва осори публитсистияш инъикос менамояд ва хатти сафари ӯ аз Тирмиз то ба кӯҳҳои азими Ҳиндукуш, ағбаи Хайбар ба Лоҳур, Карочӣ ва дигар минтақаҳои

Покистон идома меёбад. Дар ҳикояҳои Н. С. Тихонов тасвири зебоиҳои Шарқро дидан мумкин аст, ки он бо як рағбати хосе баён гардидааст: «Ман бегоҳии хеле гарми баҳори ҳиндиро дар ҷануби Ҳинд дар хотир дорам. Болои сари мо осмони рангоранг бо ситораҳои рахшандаи ғайриодии осмон ҷило медоданд. Гирдиҳамоӣ дар назди соҳил буд ва аз паси мардум садои амвоҷи баҳр ба гӯш мерасид. Садои мардуми зиёд ва садои баҳр бо ҳам бархӯрд мекарданд ва ҳатто дандонҳои сапеди ҳиндуҳо мисли кафкҳои амвоҷи баҳр аз ҳар тараф намудор мешуданд…» [126, с.48].

Мавзуи тараннуми Шарқ дар осори Н.С. Тихонов пас аз сафарҳояш ба Покистону Ҳиндустон вусъат меёбад. Агар дар маҷмуаи «Ҳикояҳо дар бораи Покистон», лавҳаҳои хурди хотираҳои Николай Тихонов дар бораи ин сарзамин инъикос гардида бошанд, пас дар маҷмуаи шеърҳояш бо номи «Дуоб» хотираҳои ӯ роҷеъ ба Афғонистон низ ба назар мерасанд. Дар маҷмуаи «Дуоб» 30 шеъри Н.С. Тихонов, ки ба мавзӯи Шарқ бахшида шудаанд, ҷой дода шудаанд.

Шеъри дигар «Аз сари Ҳиндукуш» («Мы летим через Гиндукуш») тасвири қиёсии ду сарзамин- сарзамини Шуравӣ ва сарзамини дар ғафлатмондаи Афғонистон ва Покистон мебошад. Дар ин шеър дарёи Ому ва ду сарҳади тафовуткунанда аз лиҳози сохти иҷтимоӣ муқоиса мегардад.

Матни асл:

Оглянувшись с небесного склона,
На родной я увидел земле
Грузовик, что бежал вдоль зеленых,
Наклоненных к Термезу полей.
И пустыня пошла нас морочить,
И чужая пошла сторона,
Вся в ковровых изгибах и клочьях,
В ржавых пятнах, мутна, сожжена [137, с.386].

Тарҷумаи Ғаффор Мирзо:

Аз гардиши танги кӯҳ, аз дур,
Ҳошияи рӯд шуд намоён,
Чун сатри суруди дилнишине
Омуи дар Офтоб рахшон.
Аз дурии дуриҳост ҷорӣ,
Дарёи азими хомаи қум.
Аз сарҳади хеш мегузаштам,
Мезад дили беқарори ман гум [117, с.19].

Дар шеърҳои ба Афғонистон ва Покистон бахшидааш оҳанги пайванди инсонҳо ба ҳамдигар ва зарурати иттиҳод ба хотири оромии сайёра ба гӯш мерасад. Ҳар мавзуе, ки хусусияти табиӣ ва ё таърихӣ доштааст, таваҷҷуҳи шоирро ба худ ҷалб намудааст. Тасвирҳои таърихӣ ва васфи зебоиҳои табиат бо ташбеҳоти хосса таъбиркунандаи вазъи зиндагии мардуми ҳамон мавзеъ гардидааст. Аз ҳамин хотир, дар манзумаи «Дар гузаргоҳи Хайбар» тангии ин мавзеъ, қалъаи таърихӣ, хушкии атроф ва оромии даҳшатноки ин минтақаро тасвир намуда, ҳолати мазлумона ва қашоқии мардумро хеле аҷиб тасвир намудааст:

Тарҷумаи Ғаффор Мирзо:

Чеҳра пур аз нишонаҳои ғам,
Побараҳна занон хазон астанд,
Дарзаи хас ба пушту қомати хам
Аз роҳи танги кӯҳ равон астанд [117, с. 24].

Бо вуҷуди ҳамаи ин шоир ҳаёти онҳоро одӣ намедонад ва виқору мағрурии онҳоро инъикос намуда, патанҳо- миллатеро, ки дар ин ҷо зиндагӣ мекунанд ва ба бегонагони ғосиб нафрати зиёде доранд, тасвир кардааст.

Матни асл:

Тарҷумаи Ғаффор Мирзо:

Мижае ҳам намезанад ҳатто,

Марди мағрур гӯй аз санг аст,
Мулк тинҷ аст, - лек марди гадо,
Боз тайёри шӯришу ҷанг аст[117, с. 24].

Мисоли дигаре, ки дар ин ҷо метавон шарҳ дод, ин шеъри «Қалъаи Ҷамрӯд» мебошад. Қалъаи Ҷамрӯд ин қалъаест, ки қабилаҳои сейкҳо ба хотири дифоъ сохта буданд ва баъдан англисҳо онро барои истеҳкоми худ истифода мекунад. Дар он шоир як сайри таърихӣ дар атрофи қалъаи Ҷамрӯд намуда, зикр менамояд, ки пештар агар ин қалъа мардуми онро аз душман дифоъ карда бошад, айни замон душман дар он худро ҷой намудааст:

Тарҷумаи Ғаффор Мирзо:
На, ҳаргиз наоранд ёди туро
Кӯҳистониён,
Шафақ он саҳар, ки бигирад фаро
Замину замон [117, с. 26].

Дар тасвири шоир манзараҳои дилрабои кишвари Покистон ифодакунандаи масрурӣ ва зебоипарастии ӯ мебошанд. Дар шеъри «Ҷалолобод» нақши зебоиҳои нотакрор, боғҳои пур аз меваҳои мухталиф ва накҳати он инъикос гардидааст, ки шоири рус ба он мафтун гашта буд:

Тарҷумаи Ғаффор Мирзо:
Кайфест тамошои –
Абрешими Бағдихон,
Нақшест ба ҳар шоҳӣ,
Кӯҳпораи Нуристон.
Аз кӯчаи боғ оӣ,
Ҳай-ҳай, аҷабо луъбат!
Ин ҷо чӣ хуш, ороӣ,
Бо шоири Шарқ улфат [117, с. 68].

Ё дар шеъри «Ҳинд» уқёнуси муҳташами Ҳиндро бо як вақд тасвир менамояд ва дидори ин уқёнусро барои худ моя шодӣ дониста, онро пуриқтидору мисли навбаҳор инъикос менамояд ва зимнан меорад:

Матни асл:

И я, смотря, как дышит долгий,
Пришедший с гор высокий вал,
От имени могучей Волги
Ему здоровья пожелал [137, с. 390].

Тарҷумаи Ғаффор Мирзо:

Дидам, ки фуруд ояд аз кӯҳ,
Дил аз нафаси хушаш шукуфтам,
Аз Волгаи боматонати хеш,
Ба ҷону дилам саломаш гуфтам [117, с. 27].

Соли 1952 китоби бо пешсухани худи адиб «Ҳикояҳо дар бораи Покистон» нашр мегардад, ки дар он Н.С. Тихонов мушаххас дар бораи сабаби сафар намуданаш, мушкилот ва тавсифи ҳаракатҳои озодихоҳии мардуми Покистон сухан меронад. Воқеан, барои таълифи ҳикоя дар бораи хориҷи кишвар фақат сафар кифоя намекунад, бояд шоир руҳан низ омода бошад. Н.С. Тихонов ба ин самимият ҳам даст тавреки А. Сафронов дар ёддоштҳои худ зикр менамояд: «Вақте ки дар Лоҳур соли 1949 Тихонов нахустин маротиба дар кӯчаҳои шаҳр мегузашт, ба ҳамсафаронаш ишора менамуд, ки онҳо пас аз ин кӯча чиро мунтазиранд, зеро ҳамаи инро ҳангоми хурдияш дар китоб ва харитаҳо дида буд» [69, с. 108]. Воқеан, Н.С. Тихонов барои шоирони аҳди шуравӣ ба ҳайси устоди кору пайкор пазируфта шуда бошад ҳам, чун як инсони хоксору софдил ба назар мерасад.

Инъикоси сулҳу истиқлолияти кишварҳои Шарқ дар осори Николай Тихонов аз мадди назари муҳаққиқон дур намондааст. Дар бораи иртибот ва меҳри беандозаи Н.С. Тихонов ба мардуми мазлуми кишварҳои Шарқ ҳаммаслаки ӯ М.Турсунзода дар хотираҳояш менависад, ки: «Тихонов ҳам ба ҳаёти халқҳои Шарқ ба як тарзи табиӣ пайванд гаштааст»[117, с. 8].

Шеъре бо номи «Кобул» мушоҳидаҳои Н.С. Тихонов дар мавриди Кобули мотамзада аст ва аз диди вай Кобул ҳамеша дар зери писханд асту чароғон будани он маънии озодагии ин шаҳрро намефаҳмонад:

Ки дигар Кобуле, рахшону дилшод, аз кист
Дар он дунёи торикист мавҷуд.
Мудом ин хандаи пур аз тамасхур
Мудом ин заҳрханда бесадо ҳаст.
Дурахшон дар шаби торики Кобул [117, с. 73].

Ҳамин танофури худро шоир дар «Достони Афғонистон» ончунон воқеӣ тасвир менамояд, ки мазмуни он гувоҳ ба маҳорати нигорандагӣ ва табиати сулҳхоҳона доштани Н.Тихонов мебошад. Ин достон дар мавриди ҳамлаҳо ва зулму ситами аҷнабиёни Ғарб ба ин кишвар басо муассир ва хотирмон садо медиҳад:

Матни асл:

Леса кораблей, контор редуты,
Машин и монет блистанье,
А вся эта мельница на ходу
Зовестя Великобритания.
Синебородые, глина предместий,
Вершин ледяной кочан,
Чалма и песок, а все это вместе
Зовестся Афганистан. [119].

Тарҷумаи таҳтулафзӣ:

Ҷангали киштиҳо, идораҳо,
Мошину тангаҳои дурахшанда,
Ва ин осиёб дар ҳаракат аст
Даъвати Британияи Кабир.
Ришҳои кабуд, гирду атрофи гил,
Болои сари яхбанд,

Саллаю рег ва ҳамаи инҳоро тавъам
Афғонистон мегӯянд.

Осиёе, ки дар шеъри Н. Тихонов тасвир гардидааст, бо Осиёи замони ҳозира монанд нест, балки вобаста ба замон басо хору залил аст: «Дар ёдам ҳаст он шаби баҳории гарми Ҳинд. Он чеҳраҳои гандумгуни анбуҳи ҳиндувон он шаб медурахшид ва дандонҳои сафеди онон бо регҳое, ки дар соҳили баҳр нам бардошта буданд, сӯи мо менигаристанд ва дар чашмони мо ҳадаф меҷустанд» [143, с. 16].

Ашъори шарқии ин шоири рус он қадар гуногунранг аст, ки дар он анъанаҳо, маросим, табиати кишварҳо ва хулқу рафтори мардуми мухталифи ҷаҳон равшану возеҳ тасвир гардидааст.Барои Н.С. Тихонов инсон аз ҳама мавҷуди олам қиматтару бонуфузтар аст:

Матни асл:

Далеко остались джунгли, пальмы, храмы,
Город-сад, зелёная река,
Вечером, примчав с Цейлона прямо,
Встретил я в Мадрасе земляка.
И земляк-натура боевая,
И беседа забилась легко,
Мне сказал: -Поедем к нам в Бхилаи,
Это ведь совсем недалеко [139, с.256].

Тарҷумаи таҳтуллафзӣ:

Ҷангал, нахлу маъбадҳо хеле дуранд
Шаҳри боғ, дарёи сабз
Бегоҳӣ, аз ҷониби Сейлон шитобон,
Ман бо як ҳамватани худ дар Мадрас вохӯрдам.
Ва ҳамватан мубориз аст,
Ва суҳбат ба осонӣ мерафт

Вай ба ман гуфт: - Биёед дар Бҳилой ба назди мо равем,
Ин чандон дур нест.

Вазъи номусоид ва шароити номувофиқ ва номатлуби охирҳои асри XIX ва нимаи аввали асри XX дар кишварҳои Шарқ таваҷҷуҳи адибони худогоҳро низ ба худ ҷалб намуда буд. Ашъори шоирони ин давра, асосан, аз баёни ихтилофоти мавҷудбуда ва мустамликашавии манотиқи Шарқ, бахусус вазъи нохуби кишвари Ҳиндустон иборат мебошад. Бояд гуфт, ки мутобиқи супориши Ҳукумати Шуравӣ соли 1949 Н.С. Тихонов ба Ҳиндустон сафар намуда, таассуроти худро ҳам дар наср ва ҳам дар қолаби назм ифода кардааст, ки маҳсули он маҷмуаҳои шеър ва ҳикояҳои ӯ дар бораи Ҳиндустон мебошанд. Ин масъала дар ашъори шоир воқеӣ ва бидуни суханпардозӣ инъикоси худро ёфтааст. Аз ҷумла, дар тасвири Ҳиндукуш меорад:

Трудно жить среди каменных станов,
Среди этих ущелий нагих,
Мы приветствуем крепких патанов,
Что затеряны в дебрях твоих.
Дружбу мерим широкою мерой,
Чистой мерой советских людей,
Мы приветствуем тех — за Хайбером,
Тех — за Индом, — наших друзей.
Гулу наших моторов, как эхо,
Вторит вся твоя снежная глушь,
В нашей дружбе ты нам не помеха,
Ты — союзник и друг, Гиндукуш! [138, с.386].

Тарҷумаи Ғаффор Мирзо:

Дар ин дарраҳои санглохӣ,
Ҳайҳот, ки зиндагист душвор.
Бар мардуми Ҳиндукуш-патанҳо,

Пайғом ва офарини бисёр.
Халқҳои советӣ дӯстиро,
Аз ҷону ҷигар азиз донанд.
Пайғоми сано ба Ҳинду Хайбар,
К-он ҳар ду диёри дӯстонанд.
Оҳанги моторҳои моро,
Бо акси садо бурун барорӣ.
Ту душмани дӯстии мо не,
Ту дӯстӣ, Ҳиндукуш , ту ёрӣ [117, с. 20-21]

Мақсади дигари Н.С. Тихонов ин тасвири муборизаҳои озодихоҳии мардуми Шарқ ба хотири ба даст овардани мустақилият ва озодии миллӣ мебошад, ки дар ин маврид худи Н.С.Тихонов овардааст: «Даҳсолаҳои зиёде ба ман имкон фароҳам оварда шуд, ки саёҳати зиёде дошта бошам ва муҳтавои он, қабл аз ҳама, аз самимияти ман ба хотири пойдории сулҳ дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Шарқи Дур ва Афғонистон буд» [126, с. 164].

В. Шошин талошҳои Тихоновро барои ояндаи неки инсоният таъкид намуда, зимнан ин андешаро меорад: «Бояд тазаккур дод, ки фаъолияти Николай Тихонов ба ҳайси сармуншии Кумитаи шуравии ҳифзи сулҳ боиси такмил ёфтани ӯ чун адиб гардида, иштирокаш дар ҷараёнҳои мухталифи бархурдҳо ва музокираҳо ба болоравии сатҳи ҷаҳонбиниаш мусоидат намудааст. Бо адибоне, ки Тихонов вохӯрдаву суҳбатҳо кардааст, хеле бисёранд. Масалан, муғул Сендийн Дамдинсурэн, адиби ветнамӣ Тхан Тин, индонезиягӣ Анантагун, синегалӣ Самбен Усмон, ҳиндӣ Натоҷ Сингх, афғон Гулпоччо Улфат, турк Нозим Ҳикмат ва ҳоказо» [100, с. 130].

Дар китоби «Ҳикояҳои кишвари кӯҳистон» Н.С.Тихонов хонандаи худро бо авзоъ ва аҳволи онрӯзаи кишваре ошно месозад, ки маҳсули мушоҳидаҳои бисёри шоир мебошад. Ҳикояҳо ва повестҳои ҳаҷман хурд ин тасвири табиати зебо ва кӯҳу дараҳо мебошанд, ки худи Н.С. Тихонов дар ин маврид меорад: «Ин ҳикояҳоро

метавон, ончунон ки дар Шарқ мегӯянд, «сафарнома» номид, зеро дар он мавзуи Осиё, ки роҳи худро дар оянда меҷӯяд, баррасӣ мегардад» [126, с.164].

Воқеан, осори ба Шарқ бахшидаи Н.С. Тихонов сафарномаҳои ӯст, ки ҷаҳони навро бо тазоди андеша, урфу одат, табиату паҳно мушоҳида ва тасвир намуда, мақсади худро аз ин сафарҳо дар ҳимояи сулҳ медонад. Дар ёддоштҳояш «Ҳафтранги дугона» дидан мумкин аст, ки қаҳрамонҳои Н.С. Тихонов ин ҳамон инсонҳое ҳастанд, ки аз сар задани ҷанг дар сайёра дар хавотир мебошанд ва иттиҳоди мардуми дунёро ба хотири сулҳи ҷаҳон зарур медонанд. Шоир гузаштаашро варақ мезанад ва ба суолҳои худ ҷавоб меҷӯяд:

Матни асосӣ:

Наш век пройдёт. Откроются архивы,
И все, что было скрыто до сих пор,
Всё тайные истории извивы
Покажу миру славу и позор.
Богов иных тогда померкнут лики,
И обнажится всякая беда,
Но то, что было истинно великим.
Останется великим навсегда [126, с.114].

Тарҷумаи таҳтуллафзӣ:

Асри мо мегузарад. Бойгониро мекушоянд,
Ва ҳама он чизе, ки то имрӯз маҳфуз аст.
Ҳодисаҳои махфӣ ифшо мегарданд
Ман шуҳрату нуқси ҷаҳонро ошкор мекунам.

Ба ҳамин мазмун Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ низ шеъре дорад:

Асри ман донандаи асрор нест,
Юсуфи ман баҳри ин бозор нест.
Ноумедастам зи ёрони қадим,
Тури ман сӯзад, ки меояд Калим [115,с. 23].

Ақидаҳои сулҳхоҳонаи Н.С.Тихонов дар замони мо низ аҳаммияти баланди ғоявиро соҳибанд, зеро сулҳу ваҳдат ин дам на фақат дар мамлакатҳои алоҳида, балки дар саросари ҷаҳон ниҳоят зарур мебошад.

Дар ашъори ба Шарқ бахшидашудаи Николай Тихонов қаҳрамонҳо ғолибан муборизони роҳи озодӣ мебошанд ва очерки образнокест, ки дар худ махсусияти миллӣ-этникӣ доранд ва дар он ҳассосияти шоири ширинкалом таҷассум ёфтааст. Тараннуми сарзамини Ҳиндро шоир дигаргуна тасвир менамояд. Ашъори шарқии ин шоири рус он қадар гуногунранг аст, ки дар он анъанаҳо, маросим, табиати кишварҳо ва хулқу рафтори мардуми мухталифи ҷаҳон тасвири худро ёфтаанд. Барои Н.С. Тихонов инсон қиматтарин мавҷуди рӯйи олам аст.

Ба масъалаи мазкур дар солҳои 50-уми қарни гузашта дар адабиёти тоҷик М. Турсунзода ва Мирсаид Миршакар, дар адабиёти урду аллома Иқболи Лоҳурӣ таваҷҷуҳ намудаанд. Маҷмуаи шеърҳои «Дуоб»-и Н. Тихонов, «Паёми Машриқ»-и аллома Иқболи Лоҳурӣ ва силсилашеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон»-и М. Турсунзода бо сабки фардии шоирони мазкур таълиф гардида, ҳамагӣ як масъала- вазъи сиёсии кишварҳои Шарқро дар бар мегиранд.

Вусъати доираи мавзуи ашъори шоирони замони шуравӣ дар заминаи дӯстӣ, рафоқат ва пайванди мустаҳками адабӣ сурат гирифта буд. Доираи ин мавзуъҳо аз ормонҳои умумибашарӣ иборат буда, бахусус, М. Турсунзода ва Николай Тихонов аз рӯзи таъсиси Кумитаи сулҳ дар собиқ Шуравӣ то охирин лаҳзаи ҳаёти худ барои беҳтар гардидани сатҳи зиндагии кишварҳои зери асоратмонда мубориза бурдаанд.

2.2. Мавзуи Шарқ дар эҷодиёти М. Турсунзода ва Н.С. Тихонов ба масъалаҳои ҳамоҳангии мавзуъ ва диди адабӣ

Дар замони шуравӣ адибони кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ на фақат дар ташаккули робитаҳои адабӣ, балки дар густариши дӯстии байни миллатҳо ва сулҳи ҷаҳонӣ саҳм мегузоштанд. Махсусан, хидмати Н.С. Тихонов ва М. Турсунзода, назар ба дигар муосиронашон дар робитаҳои тоҷику рус, ки самимияти қарини ин ду танро ифода менамояд, назаррас мебошад. Н С. Тихонов

ва М. Турсунзода ба хотири дифоъ аз осоиштагии кишварҳои Шарқ борҳо аз минбарҳои баланди конгрессҳои ҷаҳонӣ баромад намудаанд.

Сармуншии Кумитаи шуравии ҳифзи сулҳ барои хонандаи шуравӣ чун кашфкунандаи ҳадафҳои гуногуни адибони ҷаҳон намудор гардида, адабиёти пешқадами миллатҳоро таблиғ менамояд. Масалан, соли 1955 Н. С. Тихонов ба Афғонистон меравад. Натиҷаи ин сафари шоир ба мулки бегона на фақат мақолаи «Дӯсти мо – Афғонистон», балки пешгуфтори нависанда ба маҷмуаи шеъру сурудҳои афғонӣ маҳсуб мегардид. Муаллиф дар ин пешгуфтор мутазаккир мешавад, ки Афғонистон шоирони ширинсухане доранд. Ӯ сурудҳои халқи афғонро таҳқиқ намуда, рақси миллии онҳоро бо номи «Атон» ёдрас мешавад. Ҳамчунин, эҳсоси баландпояи халқи афғонро ҷиҳати дӯст доштани меҳан қайд намуда, иқрор мешавад, ки афғонҳо мақоле доранд бо ин маънӣ: «Дар майдони набард фавтидан авлотар аст, аз ин ки ба дасти душман асир афтем» [100, с.130-131].

Иртиботи Н.С. Тихонов бо кишварҳои Шарқ на фақат дар доираи робитаҳои адабӣ сурат мегирифт, балки ин робитаҳо дар заминаи фаъолияти ҷамъиятии Н.С.Тихонов низ ба амал меомад.

Манзумаи «Дуоб»-и Н.С.Тихонов аз шеърҳои беҳтарини шоир дар таҷассуми ду ҷаҳон ва ду тафаккур ба шумор меравад. Дар ин манзума муаллиф кулбаеро, ки дар он шабзиндадорӣ мекунанд, тасвир менамояд ва истиқболи зодрӯзашро дар муҳити на он қадар ошно ва ғайримаъмулӣ мегузаронад. Дуоб ин мавзеест дар Афғонистон, ки ҳангоми ба Покистон сафар намудан шоири муборизо бо намояндагони собиқ кишварҳои шуравӣ дар ин кулба қарор дошта буданд. М. Турсунзода аз байни осори ба Шарқ бахшидаи Тихонов «Дуоб»-ро беҳтар дониста, тавлиди ин маҷмуаро маҳсули зодрӯзи шоир медонад ва дар ин маврид чунин ишора дорад: «Ин шеъре буд аз боби дӯстӣ ва риштаҳои мустаҳками инсонӣ. Ин шеър бо номи «Дуоб» ба хазинаи назм дохил шудааст» [173, с.8].

М. Турсунзода дар бораи Н.С.Тихонов бо самимияти зиёде ёд мекунад ва ҳаяҷону эҳсосашро аз хонанда пинҳон намедораду ошкоро баён менамояд: «Чунон ки кас тавлиди рӯзро дар оғӯши кӯҳсорон ё худ берун задани нахустин қатраҳои

обро аз чашма бо изтиробу ҳаяҷон мушоҳида мекунад, ман бо камоли изтиробу ҳаяҷон эҷоди ӯро, афкори эҷодии ӯро, шеърҳои ӯро, ки дар ҳузури ман тавлид меёфтанд, мушоҳида мекардам. Мо дар кулбаи гилине андаруни дараи тангу торик менишастем. Моҳи декабр, шаби ялдои зимистон буд. Дар гунбади осмон ситораҳо дурахшон ва дар гирду пешамон чашмони гургон низ ба мисоли ситораҳо медурахшиданд.

Николай Семёнович оташи оташдонро тит мекард ва аз он ҷо шарораҳои кабудтоб часарросзанон ба чаҳор тараф пош мехӯрданд. Шарораҳо ба дастони ӯ, ба рӯйи бӯрё мерехтанд. Ӯ ҳамчунон бо оташков оташро тит мекард. Оташ ба ду ҷараён тақсим мешуд. Сипас, мо бар бордонҳо дароз кашидем, Тихонов чизе менавишт» [117, с. 10].

Н.С. Тихонов низ хотираҳои зиёде дар мавриди М. Турсунзода дорад ва дар ин хотира роҳҳои фаъолияти эҷодии шоирро аз диди нек баҳогузорӣ намудааст. Н.С. Тихонов шеърҳои ба Ҳиндустон бахшидашудаи Турсунзодаро баррасӣ намуда, арзиши бадеию эстетикии онро зикр намудааст. Силсилаи шеърҳои шоир бо номи «Қиссаи Ҳиндустон» ҳанӯз дар солҳои баъдиҷангӣ машҳур гардид ва М.Турсунзода маҳз барои ҳамин ашъор бо Ҷоизаи давлатии собиқ Шуравӣ сарфароз гардида буд. Н.С. Тихонов дар ин маврид чунин ишора кардааст: «Дар шеърҳои бахшида ба Осиё офаридаи шоир ҳақиқати талхи дар давоми асрҳо истисмору шиканҷа кашидани ин халқҳо инъикос шудааст. Дар замини Осиёи куҳан шоир ба сифати сайёҳи туфайлие қадам назадааст, балки вай ба ин ҷо чун аз мамлакати озоде омада буд, ки дасти ёрӣ ба халқҳои ҳамсоя дароз мекунад ва тақдири драмавии онҳоро бо тамоми амиқиаш мефаҳмад» [117, с. 10].

Н.С. Тихонов ба ҳунари суханварии М. Турсунзода эътимод дошт ва зимнан меорад, ки « М. Турсунзода нотиқи шуълаваре буд. Овози ӯ дар бисёр шаҳрҳои Осиё, Европа ва Африқо танинандоз гардидааст. Ӯро дар минбари конгрессу конфренсияҳои байналхалқӣ, дар хаймаи бодиянишинон ва қасри роҷаҳо, дар кулбаи бамбукӣ ва хонаи гилин дар суҳбати деҳқонони хориҷа ва дар саҳроҳои колхозии мамлакат дидаанд» [170, с. 19].

Дар воқеъ, мавзуи ватандӯстӣ дар шеъри шуравии тоҷик густурда буд.

Силсилаи ашъори «Қиссаи Ҳиндустон» дар ҳамон солҳо ба забонҳои ҳиндӣ, урду ва англисӣ тарҷума гардида буд. Ин асар аз як тараф зебоиҳои афсонавии Ҳиндустонро тасвир намояд, аз ҷониби дигар вазъи ногувори зиндагии мардумро таҷассум намудааст. Махсусан, дар шеъри «Меҳмони мағрибӣ» масъалаи истиқлолталабии мардуми Ҳиндустон ва аз хоки худ баровардани мустамликадорони англис бардошта шудааст:

Фурсати он аст, ки ин «меҳмон»,
Тарк кунад кишвари Ҳиндустон!
Чунки дар ин мамлакат ин зарпараст,
Ҳеҷ ба чизи дигаре дил набаст.
Сар назад аз мағрибии бекарам,
Чизи дигар ғайри ҷафою ситам.
Гарчи дусад сол дар ин хона монд,
Боз ба ин оила бегона монд.
Ҳукми вай имрӯз агарчи равост,
Пояи ин ҳукм вале бебақост! [172, с. 17].

Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ шоири муосири оташбаёни Покистон, низ ин найранги мағрибиёнро бо нидои шӯрангез инъикос менамояд ва агарчи ба миллати худ муроҷиат карда бошад ҳам, муҳтавои он ба ҳама мардуми Шарқ нигаронида шудааст:

Донӣ, аз Афрангу аз кори Фаранг,
То куҷо дар қайди зуннори фаранг?
Эй, зи кори асри ҳозир бехабар,
Чарбдастиҳои Юрупро нигар.
Қолӣ аз абрешими ту сохтанд,
Боз онро пеши ту андохтанд [115, с. 629].

Дар ашъори Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ, Мирзо Турсунзода ва Николай Тихонов муроҷиат ба фазои беохиру пуртакопӯйи коинот ба хотири ҷилавгирӣ аз ҳаводиси ногувори ҷаҳонӣ ба чашм мерасад. Чунон ки маълум аст, замони

зиндагии Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ ба чаҳоряки охири қарни Х1Х ва нимаи аввали қарни ХХ рост меояд, ки дар ин давра ҷараёни ба зери тасарруфу тасаллути Англия гузаштани нимҷазираи Ҳинд (соли 1856 анҷом меёбад) ва дар тамоми ин сарзамин ҳукмронии империяи Британияи Кабир барқарор ва тартибу усули фармонфармоии он ҷорӣ мегардад. Пас аз соҳиб шудан ба ҳокимияти сиёсӣ мустамликадорон дар Ҳиндустон низому усули нави идоракунӣ, андозгирӣ, додрасиву қазоӣ ва тарзи англисии таҳсилро татбиқ менамоянд [115, с. 4].

Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ дар ҷое хитоб мекунад:

Нағмаам аз захма бепарвостам,
Ман навои шоири фардостам.
Асри ман донандаи асрор нест,
Юсуфи ман баҳри ин бозор нест [115, с. 90].

М. Турсунзода дар шеъри «Асри ман», ки соли 1972 иншо шудааст, ишора ба замон ё асри мавриди назараш менамояд .

Н. С.Тихонов низ аз ин доираи андеша дур намеравад ва дар шеъри «Наш век пройдет. Откроются архивы…» ошкор гардидани ҳақиқати ҷаҳониро пас аз гузашти аср мефаҳмонад.

Боиси зикр аст, ки зиёиёни маорифпарвари афғон низ дар пайи ҷустуҷӯйи адл ва бунёди кишвари озоду пешрафта дар осори худ ҳанӯз аз охирҳои асри Х1Х ва аввалҳои асри ХХ таваҷҷуҳи зиёде намудаанд. Мустағнӣ, яке аз шоирони маорифпарвар ва озодандеши афғонӣ, дарди мустамлика будани Шарқро хеле хуб дарк намудаю гуфтааст:

Олами Машриқ бувад ҳайҳот то чандин чунин,
Аз Араб то Ҳинду Чин, Ирону Афғон бехабар.
Маҳви хоби ғафлатем, эй вой, ё масти шароб,
Меравад бар мо чиҳо имрӯз моён бехабар [11, с. 34].

Мустағнӣ муҳиммияти асри навро дар талабу дониш медонад ва амалро воҷибтар аз ҳама чиз пиндоштааст:

Вақти шеъру шоирӣ бигзашту рафт,
Вақти сеҳру соҳирӣ бигзашту рафт.
Вақти иқдом асту саъйи ҷидду ҷаҳд,
Ғафлату танпарварӣ бигзашту рафт [11, с. 9].

Воқеан, «Садои Осиё» мисли «Қиссаи Ҳиндустон» ва «Ман аз Шарқи озодам» ифодагари воқеаҳои сиёсии нимаи дувуми асри ХХ буда, дар он шоир ҳодисаҳои мустақил гардидани як қатор кишварҳои Шарқро аз асорати мустамликаи аҷнабӣ ба ҳамагон воқиф месозад:

Осиё бедор шуд, бедор, тарки хоб кард,
Ростию дӯстиро оқибат дарёб кард.
Меваҳо аз меваҳо гиранд пайванди наве,
Гирад аз ҳамсояҳо ҳамсоя ҳам панди наве [172, с. 239].

Дар навбати худ, Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ мушкилоти Осиёи Марказиро дигар хел тасвир менамояд ва дар ашъори ӯ омилҳои пешрафт накардани ин марз аз ғафлатии мардуми ин сарзамин изҳор гардидааст:

Осиё он марзу буми Офтоб,
Ғайрбин аз хештан андар ҳиҷоб.
Қалби ӯ бе воридоти нав ба нав
Ҳосилашро кас намегирад ба ҷав.
Рӯзгораш андар ин деринадайр,
Сокину яхбаставу бе завқи сайр.
Сайди муллоёну нахчиру мулук,
Оҳуи андешаи ӯ лангу лук.
Ақлу дину донишу номусу нанг,
Бастаи фитроки лордони фаранг [115, с. 240].

Мавзуе, ки Иқбол онро дар саросари ашъори худ пайгирӣ кардааст, масъалаи дар султаи аҷнабӣ қарор гирифтани давлатҳои Шарқ мебошад ва шоир роҳҳои пайдо намудани саодатро танҳо дар таъмин намудани истиқлолияти давлатӣ мебинад. Ҳатто дар тасвири ҳақиқат чандон сахткӯш аст, ки омили қашшоқии як

миллатро дар миллати дигар ҷустуҷӯ намуда, ба хулосае меояд, ки мутаассифона донаро яке мекорад, аммо ҳосилро дигарӣ мебардорад. Иқболи Лоҳурӣ дар ашъори форсияш Шарқро бо тамоми нуқси зиндагияш аз дигар манотиқ боло медонад ва менигорад:

Сӯзу созу дарду доғ аз Осиёст,
Ҳам шаробу ҳам аёғ аз Осиёст.
Ишқро мо дилбарӣ омӯхтем,
Шеваи одамгарӣ омӯхтем.
Ҳам ҳунар, ҳам дин зи хоки Ховар аст,
Рашки гардун хоки поки Ховар аст [115, с. 627].

Таваҷҷуҳи Н.Тихоновро вазъи зиндагӣ ва мушкилоти кишвари мустамликашудаи Покистон бештар ҷалб мекунад. Николай Тихонов шоири самимӣ ва нуктасанҷе буд, ки дар ашъораш бо номи «Дуоб» хотираҳои хешро ба таври воқеӣ ифода менамояд. Бештари адабиётшиносони аҳди шуравӣ ва имрӯз ба ин маҷмуа баҳои баланд додаанд. Дар эпилоги шеъри «Дуоб» ишора меравад, ки «Ин шеърҳо дар бораи Афғонистон ва Покистон мебошанд» [117, с. 26].

Достони «Дуоб» ба достони «Ҷони ширин» аз лиҳози баёни андеша ва мақсадгузорӣ ба ҳам монандӣ доранд ва дар «Ҷони ширин» ин мавзуъ муфассал тасвири худро ёфтааст.Махсусан, тасвири меҳмондории мизбони дуобӣ ва баргузории рӯзи таваллуди Н.С.Тихонов дар кулбаи фақиронаи як сокини мавзеи Дуоб ҷолиби диққат аст:

Дар шаби торик пеш омад «Дуоб»
Меҳрубон шуд, дод бар мо ҷои хоб,
Кулбаи хаспӯшро тақдим кард,
Мизбон дар пеши дар таъзим кард.
Ҷойи бистар бӯрё густурда буд,
Гар чароғе буд, он ҳам мурда буд.
Дар миёни хона гулхан даргирифт,
Шифти онро дуду хокистар гирифт... [172, с. 268].

Оғози достони машҳури «Дуоб»-и Тихонов низ бо ишора аз мавзеи Дуоб, ки дар Афғонистон ҷойгир аст, ба назар мерасад:

День рожденья моего
Приютил Дуаб полночний,
Нет мрачней теснии его
И прелестней, между прочим.
Дичь какаф-то вокруг-
Ералаш цветной дивана,
Полутемной лампы крун,
Плов и джина полстакана [137, с. 400].

Тарҷимаи Ғаффор Мирзо:

Дар канораш Дуоби нимишабӣ
Дод гӯша ба рӯзи мӯлчари ман,
Тиратар ҷо зи тангиҳояш нест,
Лек дилро ҳамебарад қасдан.
Чор сӯ ким-чӣ гуна муъҷизаҳо,
Печ дар печ нақшҳои диван,
Сояи гирду хираи лампа,
Палаву ҷин ба қадри ним стакан [117, с. 75].

Тасвири вазъи шоирону шабнишинии онҳо бахшида ба зодрӯзи Н.С.Тихонов дар достони «Ҷони ширин» басо сода, самимӣ ва воқеӣ баён гардидааст.Шоири тоҷик урфу одат, поктинатӣ ва одатҳои инсонии мардуми меҳнатии Шарқи мусулмониро нишон додааст.

Дар гирондани гулхан ва аз он ҳам гарм ва ҳам равшан шудани хона ҷузъи хосанд, ки боварии хонандаро ба ояндаи нек меафзояд:

Давра биншастем дар гирди алав,
Чой ҷӯшиду муҳайё шуд палав.
Бо ғазаб мезад ба бому дар шамол,
Гӯш кар мекард, монанди шаҳол.

Ҷанг бо сармо вале гулхан намуд,
Хонаро ҳам гарм, ҳам равшан намуд [172, с. 269].

Аз Н.С. Тихонов:

Дым табачный к потолку,
Дверь скрипит, как бы вздыхая,
И буржуйка в уголке,
Где трещит арча сухая.
Чуть поблескивает глянец
Чашек в теплой полутьме [137, с. 400].

Воқеияти ин нишаст дар дастони «Дуоб» боз ҳам таҳвият ёфтааст. Дар айни ҳол услуби тасвири шоири тоҷик тафовут ҳам дорад, ки он аз хусусиятҳои миллии ашъори он дарак медиҳад. М. Турсунзода низ муҳаббату самимияти хешро ба дӯсти ҳаммаслакаш, махсусан, дар достони «Ҷони ширин» ифода менамояд. Дар достон, ки мазмунан сафарномаро ба хотир меорад, Турсунзода дар он аз дидаю шунидааш ёд мекунад. Н.С. Тихонов низ аз дӯстони ҳамсафараш буд, ки дар достони мазкур инъикоси худро ёфтааст:

Тихонов бо мӯйҳои сап-сафед,
Кард табдил суҳбати моро ба ид.
Дӯстиро ман аз ӯ омӯхтам,
Кишвари дилро аз ӯ афрӯхтам.
Ман аз ӯ омӯхтам касби адаб,
Ҳам муҳаббат, ҳам рафиқӣ, ҳам ғазаб.
Метавонад ӯ ба дарди дигарон,
Ёр гардад чун рафиқи меҳрубон.
Борҳо бо ӯ сафар кардем мо,
Сайри чандин баҳру бар кардем мо.
Регзорону биёбон дидаем,
Сардбарфу гармборон дидаем.

Кӯҳсоронро гузар кардем мо,
Бар нишебиҳо назар кардем мо,
Гоҳ дар зери сари мо санг буд,
Гоҳ манзил қасри Шоҳавранг буд.
Гоҳ медидем фавҷи одамон,
Гоҳ танҳо ахтарони осмон.
Гоҳ шаҳру гаҳ деҳот омӯхтем,
Алғараз, сирри ҳаёт омӯхтем.
Ёд дорам соли чилу нуҳро,
Тай намуданҳои роҳи кӯҳро.
Дар сари раҳ Ҳиндукуш паҳлу кашид,
Аз бари домони мо ҳар сӯ кашид [172, с. 268].

Дар мавриди соҳибхона як ҷавони афғон ҳам Н.С. Тихонов ва ҳам М. Турсунзода бо як самимият дар достонҳои худ ишора намудаанд ва таъкиди вазъи зиндагии ӯ намудаанд:

Аз Н.С. Тихонов:

И у ног сидит афганец
На ковре, в большой чалме.
Мне дарили в дни рожденья,
Как и я дарить был рад[137, с. 400].

Тарҷумаи Ғаффор Мирзо:

Салла бар сар бар рӯйи қолин,
Чорзону нишастааст афғон.
Қайди рӯзи таваллудам ҳар вақт
Бо мукофоти дӯст дар гузар аст [117, с. 75].

Аз М. Турсунзода:

Соҳиби ин хона афғони ҷавон
Шодмон буд аз қудуми меҳмон.

Дӯстона меҳмондорӣ намуд
То тавонист ӯ ба мо ёрӣ намуд [172, с. 269].

М. Турсунзода дар достони «Ҷони ширин» ишора бар он намудааст, ки ҳар ду шоҳиди ин мавзеъ ҳастанд ва аз гумон холӣ нест, ки дар мавриди хусусияти топонимии он баҳсҳо низ кардаанд:

Офтоб аз мо панаҳ мекард рӯй,
Сояҳо карданд моро ҷустуҷӯй.
Боз шуд дарвозаи Искандарӣ,
Бе дами шамшеру зарби ханҷаре [172, с. 268].

Н.С. Тихонов ин манзараро дар шеъри «Дарвозаи Искандар» равшантар тасвир намудааст:

Нам афганец сказал, показав на громады
Стен, идущих к верщин куполам?
«Эти стены когда-то стояли преградой,
Их Искендер рассек пополам».
Мы не спорим, у нас есть другие заботы,
Мы поверим, что их разрубили сплеча,
И не только вот эти –иные воротов
Рассекали здесь сила меча.
Нам остались на память лазурь и бигрянец [137, с. 404]

Тарҷумаи Ғаффор Мирзо:

Патане кард ривоят, ки ҳамин кӯҳи азим,
Ки бар қулла биравад гунбазе гунбаз ба сар,
Бар девори сари роҳ ба замонҳои қадим,
Зада чу пора намудааст варо Искадар.
Хайр, мумкин суханат рост бувад, сабте ҳаст,
Зӯр бикшод дар ин кӯҳ , дар ин хоро дар,

На фақат ин ба дами зӯрию шамшер бишкаст,
Чӣ қадар боз ҳисору дару девори дигар ӯ [117, с. 79].

Чунин илҳомгирӣ аз сиришти ду марди бузург дарак медиҳад, ки ҳар нафаре тавонистааст, ки шунида ва мушоҳидаҳои хешро тасвир бинамояд. Фазои ягона, дӯстии ин ду шоир дар ашъору афкори онҳо таҷассуми худро ёфтааст ва тавонистаанд, ки дунёи пуртазодро бо гуманизми шоиронаи худ ба қалам кашанд. Воқеан, Н.С. Тихонов бахшида ба 60-солагии М. Турсунзода меҳру самимияташро дар шеър иброз намудааст. Ин шеърҳо дар як муддат дар рӯзномаҳои даврӣ аз ҷониби шоирони тоҷик тарҷума ва рӯйи чопро дидаанд. Шеъри «М. Турсунзода» қаҳрамониҳои шоири тоҷикро дар арсаи ҷаҳон ба хотири дастгирӣ аз халқи мазлум ва бечора тавсиф намудааст. Дар ҳамин шеър Н.С. Тихонов иброз менамояд, ки бигзор дар оянда низ садои ту баланд ва нақши ту танинандоз бошад.

Матни асл:

Ты вступил в тот волнующий возраст,
Когда жизнь бурно цветси,
Когда ближе нам кажутся звезды,
Ниже- горы, короче пути!
Когда ум шевелить начинает
Давних мыслей и слов вороха,
И , как добрая весть, восхишает
Восходящая сила стиха! [137, с. 288].

Николай Тихонов дар қатори шеъри дигар шоирон аз ашъори М. Турсунзода шеъри «Духтари ветнамӣ»-ро бо як шавқи зиёде тарҷума намудааст. Ин шеър ба духтари ветнамие бахшида шудааст, ки дар вақти сафар дар Париж М. Турсунзода бо шоир вохӯрдааст ва дар ин шеър ҳадафҳои ҷонибдорӣ аз сулҳ дар Ветнам (солҳои 70-уми асри гузашта дар он ҷо ҷанги хунине буд) намуда, бениҳоят нозукона баён гардидааст:

Шеъри М. Турсунзода:

Гирифтам дастрӯмоле, ки буд аз барг нозуктар,
Чу гулҳои сафеди себзорон буд пур аз анвар,
Ба монанди дили софе, ки мебахшад туро дилбар,
Зи дасти духтаре, к -ӯ шуд ба фарзандони ман модар
Зи дасти духтари тоҷик.
Ман аз ҷон дӯсттар дорам зану фарзандҳоямро,
Ба онҳо пешкаш кардам диёри пурсафоямро,
Насиби меҳнати ҳаққи ҳалоли рӯзҳоямро.
Намоям ҳифз фарзандони неки бовафоямро
Ба монанди зани тоҷик [169, с. 8].

Тарҷумаи Н.С.Тихонов:

Мне подарила свой синний платок, что лепестка нежней.
Белый, чем яблань цвкт в садах на родине моей,
Платок, как сердце, отдалс тому, кто всех милей,
Та, что всю жизнь прошла со мной, как мать моих детей, -
Девушка Таджикстан.
Дюлью семью, хочу, чтоб крепким был мой род,
Пусть дети чистый воздух пьют родной страны высот
И хлеб едят, что честный мне, свободный труд дает,
Я берегу своих детей, как бережет народ.
И девушки Таджикистана [120, с. 67].

Дар тасвири лирикии шоир духтари ветнамиест, ки М. Турсунзода дар он ормонҳои мардуми Ветнамро баҳри осоиштагӣ инъикос менамояд ва аз 60 мисраъ иборат буда, тарҷумаи Н.С. Тихонов басо муассир ва хотирмон ба назар мерасад. Бояд гуфт, ки мутарҷим ба ҷойи «дастрӯмоле, ки буд аз барг нозуктар» «синий платок, что лепестка нежней»-ро истифода кардааст ва дар вақти тарҷума ҳам ҷавҳари миллӣ ва ҳам руҳияи умумибашарии матни аслро нигоҳ доштааст.

Мафҳуми «рӯймолчаи кабуд» дар тарҷумаи Н.С. Тихонов рамзӣ мебошад, зеро пас аз тақсими Лаҳистон дар соли 1939, Э. Петерсбурский дар Баясток, суруди «Рӯймоли кабуд»-ро иншо мекунад. Ҳангоми сафари худ ба Маскав шоир ва драматург Ҷейкоб Голденберг ба матни ин шеър оҳанг менависад:

Синенький, скромный платочек
Падал с опушенных плеч.
Ты говорила, что не забудешь
Ласковых радостных встреч.
Порой ночной, ты распростилась со мной.
Нет прежних ночек, где ж ты, платочек,
Милый, далёкий, родной.
Кончилась зимняя стужа,
Даль голубая ясна.
Сердце согрето, верится в лето,
Солнцем ласкает весна… [72].

Агар ба мазмуну муҳтавои ин шеър таваҷҷуҳ намоем, пас монандиро бо образи лирикии «Духтари ветнамӣ» дидан мумкин аст. Суруди «Рӯймоли кабуд» дар замони ҷанг ва пас аз он ҳамчун ормони дидори ёр аз забон ба забон садо медод ва мундариҷаи он муҳтавои худшиносию ваҳдати башариро баён менамояд.

Шеърҳои дигаре, ки метавон аз лиҳози мавзуъ ва мақсад ба ҳам монанд донист, инҳо «Чароғҳои Ватан»-и М. Турсунзода ва «Огни Термеза» («Чароғҳои Тирмиз»)-и Н.С. Тихонов мебошанд. Ҳар ду шеър ҳам шуълаафкании чароғҳои электрикии Термез - шаҳре, ки бо Афғонистон ҳамсарҳад аст, инъикос менамоянд ва ҳадаф аз ин тасвири чароғон ва равшан будани шаҳру деҳ ҳангоми шаб дар кишвари шӯроҳо мебошад. Шеъри М. Турсунзода соли 1950 ва аз Н.С. Тихонов соли 1951 иншо гардидааст. Албатта, истифода аз нерӯи барқ дар он шабу рӯз ин навовариҳои илму техника дар соҳаи хоҷагии қишлоқ ба шумор мерафт. Мантиқан таваҷҷуҳ намоем, имрӯз ҳам ин минтақа ниёз ба нерӯи барқ дорад. Масалан, шеъри Н.С. Тихонов:

Нусхаи асл:

Открылась с холма над рекою,
Всей тьме этой наперерез,
Полна золотого покоя,
И мы закричали: «Термез!»
В нас, что мы видели, жило:
Природа, которой нет краше [137, с. 405].

Шеъри М. Турсунзода:

Ба ҳангоми шоми сиёҳи торе,
Зи рӯйи баландии пурғам,
Ба сад ифтихору ба сад беқарорӣ,
Шамоли дурахшандаро дидам аз дур,
Ки мекард ҷилва чун як хирмани нур.
Чароғони Тирмиз рахшанда буданд,
Ба рӯйи замин шуъла афканда буданд [172, с. 65].

Қиссаи Ҳиндустон»-и М. Турсунзода хеле самимӣ ва лаболаб аз дарди ошно - вазъи ногувори мардуми Ҳиндустонро тасвир намудааст. Ин қисса то имрӯз арзиши бадеӣ ва аҳаммияти мавзуии худро гум накардааст. Бо дарназардошти нақл ва таҳлили воқеа ба нафаре М. Турсунзода истилоҳи «қисса»-ро қабул донистааст. Инро бевосита аз хусусияти таъсирпазирии асар ва ҷолибияти муҳтавои он ба ҳамзамонони шоир донистан мумкин аст. М. Турсунзода силсилаи шеърҳои ва «Ду роҳ» мебошанд. Ин силсилаи шеърҳо аз диди мавзуъ ба ҳамдигар тавъам мебошанд ва дар асри гузашта бо забони ҳинду, урду ва англисӣ тарҷума гардида буданд, ки ин имкони дарк ва интишори андешаҳои инсонгароии шоирро афзун

мегардонад. Дар шеъри «Қиссаи Ҳиндустон» вақди шоир ҳангоми тасвири эҳсосоти нахустинаш бо дидани Ҳиндустони афсонавӣ ду ҷанбаи психологии шоирро дар бар мегирад ва метавон онро ҳам парвози руҳӣ ва ҳам тазоди руҳӣ номид, яъне мафтуншавӣ аз зебоиҳои Ҳиндустон ва озурдагияш аз мушкилоти нуҳуфтаи он:

Бидидам дар паси кӯҳи Ҳимолой,
Замини сабзу зархезе саропой.
Агарчи ганҷҳояш пурбаҳоянд,
Валекин мардумони он гадоянд [172, с. 8].

Дар шеъри «Меҳмони мағрибӣ» вазъият дигар мегардад ва шоир бо садои баланд омили пастрафту аҳволи нангини ин мардумро дар мустамлика будани он медонад. Аз ин хотир, дар шеъри мазкур аз забони мардуми Ҳинд бонги изтироб ва озодихоҳӣ мезанад:

Фурсати он аст, ки ин «меҳмон».
Тарк кунад кишвари Ҳиндустон!
Чунки дар ин мамлакат ин зарпараст,
Ҳеҷ ба чизи дигаре дил набаст.
Сар назад аз мағрибии бекарам,
Чизи дигар ғайри ҷафою ситам.
Гарчи дусад сол дар ин хона монд,
Боз ба ин оила бегона монд.
Ҳукми вай имрӯз агарчи равост,
Пояи ин ҳукм вале бебақост! [172, с. 17].

Агар мо ба вазъи сиёси асри гузашта таваҷҷуҳ намоем, пас дарк намудан мумкин аст, ки заҳмати шоироне чун Н.С. Тихонов ва М. Турсунзода дар тарғиби сулҳ дар минтақаи Осиё, Африқо ва Ҳиндустон бесабаб набудааст ва нодиртарин ҳодиса ин истиқлолияти Ҳиндустон дар соли 1947 мебошад.

Имрӯзҳо дар мавриди ашъори М. Турсунзода андешаҳои зиёде давр мезананд ва баъзан мехоҳанд шеърро дар муқобили сиёсат гузоранд. Дар ин маврид метавон як ёддошти шоир Расул Ғамзатовро тазаккур дод, ки гуфта буд: «Боре вақте ки М. Турсунзода дар шаҳри Бейрут дар ҷамъомади нависандагони Осиё ва Африқо аз муборизаи қаҳрамононаи халқи Ветнам бар муқобили ғоратгарони амрикоӣ ва зиндагии машаққатангези миллионҳо мардумони Осиё ва Африко сухан кард, намояндагони баъзе мамлакатҳо моро бо он айбдор намуданд, ки гӯё мо, нависандагони советӣ, мехоҳем баҳси адабиёт ва маданиятро ба баҳси сиёсат табдил диҳем. Он вакт Мирзо - раиси Комитети советии якдилӣ бо халқҳои Осиё ва Африқо ва шоири маъруф - аз ҷой бархост ва гуфт: «Барои ман санъат ва сиёсат бародарони тавъамонанд» [28, с.45].

Ҳамин масъалаи бархӯрди иҷтимоию иқтисодӣ бо мустамликадорон дар шеъри «Рӯди Ганг» боз ҳам равшантару самимитар тасвир гардидааст. Шоир бо ин рӯди муҳташам роз мегӯяд ва аз ӯ роз меҷӯяд. Дар образи рӯд масоили истиқлолхоҳии М.Турсунзода тасвир мегарданд ва рӯди Ганг, ки ҳам муқаддасу ҳам бузург аст, киноя аз амвоҷи мардуми хомӯши Ҳинд мебошад, ки дусад сол боз ба ҳама ситамҳои аҷнабиҳо таҳаммул мекунанд:

Дар шаби тор оби рӯди Ганг,
Буд бо акси каҳкашон ҳамранг.
Гуфтам: «Эй Ганг, аз чӣ хомӯшӣ?
Аз чӣ дарёсифат намеҷӯшӣ?
Нафасат аз чӣ гарму ҷӯшон аст?
Рег пеши дами ту бирён аст?
Ё шарикӣ ба дарди ҳамватанон?
Мехӯрӣ ғам барои Ҳиндустон?
Ё магар дидаӣ, ки бемузде,
Дили ту канда мебарад дузде.
Мебарад ҳусни навбаҳоратро,
Вопасин тухми киштзоратро?

Ҳар чи бошад, бузург рӯд астӣ.
Ҳиссаи баҳри беҳудуд астӣ.
Рӯдворона зиндагонӣ кун!
Ҷӯш зан,
Ҷӯш зан,
Ҷавонӣ кун! [172, с. 18].

Нуктаи назари Челишев Е. дар мавриди мавзуи Ҳиндустон дар шеъри М. Турсунзода бо таҳлилҳои амиқи хосса ва дарёфтани мазмун дар он майраҳ гардидааст: «Хусусан, вақте ки Турсунзода ба образҳои анъанавии назми ҳиндӣ рӯ меоварад, ба таври хос воқеияти Ҳиндустонро дарк кардани шоир баръало намудор мегардад. Дар ин образҳо якбора баъзе паҳлуҳое ошкор шудаанд, ки собиқан маълум набуданд» ва идома медиҳад, ки «Образи дарёи муқаддас, ки мувофиқи асотири ҳиндиён, гӯё аз осмонҳо ҷорӣ шуда меомадаасту ҳар ки дар он ғусл кунад, аз гуноҳ пок мешудааст, дар сурудаҳои шуарои равияи романтикидошта таҷассуми ҳусни тамом, ҳаракати мудом ва аз нав ҷон гирифтани олам мебошад» [95, с.200].

Бояд гуфт, ки дар асри ХХ Ганги муқаддас образи иҷтимоиро дар адабиёти ҳиндӣ касб мекунад. Ин дарёи орому пурандеша аз як тараф чун мавзеи интиқоли хокистари ҷасади ҳиндуҳо мутобиқи эътиқодашон бошад, аз ҷониби дигар онро «модар»-и хушбахтиҳои худ медонистанду дар он ғусл карданро аз покии руҳ қабул доштанд. Ганг ин дарёест, ки руҳи ҳиндиҳо пас аз вузуъ дар он озод мегардад ва ба қавле саҷдагоҳи мардуми ҳинд аст. Челишев Е. дар ин бора меорад: «Дар ашъори Сумитранандан Паш образи дарёи муаззами ҳиндиҳо, ки ба сӯйи уқёнус ҷорист, рамзи издиҳоми дар роҳи мубориза бедор шуда, ба ҳаракат омадаест, ки ба сӯйи мақсади олӣ ба пеш метозад. Соли 1937 Пант навишта буд: «Хурӯшон аз ниҳоди халқ ҷорӣ Ганги мо имрӯз». Ба қавли ӯ, «Турсунзода ба чаҳони эҳсосоту андешаҳои мардуми ҳиндӣ амиқ сар фурӯ мебарад. Дар тарзи зиндагонии қонунии онҳо баъзан нишонаҳои ҳаёти мозии халқи худро, ҳаёти падарону бобоёни худро пайваст мекунад. Ӯ ба муқобили вомондаҳои асримиёнагӣ, таассуботи динӣ, ки

дар натиҷаи он даҳҳо миллион мардуми Ҳиндустон «нафратзадагон» ном гирифта, аз камтарин ҳуқуқи инсонӣ маҳрум мондаанд, сар мебардорад» [95, с. 200].

Достони «Садои Осиё» идомадиҳандаи баҳси нотамоми шоир дар мавриди нобаробарии иҷтимоии мардуми Шарқ буда, нисбат ба шеърҳои қаблӣ мутантану зебо садо медиҳад:

Ман суруди Осиёям, қитъаи огоҳдил,
Қитъае, ки кард қомат рост аз болои гил!
Шарқ боғашро намояд ҳифз аз ғоратгарон,
Аз ҳуҷуми гармселу офати боди хазон.
Нест аммо қуввае, ки азмро орад завол,
Руҳи озодипарастонро намояд поймол,
Баҳри озодӣ садои Осиё омад ба гӯш.
Хуни халқи Осиё омад ба ҷӯш,
Омад ба ҷӯш! [172, с. 245].

Дар мавриди муҳаббату самимият ва эътиқоди мардуми Шарқ ба М.Турсунзода хотироти шоири рус А. Сафроновро низ овардан ҷоиз аст, ки чунин аст: «Мо аз сарҳади Афғонистону Покистон зуд нагузаштем. Мирзо хеле хуб ҳарф мезад ва бо мардуми таҳҷоӣ тез забон меёфт. Сарҳадбон, хизматчии боҷхона фаҳмид, ки Турсунзода ба форсӣ сухан мегӯяд, пурсид, ки вай ин забонро аз куҷо медонад?

Ман на танҳо забон, балки назми онро медонам, шоири номвари Покистон Иқболро медонам, — гуфт Мирзо ва аз ёд чанд шеъри дар ҳақиқат, олиҷаноби ин классики адабиёти Покистонро хонда дод. Ин саёҳати кӯтоҳмуддат ба Афғонистон буд, ки бароямон характери дарккунӣ, шиносшавӣ дошт. Мо дар ҳақиқат, ҳаёти бағоят душвору тоқатфарсои мардумро мушоҳида кардем, чӯлу он тафсонеро дидем, ки занон дар сар бори вазнин, пойлуч қадам мезаданд. Ҳамаи ин як умр дар хотираҳои мо монд, дар дилу дидаҳоямон нақш баст» [70,31-36].

Аз ин хотирот фаҳмидан мумкин аст, ки барои М. Турсунзода ба хотири дарки вазъи як кишвари ҳанӯз дар ногуворӣ қарордошта ва ба замми ин бо

Иттиҳоди Шуравӣ робитаҳои дипломатӣ надошта осон набуд. Қаҳрамонии ӯ дар тавсифу дарёфти озодии башар ҳамто надорад. Чунин рисолатро фақат баъд аз замони Шуравӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба анҷом расонида тавонистааст ва аз ин хотир арзиши фаъолияти М. Турсунзода ба ҳайси шоири озодихоҳ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша мавриди таъкид аст.

Хандозян фаъолияти пурсамари М. Турсунзодаро аз сиришти ӯ медонад. Дар ёдномаи худ аз бузургии шоир таъкид намуда, зикр мекунад, ки «Ман дили М. Турсунзодаро ба тапишҳои беқарори дили Шарқ нисбат медиҳам. Бале, маҳз ба Шарқи бузурги риёзаткаш ва офаридгори назми бузург. Дар ҳастии Мирзо тапиши дили вақтро мебинам. Ӯ тамоми дунёро на фақат ҳамчун сайёҳ, балки ҳамчун шоир давр зада баромад. Овози ӯро дар ҳама ҷо, ҳам дар кулбаи ҳиндӣ ва ҳам дар заврақи моҳигири испонӣ мешунаванд» [94, с.107-115].

Дар асарҳои М. Турсунзода нозукиҳои ҷаззоби шеъри халқӣ, гоҳе эҳсосот ва ҳавас, андуҳи равонии қаҳрамонони ашъори классикии ишқӣ-ошиқона, баъзан андешаҳо ва мулоҳизаҳои амиқро, ки баъзе намунаҳои ашъори халқиро ба ёд меоранд, дидан мумкин аст. Чунин фарогирии истеъдод, маҳорат ва тафаккури бадеии шоир, имкон ба амал овардааст, ки мавзуъҳои хеле муҳимро дар осораш ҷой диҳад.

Дар солҳои 50-ум ғояҳои бадеӣ ва орзуҳои миллии М. Турсунзода, ки моҳияти амиқи инсондӯстӣ пайдо мекунанд, пеш аз ҳама, ба ҳимояи манфиатҳои инсон нигаронида шуда буданд. Хубиву бадӣ аз нигоҳи шоир набояд танҳо дар ҳамбастагӣ бо Ватан ва дар миқёси миллӣ арзёбӣ шавад, балки ин масъала доманаи васеъро фаро гирад.

М. Турсунзода дар асарҳои худ ифтихори миллиро барои ҳимояи инсон новобаста аз миллат ва вазъи иҷтимоии ӯ зарур мешуморад, ки инро қаҳрамонони ашъораш ва мавзуъҳои асосии он равшан нишон медиҳанд.

Таваҷҷуҳи М. Турсунзода ба мушкилоти башарӣ дар заминаи воқеияти замони худ, шадидтар шудани масъалаҳои умумиинсонӣ, миллӣ ва инъикоси мутавозини онҳо дар адабиёт нишон медиҳад. Дар маркази чунин асарҳои шоир,

ба мисли «Садои Осиё», «Ҷони ширин», «Аз Ганг то Кремл», «Қиссаи Ҳиндустон», дарёфтан мумкин аст.

М. Турсунзода дар фаъолияти эҷодии худ, аз равишҳои нав дар адабиёт ва аз таҷрибаи бойи адабиёти ҷаҳон истифода бурда, андешаҳояшро ба манфиати адабиёти миллӣ ва фарҳанги ҷаҳонӣ равона намудааст. Аз сӯйи дигар, дар ин раванд ӯ аз анъанаҳои адабии аҷдоди худ ба навсозӣ, ҳифз ва такмили хусусиятҳои миллии адабиёти тоҷик шуруъ намуд. Яке аз хизматҳои назарраси ӯ дар ин самт иштироки фаъолона дар ташаккул ва рушди як навъ образи бадеӣ ва адабии миллии эҷодкор мебошад, ки бо ғояҳо ва ормонҳои умумиинсонӣ зич алоқаманд аст.

Дар яке аз ёддоштҳояш Н.С. Тихонов таассуроти марди покистониро аз сафари шоирони шуравӣ ба сарзамини Покистон ёдовар мешавад: «Он ҷо ба назди шоирон, донишмандони Покистон ба меҳмонӣ омадаанд, то ки мамлакати моро дида, дар бораи аҳволи зиндагии мардуми Иттифоқи Шуравӣ нақл кунанд. Се нафари онҳо рус буд. Яке аз онҳо қадбаланд, мисли паҳлавон қавипайкари бақувват буд ва агар хоҳад годиро бардошта метавонад, вале дар чашмонаш меҳрубонӣ ҳувайдо буда, дар овозаш некукорӣ ҳис карда мешуд. Мӯйи сари дуюмаш сап-сафед, пир, вале бақувват, зиндадил буд. Сеюмаш гуфт, ки шеър наменависад, фақат шеъри дигаронро мехонад. Аммо азбаски ӯ портфели калонеро ба сари синааш зер карда буд, ман ба гапаш бовар накардам. Аз афташ портфели ӯ пур аз ҳар гуна фазл аст. Чорумаш шоири ӯзбек буд, хеле машҳур. Мӯяш дарози сип-сиёҳ, чашмонаш ҳам мисли шабҳои кӯтоҳ сип-сиёҳ. Дар онҳо гулхани шеър фурӯзон буд. Вале бештар аз ҳама меҳмони машҳур аз Тоҷикистон ба ман маъқул шуд» [165, с. 8].

Дар маҷмуъ, масъалаҳои асосие, ки таваҷҷуҳи Н.С.Тихонов ва М.Турсунзодаро ба худ ҷалб намуда буданд, озодӣ ва истиқлолхоҳии халқҳои Шарқ буд,ки то имрӯз аз аҳаммият холӣ нестанд. Ҳамакнун мураккабии зиндагӣ дар Шарқ, нобаробарии иҷтимоӣ ва поймолшавии кишварҳои гуногуни рӯйи замин ба хотири манфиатҳо боқӣ мондааст. Баёни ормонҳои аҳвоми Шарқ аз минбарҳои баланд аз ҷониби ин шоирон хидмати таърихии онҳо дар назди ҷомеаи башар маҳсуб мегардад.

Осори Н.С.Тихонов ва М.Турсунзода комилан зуҳуроти мустақили адабиёти асри ХХ маҳсуб мешаванд ва густариши ин навъи адабиёт ба ду фарҳанги мусоид алоқамандӣ дошта, низоми бадеии ашъори ин шоир, низ маҳз аз ҳамин ду ҷараён сарчашма гирифтааст. Достонҳои Николай Тихонов дар мавзуи Шарқи хориҷӣ намунаи густурдаи жанри эпикӣ дар он замон мебошанд. Ашъори ба Афғонистон ва Покистон бахшидаи Н.С. Тихонов аҳаммияти таърихӣ дошта, баёнгари вазъияти нооромии ин минтақа дар асри ХХ мебошад, ки то имрӯз ҳалли худро наёфтааст. Ин ашъори саршори муҳаббат бо дарназардошти воқеияти тасвир тараннумгари саодати рӯзгори ояндаи мардуми Шарқ мебошад, ки шоир омили дарёфти мурғи бахти миллатҳои ғайрро дар ҷаҳду талош ва ваҳдати томи миллатҳои сайёра медонад.

Ҳамин тариқ, пас аз таҳқиқи масъалаи мазкур чунин хулоса намудан мумкин аст, ки образҳои офаридаи Н.С. Тихонов ва М. Турсунзода ифодакунандаи мақсаду мароми мардуми озодихоҳи Шарқ буда, саршори ғояҳои ватандӯстӣ, инсондустӣ ва сулҳпарварӣ ҳастанд.

2.3. Тасвири Шарқ дар шеъри Мирсаид Миршакар

Мирсаид Миршакар шоир ва дроманависи тоҷик, Шоири халқии Тоҷикистон (1962), дорандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ (1964), ходими барҷастаи давлатию ҷамъиятӣ, вакили Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон, узви КМ ҲК Тоҷикистон, раиси Кумитаи ҷумҳуриявии ҳамдилӣ бо мамолики Осиёву Африқо, узви Президиуми Кумитаи шуравии ҳамдилӣ бо мамолики Осиёву Африқо, узви бебадали раёсати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон маҳсуб мегардад.

Мавзуи Шарқ дар осори Мирсаид Миршакар идомадиҳандаи баёнияи башарӣ дар мавриди раҳоии ин минтақа аз зулмот ва мушкилоти иҷтимоӣ буд. Шоир дар ашъори худ бо ваҷди зиёде аз Шарқ суҳбат менамояд. Дар шеъри «Одами одии Ҳинд» ӯ эҳсосоти самимии худро нисбат ба мардуми бедори Ҳинд тасвир намудааст ва ин портрети марди муборизе ҳаст, ки барои ояндаи кишвараш аз

минбарҳо суханони пур аз вачди истиқлолхоҳӣ мегӯяд:

Тасвирҳои Миршакар чун намунаи хуби адабиёти шуравии тоҷик басо нуктасанҷона ва тоза ба назар мерасанд:

Медурахшад чашмҳои ӯ
Мӯйҳояш сафед чун барфанд,
Мӯй не, балки ҳар яке ҳарфанд,
Ҳарфҳои таронаи ҳинду.
Ҳарфҳое, ки гӯиё бо ман,
Ҳамсухан гашта, қиссаи худро.
Арз карданд равшану бурро,
Ҳар замон ёд карда номи ватан [114, с. 91].

Дар ин шеър мисли Н.С. Тихонов ва М.Турсунзода шоир дар тасвири марди ҳиндӣ ҷузъиёти зиндагии ӯро инъикос менамояд ва Маскав-пойтахти кишвари Шуравиро рамзи умед ва бахти ӯ нишон медиҳад, ки баробари назар бар он «қомат»-и ӯ баланд мегардад. Мусаллам аст, ки инсон фақат дар вақти андуҳ қоматаш хам ва ё ҳангоми пирию ранҷурӣ хамида мегардад, яъне қомати баланд нишонаи барӯманди ва неруи тозаи марди ҳиндист:

Рост бинмуда қомати худро,
Марди ҳинду ба гап намуд оғоз…
Одами оддие, ки ҳиндӣ буд,
Мо шунидем ӯ сухан бинамуд.
Кафтари сулҳро гирифта бар даст,
Гуфт:– Бинед!Ҳинд бедор аст! [114, с. 92].

Мисрсаид Миршакар дар шеърҳои бачагонаи худ аҳвол ва розу ниёзи кӯдакони ҳиндро бо замони имрӯз қиёс менамояд. Дар шеъри ӯ ҳаммонандӣ ба ашъори ба Ҳиндустон бахшидаи Н.С.Тихоновро дидан мумкин аст. Шоир дар шеъри «Магар санг ҳам дил дорад?» мунозираи бобо ва набераро инъикос намудааст, ки баробари дидани ҳайкале кӯдак аз падарбузургаш кӣ будани ӯро

мепурсад ва дар ҷавоб чунин мешунавад:

Як замон дар Ҳиндустон

Соҳиб» буд ин бевиҷдон.

Қадбаланду борик буд,

Дилаш сияҳ чун дег буд.

Набера чун аз бобо

Бишунид ин ҷавобро,

Пурсид дубора:

С

а

Бояд гуфт, ки дар замони ҳукмронии Британияи Кабир дар Ҳиндустон

н

англисҳоро «соҳиб» мегуфтанд. Н.С. Тихонов низ , дар достони «Сами» образи

г

Он дает голодным корочку хлеба,

Даже волка может сделать человеком,

Он большой сагиб перед небом,

И совсем не дерется стеком [137, с.110].

Тарҷумаи таҳтулафзӣ:

Ба гуруснагон як пора нон медихад

Ҳатто гургро одам месозад.

Дар пеши осмон соҳиби бузург аст,

Ва ӯ умуман бо стек мубориза намебарад.

о

Гӯё ки Мирсаид Миршакар бо инъикоси як ҳайкали сангине ба фаъолияти

р

соҳибии англисҳо хотима мебахшад. Дар мунозира ҳам диди кӯдак ва ҳам назари

а

бобо ба гузаштаи талх хеле муъҷаз ва фаҳмо инъикос ёфтааст.

д

Боиси зикр аст, ки Мирсаид Миршакар дар мавриди Н.С. Тихонов лаҳзаҳои

неки хотирмоне дорад, ки аз он дӯстию рафоқат ва покию нусрати инсониро дарк

с

намудан мумкин аст. Шоир менависад, ки ҳангоми ба Осиёи Марказӣ сафар

.

намуданаш инъикос намудааст ва ба андешаи ӯ «чун аз кишвари мо аҳли илму адаб

]

.

ба Маскав мерафтанд, бешубҳа ба даъвати Н. Тихонов бо хонаи ӯ ташриф меоварданд» [54, с. 91].

Мирсаид Миршакар дар ин нуктаҳои хотиравӣ аз он ёд мекунад, ки ҳангоми дар минтақаҳо ҳамсафар буданаш бо Н.С.Тихонов бисёр масъалаҳои аҳаммияти таърихӣ доштаро мавриди баҳс қарор дода ва чун дар кишваре бо ҳам сафар менамудаанд, ғолибан адабиёти он кишварро бо ҳам баррасӣ карда, ба шеъри миллӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамуданд [83, с.186,187].

Махсусан, ҳангоми дар Покистон буданашон мавзуъҳои зиёде боиси баҳси дурударози ӯ ва шоири рус Н.С. Тихонов гардидааст. [1] Н.С.Тихонов дар мавриди ошно будани тоҷикон бо осори Иқболи Лоҳурӣ суол менамояд ва дар ҷавоб Мирсаид Миршакар посух медиҳад, ки «Иқбол барои тоҷикон як симои нав аст»[54, с. 193].

Николай Тихонов маҳбубияти Муҳаммад Иқболи Лоҳуриро дар Покистон мутазаккир мешавад ва меорад, ки ҷавонони ин кишвар, агарчи ғолибан соҳибмаълумот нестанд, аммо шеърҳои Иқболро ҳифз карда, онҳоро замзама мекунанд. Н.С. Тихонов Муҳаммад Иқболи Лоҳуриро, чи дар, замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва чи баъд аз он нерубахши руҳу ҷони хеш медонист, ки чунин таваҷҷуҳ ба як шоири худшинос ва мунаққиди аҷнабӣ аз волоияти назари Н.С.Тихонов дарак медиҳад [54, с. 193].

Худи Николай Тихонов дар ёддоштҳояш аз сафари Покистон манзараи боздид аз оромгоҳи Икболи Лоҳуриро чунин тасвир менамояд: «Ин мақбараи аз мармарҳои чоркунҷа сохташуда бо нақшу нигори кандакорӣ ороиш ёфтааст. Истеъдоди ҳақиқии устоди забардастро доштан лозим аст, ки мармар ин тавр ороста шавад, расми печ дар печи кандакорӣ зебу зиннат ёбад» [143, с. 44].

Дигар аз қиссаҳое, ки Миршакар зарур донистааст оид ба он изҳори назар кунад, таваҷҷуҳи се нафар панҷобист, ки ба шоири тоҷик М. Турсунзода эҳтироми хосса дошта, шоирро гарм истиқбол намудаанд. М.Турсунзода ба онҳо аз ашъори лирикӣ пораҳо қироат намудааст, аммо онҳо хостанд, ки шоир аз ашъори

[1] Ашъори аллома Муҳаммад Иқбол бори аввал аз ҷониби Мирсаид Миршакар солҳои 70-уми асри гузашта таҳия гардидааст.

озодихоҳонаи хеш бихлонад. Ҳамчунин аз мушоҳидаҳои Миршакар бармеояд, ки Николай Семёнович Тихонов нисбат ба вазъи шеър ва муҳтавои ашъори шоирони гуногунмиллат бетафовут набуд ва талош меварзид, ки аз аҳволи ҳамкасбони хеш ҳамеша воқиф бошад.

Мирсаид Миршакар соли 1958 ба Ҳиндустон меравад ва вақти бозгашт ашъори Муҳаммад Иқболро армуғон меорад. Баъдан ашъори Муҳаммад Иқболро ба хатти криллӣ таҳия намуда, мардуми тоҷикро ба шеъри шоир шинос менамояд. Анатолий Сафронов, ки дар сафарҳои Покистону Ҳиндустон бо шоирон Н.С. Тихонов ва М. Турсунзода ҳамроҳӣ мекард, дар ёддоштҳои худ роҷеъ ба тааҷҷуби сарҳадбонон бинобар ба забони форсӣ ҳарф задани М. Турсунзода ва ашъори Иқболи Лоҳуриро аз ёд донистани ӯ сухан намудааст [70, с. 38].

Дар яке аз мақолаҳои худ бо номи «Хотироти рӯзҳои аҷоиб» Мирсаид Миршакар, дар мавриди дӯст ва ҳамқадами худ Н.С. Тихонов бо як меҳри хоссае ёд мекунад. Аз рӯйи андешаи Мирсаид Миршакар октябри соли 1958 Тихонов меҳмони Тоҷикистон шуд [55, с. 67] ва онҳо, яъне Н. Тихонов, М.Турсунзода ва ӯ ба водии Вахш сафар намуданд. Миршакар бо ифтихор аз он ёд мекунад, ки ӯ дар солҳои 30-юм дар қатори садҳо ҷавонон дар обёрии ин водии ташналаб саҳм гузошта буд ва муддате муҳарририи рӯзномаи «Зарбдори сохтмони Вахш»-ро бар уҳда доштааст. Шоир дар манзумаи «Байраҳи озодӣ» раванди ободшавӣ ва бунёди водии зархези Вахшро инъикос менамояд.

Дар ин хотироташ шоир портрети Н.С. Тихоновро бо як ваҷд инъикос намуда, баъзе сифатҳои ӯ, аз ҷумла, инсондӯстӣ, раҳмдилӣ, хушмуомила ва таҳаммулгароияшро нишон додааст: «Николай Семенович одами хушсуҳбат аст. Дар маъракаҳо чунон саргарми суҳбат мешавад, ки ба дигарон навбат намерасад ва касе аз ин афсус ҳам намехӯрад. Дар суҳбати Николай Семенович нишастан, ҳикоятҳои ӯро шунидан хушбахтист. Ин пирамарди зиндадил аз ҳамаи воқеоти дунё, махсусан Шарқ огоҳ аст» [55, с. 65].

Барои Мирсаид Миршакар ӯ хислати аҷибе дорад ва ҳатто «.. ягон чизро мепурсад, ҷавоби шуморо бо диққат гӯш мекунад, вале наменависад, ҳар чиро

мешунавад, фаромӯш намекунад ва баъд аз чанд сол метавонад шунидаашро обуранг дода, ҳикоя кунад [55, с. 67].

Аз хотироти Мирсаид Миршакар бармеояд, ки Н.С.Тихонов аз рӯйи асари Бруно Ясенский «Одам пӯсташро дигар мекунад» дар бораи сохтмони Вахш маълумот пайдо намудааст.

Н.С. Тихонов ҳамчунин дар мавриди таърихи кӯҳани водии Вахш маълумоти зиёде дошт ва афсӯс мехӯрд, ки адибон чизе дар бораи ин водӣ наменависанд ва ҳатто дар бораи маънии вожаи Вахш баҳс низ намудааст. Силсилашеърҳои Мирсаид Миршакр дар маҷмуаи «Бачагони Ҳиндустон» фарогири 20 шеър ҳаст, ки дар он шоир пайи ҳам вазъи нохуби кӯдакони Ҳиндустонро инъинкос менамояд. Албатта, идеяи асосии ин шеърҳо ба таври қиёсӣ инъикос намудани зиндагии залили бачаҳои Ҳинд мебошад, ки шоир ҳангоми шинос шудан ҳамоҳангӣ ба ашъори ба Ҳиндустон бахшидаи Н.С. Тихонов ва М.Турсунзода баръало ба чашм мерасад.

Хотироти Мирсаид Миршакар дар мавриди суҳбатҳояшон роҷеъ ба масъалаҳои зиёде дахл дорад, ки албатта мавзуи адабиёт низ аз ин доира дур набуданд ва дар ин самт Мирсаид Миршакар як сухани пурҳикмати Н.С.Тихоновро дар бораи заҳмати нависандагон овардааст: «... аз қадим устодон ба шогирдон мегуфтанд: то даме ки даруни гулхан он чизеро, ки дигарон надида буданд, гарчи диданашон шарт буд, набинӣ ва ба маънии он нарасӣ, аз гулхан чашм макан» [55, с. 68].

Мирсаид Миршакар дар мавриди таваҷҷуҳи ҳамешагии Н.С. Тихонов ба Шарқ ва мушкилоти он андешаашро баён менамояд ва аз ҷумла, зикр мекунад, ки: «...таърихи Шарқ ҳанӯз мисли ганҷинаест, ки дарҳояш қулфанд ва аз дурру ҷавоҳироти он мо бенасибем. Ҳамаи он чизе, ки аз дувоздаҳсолагӣ сар карда хондаам ва медонам, қатрае аз баҳр аст. Мавзуи Шарқ бароям нав нест. Ҳанӯз дар хурдсолӣ, дар бораи Шарқе, ки бо чашми худ надида будам, шеърҳо менавиштам» [55, с. 68].

Дар ин хотирот дӯстии ҳамешагии хонаводаи Мирсаид Миршакар ва Н.С. Тихонов низ зикр гардидааст. Ҳамчунин, М. Миршакар дар бораи ба меҳмонӣ

рафтанаш бо духтараш Заррина ва ҷиянаш Давлат ба хонаи шоир ба Переделкино нақл намуда, дар ин ҷо низ сифатҳои неки шоирро зикр намудааст.

Дар ҳамин хотирот Миршакар таваҷҷуҳи хоссаи шоирро аз Симпозиуми нависандагони форсизабонон ва шавқи шоирони Эрону Афғонистону Ҳиндустон нисбат ба шеъри адибони ҷавон таъкид намуда тазаккур менамояд, ки: « Чандин бор! Шеърҳои ҷавононро гирифта ҳамроҳ бурданд ва дар матбуоти худ чоп карданд. Ҷавонони мо пояҳои устувори адабиётанд» [55, с. 76].

Ба қавли Мирсаид Миршакар пас аз ин посух Н.С. Тихонов пешниҳод менамояд, ки «маҷмуаи шеърҳои ҷавонони тоҷик ба забони русӣ нашр гардад», ки ин ҳодиса соли 1970 буд. Баъдан ин маҷмуа бо талоши зиёди Н.С. Тихонов ва пешсухани ӯ бо номи «Таронаҳои сапедадам» рӯйи чопро мебинад.

Ҳамин тариқ, Мирсаид Миршакар бо фаъолияти пурсамари эҷодӣ дар инкишофи адабиёти муосир саҳми боризе дорад. Ӯ низ дар радифи дӯстонаш М. Турсунзода ва Н.С.Тихонов дар мубориза баҳри сулҳи башар ва ҳамраъйии адибони ҷаҳон баҳри ояндаи нек нақши муҳим дорад.

Хулосаи боби дуюм:

1. Мавзуи инсонгаройӣ ва интернатсионализм дар осори адибони шуравӣ мавқеи хосро ишғол менамояд. Тайи даҳсолаҳои охир – пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ – дар адабиёт мисли дигар соҳаҳо бознигарии арзишҳо ҷараён дорад. Ҳарчанд ки роҷеъ ба ашъори шоирони замони шӯравӣ андешаҳои мухталиф вуҷуд дошта бошанд ҳам, аммо шеъри ҳақиқӣ дар ҳама давру замон аҳаммияти худро нигоҳ медорад.

2. Дар миёнахои асри гузашта дар тамоми ҷаҳон ҷангҳои зиддимустамликадорӣ давом мекарданд, дар адабиёт, махсусан дар адабиёти шӯравӣ, бисьёр асарҳое офарида мешуданд, ки дар онҳо дастгирӣ, якдилӣ бо халқҳои мазлум, ки барои ҳуқуқшои худ мубориза мебурданд, ифода меёфт. Дар айни замон, бахусус аз охири асри ХХ, байни кишварҳои пешрафтаи ғарбӣ барои захираҳо мубориза бурда мешавад, ки ҳамчун мубориза барои демократия ва ҳифзи ҳуқуқи инсон муаррифӣ карда мешавад. Аммо ин моҳияти воқеаи руйдодаро тағир дода наметавонад. Ва дар ин шароит асарҳои шоирони замони шӯравӣ дар

бораи вазъи нохуби мамлакатхои Шарқ ва муборизаи онҳо барои ҳаёти беҳтарин боз хам актуалӣ ва серталаб мешаванд.

3. Шоирони маъруфи асри XX Н.С.Тихонов, М.Турсунзода ва М.Миршакар аз соли 1949 то соли 1962 бо рисолати некхоҳӣ, мубориза барои сулҳ дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва Шарқи Наздик бисёр сафар намудаанд. Дар натиҷаи ин сафарҳо шеърҳо дар бораи мамлакатҳои Осиё ва халқҳои онҳо ба вуҷуд омаданд, ки то он вақт асосан онхо истиклолият ба даст оварда буданд.Ин ашъори онҳо имрӯз ҳам аҳаммияти воқеии худро гум накардаанд.

БОБИ III
ТАРҶУМАИ ОСОРИ Н.С. ТИХОНОВ БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

3.1. Нигоҳе ба таърихи тарҷума дар адабиёти давраи нави тоҷик

Мактаби тарҷумаи адабии тоҷик аз таърихи тӯлонӣ дорад.. Дар асрҳои IV ва III пеш аз милод матнҳои мухталиф ба забони форсии миёна мавриди тарҷума қарор мегирифтанд. Ҳатто як мактаби бузурги тарҷумонӣ бо номи Гунди Шопур вуҷуд дошт, ки беҳтарин мутарҷимон дар он ҷалб гардида, намунаҳои арзишманди асарҳои илмӣ, фалсафӣ, таърихӣ ва адабиро аз забонҳои ҷаҳон тарҷума намудаанд. Ба қавли Л. Демидчик: «Решаҳои таърихии тарҷума дар анъанаҳои миллии тоҷикон аз умқи асрҳои дуродур, ба он замонҳое мерасад, ки ҳанӯз ба забони порсии дарӣ адабиёт ташаккул наёфта буд. Баъдина дар ташаккули адабиёти тоҷику форс дар пайдоиши ёдгориҳои бузурги мероси бадеии халқҳои форсизабон фаъолона ширкат намудаанд» [33, с.118].

Дар осори илмӣ баргардонидани китоби «Авасто» аз забони авастоӣ ба забони форсии миёна аввалин намунаи тарҷумашуда ба шумор меравад. Аз забони ҳиндӣ ба забони форсии миёна тарҷума ёфтани афсонаҳои «Ҳазору як шаб» низ ба аҳди Сосониён тааллуқ дорад. Сипас, дар қарни нуҳ ин афсонаҳо бо номи «Ҳазор афсона» нашр мегардад. Муаррихон ин ҳодисаро намунаи олии хизмати забони форсӣ дар роҳи пайванди тамаддунҳо донистаанд» [33, с.118].

Дар адабиёти паҳлавӣ осори зиёде аз забони форсии қадим, забонҳои ҳиндӣ, юнонӣ ва дигар забонҳо мавриди тарҷума қарор гирифтааст, аз ҷумла, бо дастури Анӯшервон китоби «Калила ва Димна» ба воситаи Барзуяи табиб ба Эрон оварда шуда, ба забони паҳлавӣ тарҷума гардид ва дар қарни дувуми ҳиҷрӣ Ибни Муқаффаъ онро ба забони арабӣ баргардон кард, ки ахиран аз забони арабӣ ба забонҳои гуногуни ҷаҳонӣ интишор мегардад.

Тарҷумаи тоҷикӣ дар замони шуравӣ, асосан, аз забони русӣ амалӣ мегардид. Фаъолияти тарҷумонии шоир ва нависандагони замони шуравӣ собиқаи нотакрор дорад, аммо ҳарчанд имрӯз имкониятҳои зиёде фароҳам бошад ҳам, тарҷумаи

осори бадеӣ раванди пештараи худро гум кардааст. Дар айни замон, вақте ки як шакли пажӯҳиш дар ин самт пайдо гардид, албатта, корҳои зиёд дар самти таҳқиқи ҳусну қубҳи тарҷумаҳои осори бадеӣ ба амал омадаанд.

Ҳанӯз аз аввали солҳои 50-уми садаи XX мунаққидони тоҷик ба сифати тарҷума таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Аз ҷумлаи он мақолаи А. Деҳотӣ «Барои сифати баланди тарҷумаи асарҳои назм» мебошад. Мусанниф ба фаъолияти тарҷумонии А. Лоҳутӣ, П. Сулаймонӣ ва М. Раҳимӣ баҳои мусбат додааст [34, с.132]. Муҳаққиқони тоҷик ба кори тарҷумонии адибони тоҷик ва мутарҷимони осори форсу тоҷик дар асри гузашта изҳори назар намудаанд. Э. Муллоқандов дар мақолааш бо номи «Нависандагони тоҷик ва забони русӣ» вазифаи асосии тарҷумаро аз «шиносондани як халқ бо адабиёти халқҳои дигар ба маданияту тарзи зиндагии онҳо, бо ҳамин роҳ пурмазмунтар гардонидани адабиёт ва умуман, маданияти халқи дигаре» медонад [56, с. 125].

Э. Муллоқандов вазифаи дигари тарҷумаи бадеиро дар такмилу ташаккули забон донистааст. Ба андешаи ӯ, адибони рус ҳангоми тарҷумаи осори тоҷикон ибораҳои хушобуранг месозанд ва дар навбати худ адибони тоҷик низ ҳамин таҷрибаро анҷом дода истодаанд [56, с. 126]. Муҳаққиқ бар он андеша аст, ки қолабҳои зиёде аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ ворид гардидаанд, ки дар насри устод Айнӣ низ инро мушоҳида кардан мумкин аст [56, с. 126]. Яъне агар аз адабиёти классикии форсу тоҷик ба адабиёти русӣ образҳо ва тасвирҳои зиёде ворид гардида бошанд, пас ба адабиёти муосири тоҷик низ идея ва мазмунҳои зиёде ворид шудаанд. Э. Муллоқандов дар мақолаи дигараш бо номи «Назаре ба забони тарҷума дар матбуот ва нашриёти тоҷик» (Шарқи сурх, 1961, №3) дар бораи тарҷумаҳои муғлақу нофаҳмо дар матбуот ва дигар интишорот изҳори нигаронӣ менамояд ва дар навбати худ таъсирпазирӣ ва воридгардии калимаҳои бегонаро дар забон аз ҳисоби тарҷума дониста, тазаккур менамояд, ки «он бештар таъсири нек буда, ба инкишоф ва такмили ину они забон мусоидат мекунад» [57, с. 117]. Э. Муллоқандов таъкид мекунад, ки забони русӣ маҳз тавассути тарҷумаҳои фаровон аз забонҳои дигар фонди худро ғанӣ намудааст [57, с.117].

Ҳамзамон, ба гуфти ӯ аз забонҳои арабӣ, ҳиндӣ, туркӣ ва дигар забонҳо ба забони тоҷикӣ осори зиёде тарҷума шудаанд ва асосан, ташаккули тарҷума дар замони шуравӣ рушд карда бошад ҳам, аммо бинобар «саводи қазоӣ ва истеъдоди адабӣ» надоштани тарҷумонҳо, забони адабӣ ва забони русиро надонистан ва барои омӯхтан кӯшиш накардан сифати тарҷумаҳо паст меояд [57, с. 118].

Омили дигаре, ки дар он замон ба сифати тарҷума таъсири манфӣ мерасонд, ба талабот ҷавобгӯй набудан, такмил надодани касби тарҷумонӣ, нодуруст истифода намудани принсипҳои тарҷума ва вайрон намудани қолабҳои сарфу наҳви ҳар ду забон мебошад. Омили ин аз ҳама костагӣ истифодаи нодурусти калкасозӣ мебошад .

Аз нуктаи назари Э. Муллоқандов, баробари риоя кардани ҳусни забони тарҷума, ба қонуниятҳои дохилии он низ нигоҳ кардан лозим меояд, чунки баъзан ибораҳои хушоянд дар забони дигар метавонад шакл ва мазмуни даҳал соҳиб шаванд. «Мафҳуми «тарҷумаи реалистӣ» баъдтар, дар ҷараёни ташаккули реализм дар адабиётҳои миллӣ ба вуҷуд омад. Худи истилоҳи «тарҷумаи реалистӣ» ба маънии қаробати ҳаддалимкони матни тарҷума ба нусхаи асл, ба ифодаву тасвири он воқеияте, ки дар нусхаи асл мавҷуд аст, ба тарҷумони машҳури шуравӣ, муаллифи як силсила асарҳо оид ба назарияи тарҷума И.А. Кашкин нисбат дорад» [56, с.119].

Валӣ Самад дар инкишофи тарҷумаи осори адибони рус, хоссатан осори Л.Н. Толстой ду роҳи воридшавиро мепиндорад: яке тавассути тарҷумаҳои форсӣ ва дигаре тавассути тарҷумаҳои туркӣ. Ба ҳар сурат, ҳар ду намуди тарҷума, аввалан аз тарҷумаҳои солҳои 30-40-уми қарни гузашта бо ҳусни баён ва услуб волотар буда, баъдан ин нахустин ошноии маорифпарварон ва зиёиён бо ойину рафтори мардуми рус буд, ки аксаран дар рӯзномаи «Бухорои Шариф» дар аввалҳои асри ХХ нашр гардидаанд [63, с. 41].

Тарҷумаи бадеӣ ҳамчун воситаи муоширати фарҳангӣ ва мубодилаи арзишҳои адабӣ барои таъсирпазирии адабиёт замина мегузорад. Омӯзиши тарҷумаи бадеӣ барои дарки дараҷаи таъсирпазирӣ ва ҷаҳонбинии мутарҷимон-адибон кӯмак мерасонад. Ҷалол Икромӣ дар бораи робитаи эҷодияш бо адибони

мутарҷими рус О.Э. Эрберг, Е. Босняский, Ю. Смирнов, В. В. Смирнова, Л. Г. Бат, Явич андешаашро чунин баён медорад: «Меҳнати ҳалоли тарҷумонӣ, диққат ва ғамхорӣ барои нависанда, барои асари вай ва пухтакориро омӯхтам». Ҷалол Икромӣ ҳамзамон аз он ёдовар мешавад, ки ин адибон камбудӣ ва пешравиҳои асарҳояшонро ба ӯ нишон додаанд ва ин барояш як мактаби бузург буд [40, с. 8].

Тарҷумаи бадеӣ дар пешрафти тамаддун мақоми баланд дорад ва ба ривоҷи он мусоидат менамояд, яъне тарҷума ба шароити таърихӣ ҳамбастагӣ доранд.

Дар адабиёти форс-тоҷик баробарии тарҷумаи асарҳо аз забонҳои Шарқ ба тадриҷ аз забонҳои аврупоӣ низ тарҷумаҳо пайдо шудаанд, ки онҳо, асосан, китобҳои таърихӣ буданд. Дар ибтидои асри XVIII тарҷума аз форсӣ ба дигар забонҳо ва аз забонҳои аврупоӣ ба забони форсӣ хеле авҷ мегирад. Маҳз дар ибтидои асри Х1Х дар Осиёи Миёна ҳам тарҷумаи бисёр асарҳои адабии аврупоӣ интишор меёбад. Вале ин тарҷумаҳо, асосан, дар Эрон анҷом ёфта буданд. 28 декабри соли 1851 дар Теҳрон «Дор-ул-фунун» ном муассисае таъсис шуд, ки ходимони он бо масъалаи тарҷумаи бадеӣ ҳам шуғл доштанд. Ин муассиса дар як муддати кӯтоҳ 162 китоб нашр кард, ки аксари онҳо тарҷумаи бадеӣ буданд. Зиёиёни тоҷик аз ин тарҷумаҳо баҳра бардоштаанд. Соли 1909 Абдулқодири Шакурӣ барои синфҳои дуюм «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт» ном китоби қироат тартиб дод, ки дар он бори аввал тарҷумаи чанд ҳикояи Л. Толстой («Антар ва айнак», «Зоғ ва рӯбоҳ» ва ғайра) оварда шудааст. Сипас, соли 1912 дар рӯзномаи «Бухорои Шариф» боз чанд тарҷумаи ҳикояҳои Л. Н.Толстой ба табъ расид: «Илёс», «Яздонро ё Шайтонро?», «Худо ҳақро мебинад, вале зуд кашф намекунад», «Инсонро замини зироат бисёр лозим аст?» ва ғайра.

Ба қавли Л.Н.Демидчик, дар солҳои 30-юми садаи ХХ тарҷумаҳо бевосита аз забони русӣ ба анҷом расидаанд ва пештар агар ба таври озод ва ё нақл тарҷума мешуд, пас аз ибтидои солҳои 30-юми қарни ХХ тарҷумаи айнӣ расм гардид. Баъзан чунин тарҷумаҳо ба вайрон гардидани эстетикаи асар оварда мерасонд [33, с. 119].

Воқеан, осори адибони рус расмӣ ва ҳатто дар доираи истифодаи истилоҳоти русӣ ва ё худи калимаҳо бе дарназардошти варианти тоҷикии онҳо ва ё ин ки

наздик ба забони гуфтугӯйӣ нашр мегардиданд. Нахустин мутарҷимони тоҷик С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ методи реалистӣ ва ба пуррагӣ инъикос намудани мазмун ва мундариҷаи асарҳои бадеиро таъкид намудаанд. Дар солҳои 30-юми садаи сипаришуда Лоҳутӣ ба тарҷумаи шоҳасарҳои классикони ҷаҳон, рус ва халқҳои шуравӣ машғул гардида, асарҳои Шекспир, Лопе де Вега, В. Гюго, А. С. Грибоедев, А. С. Пушкин, В. Маяковский ва дигаронро барои мардуми тоҷик муаррифӣ намуда буданд.

Маҳз, дар ҳамин давра ва қисман дар тӯли солҳои 1947-1956 «Кохи ёдгор», «Нома ба Сибир», «Суруди нушонӯш», «Рӯинсавор», «Матсарт ва Салери», «Ҳикояти моҳигир ва моҳӣ», «Афсонаи шоҳдухтари мурда ва ҳафт паҳлавон», «Афсонаи хурӯси тиллоӣ» (Пушкин), «Отелло», «Шоҳ Лир», «Ромео ва Ҷулета» (Шекспир), «Фуэнте Овехун» (Лопе де Вега), «Дод аз дасти ақл» (Грибоедов) ва ғайра дар тарҷумаҳои Лоҳутӣ ба дасти хонандаи тоҷик расидаанд ва бо воситаи саҳна оммавӣ карда шудаанд .

Умуман, дар замони шуравӣ равобити эҷодии адибон дар заминаи тарҷумаҳои тарутоза қаринтару пурсамартар гардида, омӯзиши таҷрибаи эҷодии ҳамдигарро ба вуҷуд меовард. Тасвири ҳамаҷонибаи воқеият, инъикоси инсони рушдкунанда ва бо амал машғулшуда ва психологияи инсони нав бештару фарохтар гардид. Моҳияти рӯйдодҳои зиндагӣ, рушди деҳот, болоравии сатҳи ҷаҳонбинии сиёсии шаҳрвандон ва амсоли инҳо барҷастатарин сифатҳои адабиётест, ки алҳол онро адабиёти шуравӣ мегӯем ва асарҳои беҳамтое чун «Замини корамшуда»-и М. Шолохов, «Ғалла»-и А. Толстой, «Ғуломон»-и С. Айнӣ ва ғайра маҳз дар адабиёти шуравӣ офарида шудаанд.

Руҳияи шикастнопазир, эҳсоси баланди масъулиятшиносӣ, поквичдонӣ, садоқату самимият ва ҳазорон хислатҳои дигар инсони он давраро таҷассум мекард ва инчунин таҳия ва тасвири қаҳрамон дар «Энергия»-и Ф. Гладков, «Рӯзи дуюм»-и Э. Эренбург, ҳикояҳои А. Деҳотӣ, Ҳ. Карим, Ҷ. Икромӣ ва дигарон мушоҳида мешаванд. Хоси ин адабиёт баррасии як минтақа аз ҷониби аксар шоирону нависандагон мебошад. Масалан, дар мавриди бунёди рӯдҳои Вахш дар баробари адибони тоҷик боз нависандагони рус, украин ва дигар ҷумҳуриҳои шуравӣ асарҳо

эҷод намудаанд. Шоирону нависандагон он ҳангом ба ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ сафар намуда, вазъияти иҷтимоии оммаро меомӯхтанд ва воқеиятро дар асарҳои хеш ба риштаи тасвир мекашиданд.

Барҷастатарин натиҷаи ҳамкорӣ дар аҳди шуравӣ ташаккули мактаби тарҷумонии рус буд, ки ба василаи тарҷумаи осори адибони ҷаҳон миллатҳо аз тарзи тафаккури пешқадам воқиф гардида, сатҳи ҷаҳонбинӣ ва шакли андешаронии худро сайқал медоданд. Омӯхтани таҷрибаи эҷодии ҳамдигар адибонро водор месохт, ки дар инъикоси воқеият ҳамаҷониба фикр намоянд. Агар робитаи эҷодӣ дар байни шоирону нависандагон намебуд, онҳо дар дигар муҳит ормонҳоро ҷустуҷӯ намуда, оқибат ба чапу рост майл мекарданд ва тасвир дар осорашон якҷониба мебуд. Бинобар ин, он ҳангом барои эҷод намудани асар барои шоирону нависандагони ҷавон намунаи осори адибони садри аввал, чун М. Шолохов, М. Горкий, В. Маяковский ва С. Айнӣ, ба ҳайси ҳидоятгар хидмат мекарданд [73, с.264].

Садриддин Айнӣ бо тарҷумаи романи Ф. Дюшен «Қамар» дар равнақи тарҷумаи бадеӣ саҳм гузошт. Тарҷумаи С. Улуғзода «Занбӯр»-и Войнич (бори дуюм ба номи «Ғурмагас» соли 1982 нашр шуд), «Тил Уленшпигел»-и Ш. де Костер ва ғ., А. Лоҳутӣ (пиесаҳои У. Шекспир), Ҳ. Карим, М. Аминзода, Р. Ҷалил, М. Қаноат (ашъори В. Маяковский), Ф. Муҳаммадиев (асарҳои Ч. Айтматов) ва дигарон дар адабиёти мо саҳифаҳои дурахшон гардидаанд. С. Ализода, Ҳ. Ирфон, Р. Ҳошим, Ҳ. Аҳрорӣ, Э. Муллоқандов, Ш. Собир барин як гурӯҳ адибоне ба майдон омаданд, ки шуғли асосии онҳо тарҷумаи бадеӣ гардид. Баробари ин асарҳои шоиру нависандагони тоҷик ҳам ба забони русӣ, забонҳои халқҳои ИҶШС ва хориҷӣ тарҷума мешаванд [33, с.120].

Адабиёти тарҷумавии тоҷик, асосан, баъди Инқилоби Октябр рӯ ба инкишоф меорад. Саромадони адабиёти шуравии тоҷик на танҳо ба воситаи асарҳои аслии худ, балки тавассути тарҷумаҳояшон аз адабиёти дигар пояҳои нахустини адабиёти тарҷумавии моро гузоштанд. Объекти тарҷума на танҳо асарҳои адибони шуравӣ, балки нигорандагони хориҷӣ (аз матни русӣ) низ мегардад. Дар солҳои бистуму сиюм мувофиқи тақозои замон ба забони тоҷикӣ бештар асарҳои бачагона

тарҷума мешуданд. Тарҷумаи асарҳои бачагонаи Л. Н.Толстой («Бандии Қафқоз», тарҷумаи Ҳаким Карим, соли 1930, «Поликушка» ва «Пас аз базм» (с. 1935), Войнич («Занбӯр», тарҷумаи С. Улуғзода, с. 1931), Дефо («Зиндагӣ ва саргузаштҳои ғалатии Крузо», тарҷумаи Ҳ. Ирфон, с. 1936), Свифт («Гулливер дар байни лиллипутҳо», тарҷ. Ҳ. Аҳрорӣ, с. 1937), Стивенсон («Ҷазираи ҷавоҳирот», тарҷумаи И. Абрамов, с. 1940), «Афсонаҳои бародарон Гримм» (тарҷумаи Ҷ. Икромӣ, с. 1937), Жюл Верн («Бачаҳои капитан Грант», с. 1939) ва ғайра мисол шуда метавонанд. Ба адабиёти бачагона рӯй овардани нависандагони тоҷик бесабаб набуд. Адабиёти солҳои 20-30-и бачагонаи тоҷик нисбат ба дигар жанрҳои адабиёт хеле ақиб монда буд. Барои китобҳои дарсӣ тарҷума шудани асарҳои бачагонаи адибон зарур омад, ҷойи холимондаи адабиётро бо адабиёти тарҷумавӣ пур кардан лозим шуд. Аз тарафи дигар, дар асарҳои тарҷумавӣ завқи хонандагони давр ба эътибор гирифта мешуд, ки аҳаммияти амалӣ доштанд.

Ҳаким Карим тарҷумони маъруфтарини осори адибони рус ба шумор рафта, дар солҳои нахустини ташаккулёбии соҳаи тарҷума чунин асарҳоро тарҷума кардааст: А.П. Чехов: «Бӯқаламун», «Хамелеон», «Мужикҳо», А.М. Горкий: «Кампир Изергил», «Таронаи мурғи тӯфон», «Афсона», «Дили сӯзон» ва ғайра. Ҳабиб Юсуфӣ дар давоми солҳои 1936-1941 «Вафоти шоир», «Хайр, эй Россияи ношуста», «Се наҳл», «Бодбон», «Коч», «Бандӣ», «Орзу», «Аллаи зани казак», «Мавҷҳо ва одамон», «Қуллаҳои кӯҳсор», «Киштии ҳавоӣ», «Баллада», «Баргча», «Ду паҳлавон», «Харсанг» барин шеъру сурудҳо, «Ҳоҷӣ Арбек», «Ошиқ-Ғариб», «Иблис», «Гуреза», «Черкаска», «Боярин Орша», «Достони подшоҳ Иван Василиевич» барин достонҳои Лермонтовро тарҷума кардааст, ки ҳамаи онҳо бештар аз 10 000 мисраъро ташкил медиҳанд.

Аз солҳои шастуми асри гузашта тарҷумаи адабии тоҷик боз ҳам шевою бошукӯҳтар гардид. Забони тарҷумаҳои Муъмин Қаноату Лоиқу Бозор Собир нисбатан шевотар буда, хонандаи тоҷик низ ашъори тарҷуманамудаи онҳоро мисли нусхаи асл қабул мекардад.

Ҳабибулло Файзулло осори классикони адабиёти ҷаҳонӣ, адибони бузурги замони шуравӣ, монанди А. С. Пушкин, Н. А. Некрасов, М. Ю. Лермонтов, В.

Шекспир, В. Ҳёте, П. Шелли, С. Есенин, В.В. Маяковский, А. Блок, А. Ахматова, Е. Евтушенкоро тарҷума менамояд. Солҳои 70-уми асри ХХ устод Сотим Улуғзода асарҳои безаволи Шекспир «Ҳамлет», «Достони Уленшпигел»–и Шарле де Костел, «Дон Кихот» – и Сервантес ва «Ғӯрмагас» – и Войничро аз нав ба тоҷикӣ баргардонд ва Ш. Шараф муҳарририи ин асарҳоро ба уҳда гирифт. Ҳамчунин «Бепарастор» – и Г. Мало ва «Пирамард Хаттоб» – и Н. Лагинро дубора таҳрири ҷиддӣ менамояд ва асари дуюмро бо номи «Пирамард ибни Хаттоб» нашр намуд. Ҳабиб Аҳрорӣ «Яке аз асрори қафомонии мисриҳо», «Шайх Саиди ноқисулақл», «Бахт ба ту ёвар, Муҳаммад», «Фардо», «Бодбарак» (Шарқи сурх, 1958, - №6), «Дар роҳҳои пурчанг» (Шарқи сурх, 1959, - №10) ном асарҳои адибони Шарқи хориҷӣ - М. Темур, Ш. Убайд, Лу Син, Лю Бай Юйро тарҷума намудааст.

Муллоқандов Э. аз аввали солҳои 40-уми арси ХХ ба тарҷумаи бадеӣ машғул гардида, асарҳои А.П. Чехов («Каштанка», 1935), Ҷ. Лондон («Дар талоши ҳаёт», 1936), Н. Островский («Зодагони тӯфон», 1939), М. Шолохов («Онҳо дар роҳи Ватан меҷангиданд», 1949, «Дони ором» 1955-1960, «Ҳикояҳои Дон», 1966), И. Эренбург («Барои сулҳ», 1952), Лев Толстой («Ҳикоятҳои Севастопол», 1953), А. Макаренко («Достони педагогӣ», 1953), М. Иброҳимов («Рӯзе мерасад», 1953), Н. Гогол («Тарас Булба», 1953, «Ҷонҳои мурда», 1955, «Шабнишиниҳо дар хутори наздики Диканка», 1971), Муҳниф Ниёзов («Абай», 1955), Белинский («Чанд мақола», 1961), И. Тургенев («Се вохӯрӣ», 1968), Ҷон Пид («Даҳ рӯзе, ки оламро ба ларза овард», 1964), Т. Флобер («Хонум Боварӣ», 1917), Салтиков-Шедрин («Таърихи як шаҳр», 1974) ва ғайраро тарҷума намудааст.

Баробари ин доир ба назария ва амалияи тарҷума як қатор мақолаҳо интишор намудааст, ба мисли «Назаре ба забони тарҷума дар матбуоти тоҷик» (Шарқи сурх, 1961 №3), «Назаре ба кори пешина аз нуқтаи назари таҷрибаи имрӯза» (Садои шарқ, №1 1974) .

Шариф Шараф повести бачагонаи адиби қазоқ С. Муқанов «Мактабҳои ман»-ро соли 1954 , «Ҳикояҳо дар бораи Серёжа Костринов» ва «Дӯсти мо Хосе» ном асарҳои адибони рус А. Голубев ва А. Баротовро тарҷума ва нашр намуд. Инчунин ҳамон солҳо маҷаллаи «Шарқи сурх» «Ғалла» ном ҳикояи адиби украин

О. Гончарро дар тарҷумаи Шариф Шараф нашр намудааст. Соли 1955 бошад, ӯ якбора панҷ асари адибони шӯравию хориҷӣ – «Ҳикояҳо барои хурдтаракон» -и Л. Н. Толстой, «Вохӯрӣ» -и В. Смирнов, «Бачагон ва ханҷар» ном повести адиби Чин Хуа Ши ва «Афсонаҳои халқи Хитой»-ро дастраси хонандаи тоҷик гардонид. Робитаи адабиёти тоҷику рус ва анъанаҳои онҳо дар давраи шуравӣ ҷараёни ҳамкориҳои байни нависандагон ва тарҷумонҳоро нишон медиҳад. Тарҷума дар ин давра сифатҳои нав, сохтор ва мақсадҳои тамоман дигарро касб мекунад. Тарҷумаи хоси ин замон дорои аҳаммияти хосса дошта, аз ҷиҳати адабӣ хусусиятҳои вижаро соҳиб аст. Дар тарҷумаҳои худ муаллифон ба анъанаҳои эҷодии шоирону нависандагон рӯй оварда, тавонистаанд, ки фикрҳои муаллифони асарҳоро пурра баён кунанд. Осори бадеие, ки дар даврони шуравӣ навишта шудаанд, хусусияти замонавӣ дошта бошанд ҳам, баробари он мавзуъҳои амиқи инсондӯстиро матраҳ намудаанд, ки имрӯз низ аз аҳаммият холӣ нестанд. Дар рушди равобити адабии тоҷик ва рус мактабҳои русии тарҷумаи шуравӣ нақши махсус доштанд, ки барои шиносоии хонандаи собиқ кишварҳои шуравӣ бо шеъри муосири тоҷик имкониятҳои васеъ фароҳам оварданд. Тарҷумаи асарҳои шоирони классик ва муосири тоҷик дар фазои адабии рус марҳилаи наверо кушод.

Гузашта аз ин, баробари тарҷума намудани осори адибони рус шоирон ва нависандагони тоҷик асарҳои худро дар мавзуъҳои идеалии замон иншо менамуданд ва дар ин самт Ш. Ҳусейнзода чунин ишора дорад, ки анъанаҳои Маяковский аз ҷониби М. Турсунзода, Пайрав Сулаймонӣ, Мирсаид Миршакар ва Ҳабиб Юсуфӣ идома ёфтаанд. Ба қавли Ш. Ҳусейнзода, дар вақти таҳқиқ фақат ба эҷоди «револютсионӣ»-и шоирони тоҷик ишора намудааст [75, с. 236].

Чунин андешаро Валӣ Самад низ таъкид намудааст ва ишора менамояд, ки «Нависандаи бузурги тоҷик С. Улуғзода, ки аз мулоқотҳояш бо А. Фадеев хотираҳои ҷолиб дораду ҳангоми эҷоди романи «Диёри Навобод» аз «Торумор»-и А. Фадеев баҳраҳо бардоштааст, дар бораи шахсияти А. Фадеев ва махсусан, мақолаҳои илмию назарии вай қайду ишораҳои пурарзиш дорад» [64, с. 79].

Аз нимаи дуюми солҳои 80-уми асри ХХ дар бораи мушкилоти тарҷума мақолаҳои таҳлилӣ нашр мегарданд, ки дар онҳо мақоми тарҷума ва навовариҳои

он матраҳ мегардад. Масъалаи беҳтар намудани сифати тарҷума борҳо дар пленумҳо ва маҷлисҳои Иттифоқи нависандагон, дар сафҳаҳои матбуоти адабӣ ба мавзуи асосӣ ва мубоҳисаҳои эҷодӣ табдил ёфтаанд. Дар ин давра М. Турсунзода тарҷумаи шеърро аз ин мавқеъ арзёбӣ менамояд: «Эҷодиёти адибони рус, аз қабили Александр Фадеев, Алексей Толстой, Серафимовиич, Михаил Шолохов, Гладков, Федин, Тихонов ба инкишофи адабиётҳои миллии мо таъсири басо калоне доштанд» [175, с. 129].

Масоили умумии тарҷумашиносӣ ва таърихи тарҷумаи тоҷик дар осори Ҳ. Аҳрорӣ, Р. Ҳошим, М. Шукуров, А. Сайфуллоев, Э. Муллоқандов, З. Муллоҷонова, В. Самад, Ш. Мухтор ва дигарон баён гардидааст. Адибони тоҷик Сотим Улуғзода, Раҳим Ҳошим, Ҳасан Ирфон, Ҳабиб Аҳрорӣ, Ҷалол Икромӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев, Эммануэл Муллоқандов, Анора Остонова, Шариф Шараф, Шамсӣ Собир, Аслам Адҳам, Абдулло Зокир, Ҷумъабой Азизқулов, Нусур Холмуҳаммадов, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Аскар Ҳаким, Ҳикмат Раҳмат, Нур Табар, Низом Қосим, Юнус Юсуфӣ, Азимқул Насимов, Маҷид Салим, Абдуғаффори Абдуҷаббор дар тарҷумаи бадеӣ ва шинос гардонидани хонанда бо адабиёти ҷаҳон саҳми бузургу нотакрор гузоштаанд.

. Тарҷумаи тоҷикии осори мансури Н.С. Тихонов

Н.С. Тихонов баробари барқароршавии Ҳукумати Шуравӣ фаъолияти эҷодии худро дар зери идеяҳои нав такмил дода, андешаҳояш аз мақсадҳои баланди инсонгароӣ ва арзёбии дӯстии байни миллатҳо сарчашма мегиранд. Аз нахустин осори иншонамудаи шоир ормонҳои сафар намудан ҳувайдо мегардад. Аз ҷумла:

Если б был азиатом я, шел из Мешхеда,
Из Келета на север бужал
От смертельных хозяев, от рабства, от юреда
Нищеты, от кнута, от ножа [131, с. 187].

Тарҷумаи таҳтуллафзӣ:

Агар осиёӣ мебудам, аз Машҳад меомадам,

Аз Келет то шимол.

Аз хоҷагони марговар, аз ғуломӣ

Аз бенавоӣ, аз қамчин, аз корд.

Маҳсули яке аз ин сафарҳо ба Туркманистон очерки дорои фаслҳои хурди аз диди як шоири навҷӯ ба қалам дода шудааст, рӯзгор ва фаъолияти пурзаҳмати мардуми бодиянишинро тавсиф намудааст.

Соли 1930 аввалин очерки Н.С. Тихонов бо номи «Бодиянишинон» аз ҷониби Ҳаким Карим бо хатти лотинӣ рӯйи чопро мебинад. Дар ҳоле ки аксари мутарҷимони солҳои 30 - юм чаҳорчӯбаи забони адабиро риоя намекарданд, дар тарҷумаи «Бодиянишинон» Ҳаким Карим муваффақ гардидааст. Ҳаким Карим аз ҷумлаи тарҷумонҳои ҳирфаии солҳои 30-40-уми қарни гузашта, дар ташаккули тарҷумаи тоҷик заминаи мустаҳкаме гузоштааст. Ҳаким Карим, борҳо ҳамроҳи падараш, ки ба фаъолияти тиҷоратӣ шуғл дошт, сафар намудааст ва шояд як сабаби ба зудӣ тарҷума гардидан ва воқеӣ тасвир шудани ин очерк ба забони тоҷикӣ ҳамин рӯзгори худи мутарҷим бошад, ки забони русиро хеле хуб медонист ва аз гумон холӣ нест, ки аз авзои бодиянишинон дар заминаи сафарҳояш огаҳ буд.

Дар «Бодиянишинон» вазъи зиндагӣ, фарҳанг, анъанаю навсозиҳо роҷеъ ба ҳаёти мардуми туркман тасвир гардидаанд, ки услуб ва идеяи он тавзеҳ ва ё ин ки як пайравӣ ба сафарномаи Вамбери маҳсуб мегардад. Оғози асар ин гуна аст: «Ҳаёти ҷумҳурияти Туркманистони дурдаст, гуфтан мумкин аст, ки ба оммаи васеи хонандагон маълум нест, вале баробари ҳамин мамлакате, ки замини вай аз замини Германия калон буда, як миллион аҳолӣ дорад ва ҳам ба Афғонистон ва Эрон сарҳади масъулиятнокро ташкил менамояд, дар Осиёи Миёна роли калонеро мебозад» [149, с. 3].

Нависанда дар ин асар дар бораи табиату ҳайвонот ва набототи ин сарзамин маълумот дода, минтақаи Осиёи Миёнаро ба хонанда ошно месозад: «Уштур ном

ҳайвон, ҳайвони аҷибест, ки як вақте бешак хушрӯй будааст, вай сабук ва пурзӯр, бо каҷу килебҳои мавҷвори дурусти меъмории куҳан ва бо пойҳое, ки ба асоҳое, ки бо пашм пӯшидашудаи геркулес монанд аст, ки рӯйи он бо сим пӯшида шудааст» [149, с. 11].

Дар поёни саҳифа Ҳаким Карим Геркулесро «худои зурӣ ва хушрӯйии юнониҳои қадим» шарҳ медиҳад [149, с. 11]. Дар намунаи тарҷумаи матни дигар Ҳаким Каримро бо ҷумлаҳои кутоҳ мақсади муаллифро мефаҳмонад:

«Қароқулогӣ: Чӣ навъ карда шумо ба ин ҷо омадед?

Омада: Ташаккур ба шумо, бисёр нагз. Аз Қизил Аврот ба воситаи дарвозаи Сковелетский ва дараҳои гуногун, аз болои Хоҷагала омадам. Дар роҳ фақат як бор шинро иваз кардам халос ва агар шумо надониста бошед, ин ҳам ҳамин тавр карда мешавад: сангҳоро меғундоред, ки аз пеш ва пас зери ҳар як ғилдирак мемонед. То ки вай ҳаракат накунад» [149, с. 18].

То ҳанӯз муҳаққиқони осори Ҳаким Карим дар ягон мақола ва ё рисолае оид ба сифати тарҷумаи «Бодиянишинон» –и Н.С. Тихонов сухане нагуфтаанд.

Ҳар як асари Н.С.Тихонов дастоварди адабиёти муосир дониста мешавад. Аз ҷумла, повести «Вамбери», китоби очеркҳо таҳти унвони «Бодиянишинон» ва «Ҳикояҳои ленинградӣ» дар осори мунтахаби адиб иборат аз панҷ ҷилд мавқеи хосро доранд. Муаллифони дигар низ дар бораи Вамбери асарҳои бадеӣ навиштаанд. Аз зиндагиномаи Вамбери маълум аст, ки дар ҷавонияш рӯзгори сангине дошт ва баъдан ҳамчун муаррих маълум мегардад. Вамбери ду маротиба ба Осиёи Марказӣ сафар кард. Аввал аз марзи Туркия берун нарафтааст. Дар тӯли солҳои кориаш дар ин кишвар (1857-1860) забон ва урфу одатҳои онро омӯхт, рӯзноманигори машҳур дар Аврупо шуд ва узви вобастаи Академияи илмҳои Маҷористон интихоб гардида буд.

Вақте ки ӯ бо корвони дарвешон ба марказҳои фарҳангии мусалмонони Шарқ ташриф овард ва хотироташро аз он мавзеъҳо дар соли 1864 дар китоби «Сафар дар Осиёи Миёна» дарҷ намуд, шуҳрати ҷаҳонӣ барои Вамбери сафари дуюмро ба бор овард. Повести «Вамбери»-и Н.С.Тихонов аз ҷониби М. Искандаров хеле сода ва равон тарҷума гардида, дар он мутарҷим ҷумлаҳоро дар

радифи фикри нависанда ҷой додааст. Дар ҷадвали зерин чанд намуна аз тарҷумаи асари мазкурро дар қиёс бо нусхаи асл меорем:

Ҷадвали №1

Матни асл	Тарҷума
Это был маленький, хромой еврейский мальчик. Звали его Герман Вамбери. Семья его ютилась в глухом венгерском городке. Вокруг городка лежали болота, а в доме Вамбери во все окна и двери стучала нищета [160, с.3].	Ӯ яҳудибачаи хурдҷусаи ланге буд. Герман Вамбери ном дошт.Оилаи онҳо дар як шаҳрчаи дурдасти Венгрия ҳаёт ба сар мебурд. Дар гирду атрофи шаҳрча ботлоқҳо доман паҳн карда буданд, ба хонаводаи Вамбери бошад, қашшоқӣ ва бенавоӣ ҳар лаҳза таҳдид мекард [150, с. 3].
Мать подавала большой горшок с горячим, рассыпчатым картофелем. - А что будет еще, мама? - спрашивали дети. - Съешьте это, а на второе будет еще картофель, - отвечала мать, - его сегодня много [160, с.4].	Модарашон хумчаи калони пур аз картошкаи ҳил-ҳил пухтаро ба наздашон оварда монд: -Боз чӣ мехӯрем, оча?-мепурсиданд бачаҳо. -Инро хӯред, боз картошка медиҳам,- ҷавоб медод модар, - имрӯз картошка бисёр [150, с. 4].

Соли 1970 А. Одинаев повести «Вамбери» –ро ба хатти арабиасоси тоҷикӣ баргардон намуда буд. Дар вақти баргардон баъзе вожаҳо тағйир ёфта, аз вожаҳои дигар муродифашон истифода карда шудаанд ё ин ки ҷойи калимаҳои туркӣ вожаҳои хоси забони форсӣ истифода гардидааст. Масалан, ба ҷойи машқ- халаш, шулуқ- золу, печка-дегдон ва мисли ҳаминҳо. Дар ҷадвали зерин тафовути байни

тарҷумаҳоро дар услуби ду мутарҷим Искандаров М. ва Одинаев А. дидан мумкин аст:

Ҷадвали №2

Матни асл	Тарҷумаи Искандаров М.	Тарҷума ба хатти арабиасоси точикӣ аз ҷониби Одинаев А.
Незнатный серый воробей Учился сам летать. От себя и к себе, от себя и к себе. Он крылями начал махать. И так он махал, и так он хотел. Летать и видеть свет, Что не заметил, ка илетел. И прозевал обед. Он всюду был, он был везде, На что ему обед, Кода он видел всех, И всем кричал привет[160, с.3].	Мискин гунҷишкаке хост, Намояд машқи парвоз [150, с. 3].	Мискин гунҷишкаке хост, Намояд халаши парвоз [151, с. 3].
На этих маленьких чудовищ был большой спрос в те времена [160, с.3].	Дар ин ботлоқҳо шулукҳои дарозу борик бисёр буданд [150, с. 3].	Дар ин ботлоқҳо золуҳои дарозу борик бисёр буданд [151, с. 4].

Если ему удавалось ненадолго получить себе комнату, он увешивал ее плакатами, на которых писал кратко по-турецки или по-персидски, чтобы никто не мог прочесть: «Работай, всегда работай, будь настойчив-стыдись!» [160,с. 13].	Агар ба ӯ муяссар мегардид, ки хонаеро ба муддати кӯтоҳ иҷора гирад, вай ба сартосари деворҳои хона плакатҳо овехта, ба рӯи онҳо ба забони туркӣ ё форсӣ, то ки касе хонда натавонад, мухтасар менавишт:»Заҳмат каш, ҳамеша заҳмат каш, устувор бош-хоксор шав!» [150, 17].	Агар ба ӯ муяссар мегардид, ки хонаеро ба муддати кӯтоҳ иҷора гирад, ба сар то сари деворҳои хона лавҳаҳо овехта, ба рӯйи онҳо ба забони туркӣ ё форсӣ, то ки касе хонда натавонад, мухтасар менавишт: Таносойю коҳилӣ дур кун! Бикӯшу зи ранҷи танат сур кун [151, с. 21].
Он сам задавал себе уроки и, если не приготавливал их к сроку, оставлял себя без обеда [160, с.13].	Вай худаш ба худаш дарс медод [150,с. 17].	Худ ба худаш дарс медод [151, с. 21].
– А это что у вас? допытывалась она, заглядывая в тетрадь,	-Ана ин чӣ?-ба рӯйи дафтар, ки хоначаҳои нонавишта пур	-Ин чӣ?-ба рӯйи дафтар, ки хоначаҳои нонавишта пур аз ҳар гуна қоидаҳо буд, назар адохта, бо ҳисси

испещренную заметками в клетках [160, с. 14].	карда шуда буд, назар андохта, бо ҳисси кунҷковӣ мепурсид, вай [150, с. 18].	кунҷковӣ мепурсид вай [151, с.23].
Громадным, многоцветным лагерем раскинулся Константинополь [160, с.15].	Константинопол ба лагери азими рангоранге шабоҳат дошт [150, с.20].	Константинопол ба урдугоҳи азими рангоранге шабоҳат дошт [151, с. 23].
Рядом с толстыми, раззолоченными людьми жили голые грязноволосые нищие, покрытые рубцами и ранами [160, с.15].	Дар шафати одамони фарбеҳи либосҳои зарбофт пӯшида ва ғарқи зару зевар бенавоёни лучу урёну мӯйҳояшон ифлос, ки тамоми аъзои баданашонро доғи захм ва ҷароҳатҳо пӯшидаанд, ҳаёт ба сар мебурд [150, с.20].	Дар паҳлуи одамони фарбеҳи либосҳои зарбофт пӯшида ва ғарқи зару зевар бенавоёни бараҳнаю урёну мӯйҳояшон чиркин, ки тамоми аъзои баданашонро доғи захм ва ҷароҳатҳо пӯшидаанд, ҳаёт ба сар мебурд [151, с. 23].
Тряпичники продавали свои находки: бутылки, сломанные чашки,	Чағбутичиён бозёфтҳои худ шиша, косаву пиёла, чароғ ва	Чағбутифар бозёфтҳои худ шиша, косаву пиёла, чароғ ва шонаҳои шикастаро мефурӯхтанд [151, с.4].

лампы, гребенки [160, с.4].	шонаҳои шикастаро мефурӯхтанд [150, с.4].	
Фокусники из прогоревших цирков глотали горящую паклю и ходили колесом [160, с.4].	Найрангбозони сирки шикастхӯрда, лоси даргирифтаро фурӯ мебурданд ва чархвор мелесиданд [150, с.4].	Найрангбозони сирки кайҳо муфлис шуда, лосиистодаро фурӯ мебурданд ва чарх мезаданд [151, с.4].
Долго ехали Вамбери с матерью через низенькие, бедные деревушки, рощи и леса, луга и речки, пока не приехали к шлагбауму города Ниека у подножья лесистых, всклокоченных гор [160, с.6].	Вамбери ҳамроҳи модараш роҳи дарозеро тай намуда, аз деҳачаҳои қашшоқи назарногир, чалакзор ва бешаҳо, марғзор ва дарёчаҳо гузашта, оқибат ба шлагбауми шаҳри Ниск расиданд [150, с 7].	Вамбери ҳамроҳи модараш роҳи дарозеро тай намуда, аз деҳачаҳои қашшоқи назарногир, чалакзор ва бешаҳо, марғзор ва дарёчаҳо гузашта, оқибат ба ғав(ғув)-и шаҳри Ниск расиданд [151, с. 7].

Спал он, где придется у разных случайных благотворителей на мешках в передней или где-нибудь за плитой в кухне [160, с. 6].	Дар ҳар ҷойе, ки рост меомад, мехобид-дар хонаи хайру эҳсонкунандагон и тасодуфӣ, дар даҳлез ба рӯи турба ё худ дар ягон гӯшаи пушти плитаи хона [150, с.8].	Дар ҳар ҷойе, ки рост меомад, мехобид-дар хонаи хайру эҳсонкунандагони тасодуфӣ, дар даҳлез ба рӯи турба ё худ дар ягон кунҷи ошхона [151, с. 10].
Вамбери закусывал губы и бормотал проклятия [160, с.12].	Вамбери лабу лунҷашро бур мекардан гирифт [150, с. 11].	...лабу лунҷашро каҷу килеб кардан гирифт [151, с. 11].
Студенты и рабочие укрепляли город [160, с.12].	Студентон ва коргарон дар атрофи шаҳр истеҳком сохтанд [150, с. 15].	Донишҷӯён ва коргарон дар шаҳр истеҳкомҳо сохтанд [151, с. 15].
Венгерские революционеры собирали отряды - Стойте, дети! [160, с.12].	Револютсионерони Венгрия отрядҳоро меғундоштанд [150, с. 15].	Револютсионерони маҷор хурӯҷҳо ташкил медоданд [151, с. 15].

Поднялась суматоха. Люди обнимали его [160, с. 42].	Тӯпаланг сар шуд. Одамон ӯро ба оғӯш мекашиданд [150, с. 53].	Ҳангома бархост. Одамон ӯро ба оғӯш мекашиданд [151, с. 63].

Вақте ки нусхаи аслии ҳикояро бо ҳикояи тарҷумашуда қиёс менамоем, мебинем, ки чӣ гуна мутарҷимони тоҷик дар ифода ва риояи услуб бо Н.С. Тихонов мепайванданд ва тавассути ифодаи вазъи равонии қаҳрамони ҳикоя мақсади муаллифро маълум менамоянд. Яъне дар ҳар ду тарҷума ҳамбастагии зоҳирӣ (шаклӣ) ва ботинӣ (маънавӣ) комилан риоя гардида, барои бозгӯйи воқеият, феълан ба забони тоҷикӣ, ҳунари баланди мутарҷимон ба назар мерасад.

Ба ҳар сурат, агар ба тарҷумаи аввалӣ назар андозем, нисбатан ба забони гуфтугӯии адабӣ шабоҳат дошта, калимаҳои хоси шева ба назар мерасанд, аммо услуби тарҷумаи дуюм бадеияти хосса, равон ва услуби насри бачагонаро доро аст. Дар тарҷумаи аввалӣ, агар вожаҳои бегонаи маъмулии хоси забони русӣ ва ё шева истифода шуда бошад, дар тарҷумаи дуюмӣ вожаҳои хоси забони тоҷикӣ ва ё вариантҳои дигар истифода шудаанд: печка/дегдон, плакатҳо/ лавҳаҳо, лагер/урдугоҳ, шлагбаум/ ғав(ғув), турба/турба, шётка/ чутка, бурма/ каҷукилеб, Венгрия/Маҷор, отрядҳо/хурӯҷҳо, тӯпаланг/ҳангома.

Соли 1942 нахустин осори бадеии Н.С. Тихонов бо номи «Хислатҳои одами советӣ» дар тарҷумаи Саидӣ Боғиров нашр мегардад. Дар маҷмуа ҳикояҳои ленинградии нависанда ба таври фаврӣ тарҷума гардидаанд, ки аз ҳикояҳои

Дар ҳикояҳои маҷмуаи мазкур калимаҳои зиёди русӣ истифода гардидаанд, ки дар забоншиносии замони Шуравӣ калимаҳои интернатсионалӣ номида мешуданд. Барои мисол метавон ҳикояи «Одамон ба рӯйи тахтапораҳо» («Люди на плоту»)-ро баррасӣ намуд:

Ҷадвали №3

Матни асл	Тарҷумаи Саидӣ Боғиров
Среди прыгнувших в холодную воду Финского залива мирных пассажиров был один фотограф [159, с. 25].	Дар байни сарнишинони осоиштаи кишт̄ӣ, ки худашонро ба оби хунуки тирамоҳии халиҷи Фин партофта буданд, як нафар фотограф низ буд [164, с. 3].
Он скрестил руки на груди, закрыл глаза и постарался представить себе жену и детей в последний раз [159, с. 24].	Вай дастҳояшро дар рӯйи сина чилик карда, чилик карда чашмонашро пӯшид [164, с. 4].
Это немецкий пират, проносясь над тонущими, расстреливал их [159, с. 25].	Ин кори пирати (роҳзани) немисӣ буд, ки аз болои сари ғарқшавадагон парвозкунон онҳоро тирборон мекард [164, с. 4].
Он опять скрестил руки, и опять тяжелый футляр, которым он дорожил, как дорожат самым дорогим оружием, потянул его в зеленую глубину. Какая-то слабость начала проникать в тело [159, с.25]	Вай дубора дастонашро чиллик кард ва аз лейкаи вазнинаш, ки вайро мисли яроқи гаронбаҳо азиз мешумурд, ӯро ба қаъри оби кабудчаранг кашида фурӯ бурд [164, 5].

Саидӣ Боғиров дар тарҷумаи ҳикояти дигари Николай Тихонов бо номи «Ҷанги тан ба тан» («Поединок») аз услуби содаи наздик ба услуби гуфтугӯйи истифода намудааст: «Лётчики немисӣ боз як даври дигар зад. Поезд аз ҷойи ялангӣ бо шитоб мегузашт. Вай аз куҷо медонист, ки дар ҷангал ба истиқболаш

тайёрӣ дида шудааст ва дарахтони вазнини қарағай бо зарбаи раъдвор аз бехашон барканда шуда, болои вагонҳо хоҳад ғалтид»[164, с. 11].

Услуби тарҷума хеле коста ва норавшан буда, хабари ҷумлаҳои матн нодуруст оварда шудааст. Забони тоҷикӣ-форсӣ, ки дорои луғати бойю ғанӣ аст, дар тарҷумаи матни зерин мисли як забони аз ҷиҳатои захираи луғат камбағал инъикос ёфта, калимаҳои бегона ва лаҳҷавӣ дар он ба кор бурда шудаанд. Калимаи «ялангӣ» муродифи вожаи «ҳамворӣ» мебошад, ки истеъмоли он дар асл мушкилие надорад. Ё дар матни «Бомбаҳо бар вай нарасида, қарсилдоқ барин мекафиданд» [164, с. 13], калимаи «қарсилдоқ» маънои муайянро надорад. Барои муқоиса ва натиҷагирии саҳеҳ мо матни асл ва тарҷумаи Саидиро дар ҷадвали поён иқтибос мекунем.

Ҷадвали №4

Матни асл	Тарҷума
Летчик сделал еще круг, решив, что теперь он уже не промахнется. Поезд мчался по открытому пространству. Откуда он мог знать, что теперь ему приготовлена встреча в лесу и тяжелые сосны повалятся на вагоны, сброшенные со своих мест гремящим ударом? Сосны упали впустую. Поезд проскочил это место. Бомбы снова были потрачены понапрасну [159, с. 20]	Лётчики немисӣ боз як даври дигар зад. Поезд аз ҷои ялангӣ бо шитоб мегузашт. Вай аз куҷо медонист, ки дар ҷангал ба истиқболаш тайёрӣ дида шудааст ва дарахтони вазини қарағай бо зарбаи раъдвор аз бехашон барканда шуда, болои вагонҳо хоҳад ғалтид [164, с. 11].
Бомбы рвались, как хлопушки. [159, с. 21]	Бомбаҳо бар вай нарасида, қарсилдоқ барин мекафиданд[164, с. 13].

Ҳамин гуна истифодашавии калимаҳои ба ном интернатсионалӣ дар ҳикояи «Модар» («Мать») дидан мумкин аст:

Ҷадвали №5

Матни асл	Тарҷума
Они шли по полям, уже по-осеннему пустым, дачи стояли заколоченные, навстречу им двигались возы, машины, у дороги суетились беженцы с детьми, с узлами, с мешками за спиной, из канавы убитая лошадь подымала деревянные ноги к небу, проходили бойцы, звеня котелками, где-то поблизости оглушительно стреляли. Они уже далеко ушли от шумного шоссе [159, с.29].	Онҳо аз майдонҳое мегузаштанд, ки акнун аз даромадани тирамоҳ хушку холӣ шуда, буданд, дари хонаҳои айлоқӣ тахтакӯб карда шуда рӯ ба рӯйи онҳо аробаву машинаҳо меомаданд... Онҳо аз роҳи шосеи пурғулғула акнун хеле дур шуда буданд [164, с. 21].
Она понимала, что они обе делают не то, что надо броситься на дорогу и лечь лицом к земле, — но ведь им надо идти отыскать Борю, а если они будут падать перед каждым снарядом, то они никогда не дойдут, никогда не увидят его [159, 29].	Вай мефаҳмид, ки онҳо бо инстинкт(савқи табиӣ) ин тавр мекунад [164, 22].

Дар матни тарҷумаи Саидӣ калимаҳои зиёде ҳастанд, ки бо вуҷуди муродифи тоҷикӣ доштан вариантҳои русии он истифода гардидаанд. Инро дар вожаҳои фотограф-рассом, пират-роҳзан, шоссе-роҳи калон дидан мумкин аст. Баъзе вожаҳо барои хонанда шарҳ дода шудаанд, дар мисоли «пирати» (роҳзани)

ва»инстинкт» (савқи табиӣ). Дар асл вожаи роҳзан дар забони гуфтугӯйи ва адабӣ маъмул буда, «инстинкт» ин ҳиссиёти инсонро мефаҳмонад. Аз ин маълум мешавад, ки мутарҷим ё аз забони адабии классикӣ воқиф набудааст ва ё худ ба хотири таҳаввулоти нав дар забони адабӣ дидаю дониста калимаҳои русиро истифода намудааст. Чунин костагии услубро дар ҳикояи «Ҳарбии солхӯрда» («Старый военный») ба назар мерасад, ки услуби тарҷума бениҳоят коста буда, мисли тарҷумаҳои ҳикояҳои қаблӣ дар он вожаҳои бо ном интернатсионалӣ ворид гардидаанд. Дар ҷадвали зерин якчанд пораи матн оварда шудааст, ки дар он тарҷума ба куллӣ ба меъёри забони адабӣ ҷавобгӯй нест ва инро дар мисоли «Коризор кашол ёфт. Душман дар қарибии Ленинград ёзида монд» мушоҳида кардан мумкин аст. Аввалан, ин ки «коризор» дар забони тоҷикӣ дида намешавад ва ҷузъи дурусти он «корзор» буда, феълҳои замони гузашта «кашол ёфт» ва «ёзида монд» хоси забони гуфтугӯйӣ мебошанд.

Ҷадвали №6

Матни асл	Тарҷума
Он ложился на кровать, но сон бежал от его глаз [159, с. 75].	Вай болои кароват дароз мекашид, аммо ба чашмонаш хоб намеомад [164, с.30].
Он не ходил в бомбоубежище по тревоге [159, с. 75].	Вай дар ҳангоми шунидани тревога ба паноҳгоҳ намерафт [164, с. 30].
Битва затянулась. Враг залег у самых стен Ленинграда. [159, с.75].	Коризор кашол ёфт. Душман дар қарибии Ленинград ёзида монд[164, с. 31].

Саидӣ дар тарҷумаи ҳикояҳои Н.С.Тихонов ба саросемагӣ роҳ дода, арзиши эстетикӣ ва услуби ҳикояҳоро коста намудааст. Дар ҳикояҳо на фақат услуби хоси солҳои 30-40, яъне ворид намудани калимаҳои ба қавле интернатсионалӣ ва сода намудани забон, истифода шудааст,инчунин дар он харобии тарҷума ва

бемасъулиятии томи тарҷумон ба чашм мерасад. Масалан, дар матни ҳикояи «Себ» («Яблоня»)такроршавии ҷонишинхо ва хабарҳо дар тамоми асар ба чашм мерасад:

Ҷадвали №7

Матни асл	Тарҷума
Он подождал, пока толпа втянулась в узкий проход, и ушел почти последним, ощупью, держась за холодные стены.Он боялся, что увидит развалины — вот сейчас, тут же рядом. Он думал, что он, так же спотыкаясь, проберется к своему маленькому домику, до которого два шага.Он вышел на улицу и остановился, недоумевающий и растерянный.Все было залито ослепительным, могучим лунным светом [159, с.106]	*Вай* мунтазир шуда истод, то ки издиҳоми мардум ба баромадгоҳи танг якбора ғулу карда рафтанд ва ӯ ҷариб охирин шуда деворҳои хунукро даст-дасткунон аз паноҳгоҳ баромад. *Вай* метарсид, ки вайронаҳо ҳамин акнун дар наздикӣ ба чашмаш тобанд. *Вай* дар фикри он буд, ки дигарҳо барин ӯ ҳам пешпо хӯрда ба хонаи хурдаш, ки дар чанд қадамӣ воқеъ аст, рафта мерасад. *Вай* ба кӯча баромаду аз ҳайрат ҳаросон истода монд» [164, 63].

Тадричан тарҷумаи осори адабии Н.С.Тихонов ранги дигар мегирад. Таҷрибаи тарҷума намудани асарҳои адибони рус ба забони тоҷикӣ сайқал ёфта, арзёбии усулҳо ва мавқеъи мутарҷимон бадоҳатан оварда шуда, ҳусну қубҳи ифодаи услуби нависанда, мухтасоти воситаҳои тасвир ва забони матнҳои тарҷумавӣ мавриди баррасӣ қарор мегирифтанд.

Баъзе аз ҳикояҳои Тихоновро ду нависанда –Саидӣ Боғиров ва баъдан (соли 1942) А. Одинаев тарҷума намудаанд. Тафовути ин тарҷумаҳо, қабл аз ҳама, дар услуби онҳо мебошад. Барои пурратар омӯзиши масъалаи мазкур дар ҷадвали зерин ҳикояи «Панҷаи шер»-ро мавриди муқоиса қарор медиҳем:

Ҷадвали №8

Матни асосӣ	Тарҷумаи Саидӣ Богиров	Тарҷумаи А.Одинаев
Юра не принадлежал к тем мальчикам, которым все время говорят взрослые: «Не путайся под ногами» [159, с. 92]	Юра аз он хел бачаҳо набуд, ки калонсолон ҳамеша ба вай «дар зери поям андармон нашав» гӯянд [164, с. 46].	Юра аз он хел бачагоне набуд, ки калонсолон доимо ба онҳо мегӯянд: «Дар зери пой напилм» [142, с.11].
Нет, он хоть был мал, — ему было всего семь лет, — но он пропадал по целым дням в парке, или на улице, или в зоологическом саду. Зверинец был перед его домом через дорогу. Он часто забирался в сад, и ему очень нравились звери [159, с.92].	Не, вай хурдсол, ҳамааш шуда ҳафтсола бошад ҳам, тамоми рӯз дар парк,ё дар кӯча,ё ин ки дар парки зоологӣ(боғи ҳайвоноти ваҳшӣ) мегашт [164, с. 46].	Не,гарчанде ӯ хурд бошад ҳам, (ӯ ҳамагӣ ҳафтсола буд),аммо рӯзҳои тамомро дар парк, дар кӯча ё дар боғи ҳайвонот мегузаронад [142, с. 11].
Однажды вечером к Юриной маме пришел запыленный военный. Он сидел за столом, пил чай, и Юра смотрел на него усталыми глазами, которые слипались все больше с каждой минутой. Он так	Як рӯз бегоҳӣ як нафар ҳарбии гарду чанголуд ба пеши модари Юра омад. Вай дар пушти стол нишаста,чой менӯшид ва Юра бо чашмони хастаю хоболудаш, ки торафт зиёдтар пӯшида	Боре бегоҳирӯзӣ ба назди модари Юра одами ҳарбие, ки тамоми либосаш чанголуд буд, омад. Ӯ дар паси стол нишаста, чой менӯшид ва Юра бо чашмони хоболуд, ки дақиқа

набегался сегодня, что плохо уже слышал, что рассказывал военный [159, с.93].	мешуданд, ба вай нигоҳ мекард [164, с. 50].	ба дақиқа пӯшида мешуданд, ба ӯ нигоҳ мекард [142, с. 13].

Ҳикояи «Девушка» аз ҷониби се нафар дар замонҳои мухталиф тарҷума гардидаст, ки унвони ҳар як ҳикоя ҳангоми тарҷума аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Аз ҷумла: А. Одинаев «Духтарак» ва Саидӣ бо номи «Ҷавондухтар» ҳикояро унвон мегузорад. Услуби тарҷумаи матнҳо тафоввути зиёдеро дорост.

Ҷадвали №9

Матни асосӣ	Тарҷумаи Саидӣ Богиров	Тарҷумаи А.Одинаев	Тарҷумаи А. Юсуфов
Неукложая тетека в большом байковом платке набужала на нее в темноте, испуганно вскрикнув: -Ай, кто это здесь? **[159,** с. **85]**	Холаи бесулқае бо рӯймоли калони патдори пашмӣ дар сараш дар торикӣ ба тарафи ӯ давида меомад, ғафлатан ба ӯ вохӯрда аз воҳима фарёд кашид [164, с. 34].	Занаки қуполи рӯймоли калони байкадор давида истода, дар торикӣ ба ӯ бархӯрда, аз тарс дод гуфта фиристод [142, 16].	Шаб торик. Зани либос ғафси пашмин пӯшида бо тарсу ҳарос бо духтараки дар зина нишаста наздик шуд [152, с. 2].
Поля вскочила, шатаясь, и ужу бежала по улице	Поля аз ҷояш хеста калавида-калавида аз миёни кӯча ба	Поля ҷаҳида хест ва нағз ба худ наомада, калавида-	

туда, где только что упали стены и еще стояло, не рассеяашись, облако дыма **[159,** с. **86].**	ҳамон ҷое, ки акнун деворҳо ғалтида, гарду чанг дар ҳаво муаллақ ҳама ҷоро печонда буд, давид[164, с. 35-36].	калавида аллакай ба он сӯе, ки ҳозиракак деворҳо ғалтиданд ва ҳоло ҳам абри дуди парокандашуда мавҷуд буд, давида рафт [142, с. 17].	
Раз, прибежав, она увидела при лунном свете, как высоко над грудой рухнувших этажей,точно в воздухе, стоит женщина в одной рубашке, прижавшись к остатку стены, в углу, случайно уцелевшем на пятом этаже **[159,** с. **86].**	Як бор вай давида омаду дар равшании моҳтоб дид, ки дар ҷои бисёр баланд болои чандин ошёнаи ғалтидаи як иморат, зане бо як курта дар тан, мисли он ки дар ҳаво муаллақ шуда бошад, ба боқимодаи девори вайроншудае такя карда, дар кунҷи	Боре вай, тозон дар равшании моҳ дар баландӣ дар болои тӯдаи ошёнаҳои фурӯрафтагӣ занеро дид. Вай тани бакурта ба боқимондаи девори аз ғайричашмдошт бутун мондаи ошёнаи панҷум такя карда, чун ҳайкали беҷон рост истода буд [142, с. 18].	Дар яке аз маҳтобшабҳо, ӯ дар болои деворчаи боқимондаи ошёнаи чаҳорум занеро дид, ки танҳо бо як курта ҳайкал барин шах шуда меистад [152, с. 2].

	тасодуфан солим мондаи ошёнаи панҷумин истодааст [164, с. 37].		
Но вероятно, этот удар раскоолол попалам улицу, и все дома, и все вокруг, потому что Поля потеряла сознание **[159,** с. **88]**	Аммо як зарбаи наве, эҳтимол кӯчаро ду парча кард, ки ҳама чиз ба ларза даромаду Поля аз ин зарба беҳуш шуда ғалтид [164, с. 40].	Ба Поля чунин менамуд, ки ин зарбаи снаряди кӯча, ҳамаи хонаҳо ва ҳамаи чизи дар гирду атроф бударо ду бӯлак кард, зеро ӯ беҳуш шуда буд [142, с.19].	Зарбаи навбатии снаряд кӯчаҳоро ба ларза оварда, ҳамаро тагурӯ карда партофт. Духтарак аз ҳуш рафт[152, с. 2].
Ну конечно, весной на футбольном матче **[159,** с. **87].**	Албатта, маълум аст, ки баҳорон дар матчи футбол [164, с. 40].	Бале, албатта, баҳорон дар мусобиқаи футбол дида буд [142, с. 19].	

Вақте матни русии ҳикояро бо матни тарҷумаҳои тоҷикии С. Боғиров ва А. Одинаев қиёс мекунем, ҳунари эҷодии ҳар ду мутарҷим муайян мегардад. Бо як муқоисаи оидӣ метавон пай бурд, ки маҳорати тарҷумонии С.Боғиров ва А. Одинаев аз ҳам фарқи ҷиддӣ дорад. Чунин ба назар мерасад, ки С.Боғиров ба риояи шакли зоҳирии ҳикоя таваҷҷуҳ намуда, ба қавле сохтакорӣ намудааст.

Дар матни тарҷумаҳои мутарҷим вожаҳои зиёди русӣ ба назар мерасанд ва дар мисоли матни зерин: «Албатта, маълум аст, ки баҳорон дар матчи футбол» мутарҷим бидуни истисно вожаи русии «матч»-ро истифода намудааст ва дар

тарҷумаи А. Одинаев вожаи русии «матч» дар шакли «мусобиқа» омадааст: «Бале, албатта, дар мусобиқаи футбол дида буд». Албатта, дурусттар андеша агар намоем, «Матч» маънии мусобиқаро дода наметавонад ва тарҷумаи он «бозӣ» мешавад. Яъне гуфтан мумкин аст, ки ҳар ду мутарҷим дар вақти тарҷума ба нуқс роҳ додаанд.

Ҳамин гуна номувофиқатӣ дар матнҳои дигар низ ба назар мерасад. Агар яке аз мутарҷимон кӯшида бошад, ки каме дигаргунӣ дар матн ворид намоянд, ба мақсад пурра нарасидааст. Масалан: матни тарҷуманамудаи С.Боғиров «Холаи бесулқае бо рӯймоли калони патдори пашмӣ дар сараш дар торикӣ ба тарафи ӯ давида меомад, ғафлатан ба ӯ вохӯрда, аз воҳима фарёд кашид» [164, 35]. Дар навбати худ матни тарҷуманамудаи А. Одинаев: «Занаки қуполи рӯймоли калони байкадор давида истода дар торикӣ ба ӯ бархӯрда, аз тарс дод гуфта фиристод»[164, с.34] С. Боғиров «рӯймоли калони патдор» – ро истифода намуда бошад, пас А. Одинаев ҷойи патдор «байкадор»-ро истифода намуда, вожаи туркии «қупол»-ро ба ҷойи «бесулқае» истифода намудааст, ки дар ин самт мутарҷими аввал ҳақ аст. Чунин нобаробарӣ дар тарҷумаи ҳар ду мутарҷим ба назар мерасад, вале А. Одинаев нисбатан вожаҳои русиро кам истифода мебарад ва ба ҷойи онҳо калимаҳои тоҷикиро кор мефармояд, ки дар тарҷумаи боло онро қиёс намудем.

Мо дар муқоисаҳои боло баъзе носаҳеҳӣ дар нусхаҳои тарҷумаи ҳикояҳои Н.С.Тихонов дидем, ки ҳусни матнро коста, аз забони ноби тоҷикӣ ба як гӯиши мардумӣ бештар шабоҳат дорад.

Маҷмуаи дигари ҳикояҳо бо номи «Партизани далер» шаш ҳикояро дар бар мегирад. Ҳикояҳои «Партизани далер», «Ҳикояҳо дар бораи Будёний», «Ҳикоя дар бораи Шорс», «Ҳасан ва хирс» ва «Аёси қаҳратун» аз ҷониби М. Шарифов тарҷума шудааст. Фақат як ҳикоя - «Танки боақл»-ро А. Одинаев тарҷума намудааст.

«Селоби ғазаб» («Муъҷизаи сафед»)-и Н.С. Тихонов асари воқеӣ буда, вазъи нооромии Покистонро дар нимаи аввали асри ХХ ва ҷаҳди мардуми ин кишварро баҳри истиқлолият тасвир намудааст. Дар асар бархӯрди мардуми Покистон бо аҷнабиҳо ва саъйи онҳо баҳри озодӣ инъикос гардидааст. Муаллиф дар асар анъанаҳои начиб, хислат ва шаҳрҳои қадими ин кишварро таҷассум намуда, дар

пешсухани асараш зикр менамояд, ки: «Соли 1949 як гурӯҳ адибони советӣ имкон ёфта, сафари Покистон намудаанд ва бо ҳаёти покистониён шинос шуданд... Ман повести «Селоби ғазаб»-ро навиштам. Халқи Покистонро бо самимияти тамом эъзозу эҳтиром мекунам, бинобар ҳамин ин повестро таълиф кардам. Ин повестро менавиштаму нисбат ба ононе, ки ҳозир ҳам ба осоишу амнияти халқҳо фасод мерезанд, нафрату адоватам ҷӯш мезанад» [130, с.5].

Н.С.Тихонов дар сафарномаҳояш менависад, ки «зимистони соли 1949 бо даъвати фаъолони пешқадами Покистон ба конгресси нависандагон дар шаҳри Лоҳур як гурӯҳ адибон фиристода шуда буд, ки аз зумраи онҳо ман будам. Мо саёҳати азимеро аз сарҳади Иттифоқи Шуравӣ тавассути кӯҳҳои Ҳимолой ва Сафедкӯҳ, гузаргоҳи Хайбар ба Лоҳур ва баъдан ба тамоми кишвар, ба Карочӣ то баҳри Араб ба анҷом расонидем. Пас аз бозгашт ман «Ҳикояҳо дар бораи Покистон», «Ҳикояҳо дар бораи кишвари кӯҳӣ», повести «Аҷоиботи сапед» ва шеърҳо дар бораи Афғонистон ва Покистон - «Дуоб»-ро навиштаам» [165, 59].

Таваҷҷуҳи Тихоновро ҳангоми сафар ба Покистон вазъи зиндагӣ ва мушкилоти кишвари мустамликашуда ҷалб мекунад. Дар маҷмуаи «Ҳикояҳо дар бораи Покистон» лавҳаҳои хурди хотираҳои Николай Тихонов дар бораи ин сарзамин инъикос гардидаанд. «Ҳикояҳо дар бораи Покистон» мушоҳида, сафар ва таассуроти Тихоновро дар бар мегиранд. Нависанда ба ҳаёти вазнини мардуми меҳнаткаши Лоҳур бетафовут намонда, дар маҷмуа хотираҳои хешро ба таври воқеӣ баён менамояд.

Соли 1952 «Ҳикояҳо дар бораи Покистон» бо пешсухани худи нависанда нашр мегардад, ки дар он Н.С. Тихонов мушаххас дар бораи омили сафар намуданаш, мушкилот ва тавсифи ҳаракатҳои озодихоҳии мардуми Покистон сухан меронад. Ин нахустин маҷмуаи ҳикояҳои хурде буд, ки халқи собиқ кишварҳои шуравиро бо зиндагии пуразоби мардуми одии Покистон шинос намудааст. Ин маҷмуа имрӯз низ аҳаммияти худро ҳамчун баёнкунандаи вазъи ногувори мардуми Покистон гум накардааст. Н.С. Тихонов ҳамчун адиби воқеънигор масъалаи иртиботи фарду ҷамъиятро дар осораш дар ҷойи аввал мегузошт.

Дар фароварди пешсухан чунин ишора менамояд, ки «Ҳикояҳои хурд дар бораи Покистон» –инъикоси тозаи ҳаёти рӯзмарраест, ки камина бо чашмони худ онро дидаам ва мушоҳида кардам. Қаҳрамони ин ҳикояҳо –ашхоси воқеӣ ҳастанд» [129, с.4]. Маҷмӯаи мазкур 22 ҳикояҳои хурдро фаро гирифта, ба забони хеле сода иншо гардидааст. Ин маҷмӯа худи ҳамон сол ба забони тоҷикӣ аз ҷониби мутарҷимони тоҷик Э. Муллоқандов ва Ғ. Мирзо тарҷума гардида, бо номи «Ҳикояҳо дар бораи Покистон» нашр мегардад. Дар воқеъ, ин маҷмуаи нахустине буд, ки мардуми тоҷик тавассути он ба зиндагӣ, урфу одат ва ақшори иҷтимоии покистониҳо шинос шуданд. Ин маҷмуа тамоми ҳикояҳоро дар бар нагирифтааст. Дар он аз 22 ҳикояи дар маҷмуаи аслӣ буда, ҳамагӣ 17-тои онҳо тарҷума гардидаанд. Баъдтар соли 1955 бо номи «Дар шаҳри куҳнаи Лоҳур» такроран ҳикояҳои дар бораи Покистон чоп мегарданд, ки дар ин маҷмуа 7 ҳикоя ҷой дода мешавад. Ҳикояи «Одам ва машина», ки аз тарҷумаҳои нав ба шумор мерафт, аз ҷониби Ҷумъа Одина тарҷума гардида буд. Дар ҳар ду маҷмуа ҳикояҳои «Осоишгоҳ» («Курорт»), «Қутии сигор» («Коробка сигарет»), «Хар» («Осёл»), «Мо ба хона бармегардем» («Мы летим домой») ба назар намерасанд, яъне ҳикояҳои зикргардида бо чӣ сабабе тарҷума нагардидаанд. Дар баъзе ҳикояҳо мутарҷим Э. Муллоқандов баъзе тағйиротҳо дар услуб ворид намудааст, ки дар ҷадвали зер дигаргуниҳои баъди чопи дуюм муқоиса шуданд:

Ҷадвали №10

Нусхаи асл	Чопи аввал	Чопи дуюм
На широкий террасе, где накрыт стол для утренного завтрака, между тарелками ходит большая сине-черная ворона и, приподымая болшим клювом салфетки, которыми накрыты тарелки, смотрит, нет ли	Дар пештоқи кушоди хона, ки столе барои нонушта оро дода шудааст, дар байни лаъличаҳо зоғи сиёҳи доғҳои кабуддор гашту гузор мекунад ва бо нӯли худ лаби дастурхони дар болои	Дар пештоқи кушоди хона, ки столе барои ношто оро дода шудааст, дар байни лаъличаҳо зоғи сиёҳи доғҳои кабуддор гашту гузор мекунад ва бо нӯли худ лаби сачоқи дар болои тақсимчаҳо пӯшондагиро бардошта

что-нибудь вкусного [129, с 17].	таомҳо пӯшондагиро бардошта нигоҳ менамояд, ки ягон таоми бомазза ёфтан мумкин аст ё не [143, с. 25].	нигоҳ менамояд, ки ягон таоми бомазза ёфтан мумкин аст ё не [165, с 25].
Изредка белым светом между деревьями резко светилась река, потом наступал польный мрак. Мы проезжали густые рощи, вылетали на прекрастки, где толпились быки с широкими, витыми рогами, фыркали лощади и гудали грузвики, накрытие юрезентом [129, с. 4].	Баъзан дар байни дарахтон наҳр тобиш менамуд, баъд торикии қуюқ, ҳама ҷоро фаро мегирифт. Мо аз чакалакзоре гузаштем, ба чорраҳае расидем, ки дар он ҷо говҳои шохҳояшон дароз ва печхӯрда, аспҳо ва автомобилҳои боркашон бо брезент пӯшидашуда буданд [143, с. 3].	Баъзан дар байни дарахтон наҳр тобиш менамуд, баъд боз торикии том ҳама ҷоро фаро мегирифт. Мо аз чакалакзоре гузаштем, ба чорраҳае расидем, ки дар он ҷо барзаговҳои шохҳояшон дароз ва печхӯрда, аспҳо ва автомобилҳои боркашони болояшон бо брезент пӯшидашуда буданд [165, с. 3].
Внем живут машинисты, кочегары стрелочники строжа провдники…Повидимому, архитектор, который строил эти закуты, не затруднял себя в этом куске…Видны разрушения после недавних дождей: обвалившиеся углы, расползившиеся глиняные крыши[129, с. 12].	Дар ин ҷо машинистон, кочегарҳо, стрелкачиҳои роҳи оҳан, қаровулон ва ходимони вагонҳо истиқомат мекунанд… Маълум аст, ки созандагони ин кулбаҳо аз ҷиҳати план ва материали бинокорӣ худро ба ташвиш наандохтаанд. …Харобиҳои боронҳои охирин намуда меистад [143, с. 16-17]	Дар ин ҷо машинистон, алавмонон, стрелкачиҳои роҳи оҳан, қаровулон ва ходимони вагонҳо истиқомат мекунанд… Маълум аст, ки созандагони ин кулбаҳо аз ҷиҳати план ва материали бинокорӣ худро ба ташвиш наандохтаанд…. Харобиҳо, ки дар натиҷаи боронгариҳои ба наздикӣ шудагузашта ба амал омадаанд, ба чашм намуда меистод [165, с. 16].

Албатта, тарҷума дар ин давр марҳилаҳои нахустинро аз сар мегузаронид ва забони тоҷикӣ ба хотири сода гардидан дар як ҳолати ногузир қарор ёфта буд. Мутарҷимон дар вақти тарҷума намудан ба иштибоҳи зиёде роҳ медодаанд ва дар тарҷума вожаҳои хоси шева роҳ ёфта, баъзе калимаҳо аз мавқеи асосии худ дур рафта буданд.

Ба Э. Муллоқандов на ҳама вақт муяссар шудааст, ки ягонагии шаклу мазмунро риоя кунад ва дар тарҷумаи ӯ баъзан иловаҳои ночаспону зиёд дучор меоянд. Масалан, ҳангоми тарҷумаи ҳикояи «Дар маҳаллаи коргарии Лоҳур» Муллоқандов Э. бисёр вожаҳои муносибро сарфи назар намудааст ва дар мисолҳои зерин калимаву ибораҳое оварда шудааст, ки ба меъёри забони адабии тоҷик ҷавобгӯй нестанд: «Бошандагони ин маҳалла коргарони роҳи оҳан мебошанд. Дар ин ҷо машинистон, кочегарҳо, стрелкачиҳои роҳи оҳан, қаровулон ва ходимони вагонҳо истиқомат мекунанд. Хонаҳое, ки онҳо истиқомат мекунанд, аз тарафи компанияи роҳи оҳан сохта шудааст» [143, с. 16-17].

Дар вақти тарҷума ба ҷойи калимаҳои «бошандагон»- «истиқоматкунандагон», «машинистон» -»ронандагон», «кочегарҳо»-»аловмонҳо», «стрелкачиҳои роҳи оҳан» -»роҳнамоҳои роҳи оҳан», «қаровулон» - «посбонҳо ва ходимони вагонҳо», «компанияи роҳи оҳан»- «ширкати роҳи оҳан» истифода гардиданд.

Дар матни мазкур пайи ҳам вожаи «истиқомат» омада, услуби бадеӣ ва фасоҳати сухан коста гардидааст. Дар матни дигар: «Маълум аст, ки созандагони ин кулбаҳо аз ҷиҳати план ва материали бинокорӣ худро ба ташвиш наандохтаанд», вожаи русии «план»- бо нақша ва «материал» бо мавод имкони иваз шуданро дошта бошад ҳам, шояд мутарҷим аз диди замона ва тақвият бахшидан ба воридшавии вожаҳои русӣ чунин услубро авлотар донистааст. Матни дигар: «Баъзан дар байни дарахтон наҳр тобиш менамуд, баъд торикии қуюқ ҳама ҷоро фаро мегирифт». Вожаи «қуюқ» хоси забони туркӣ буда, дар таркибӣ ибора бо вожаи «торик» омада, ибораи сифатӣ сохтааст. Дар таҳияи дуюми маҷмуа ин ибора бо ибораи «торикии том» иваз гардидааст.

Маълум аст, ки дар тамаддуни ҷаҳонӣ то ҳанӯз забоне вуҷуд надорад, ки аз

забонҳои дигаре калима нагирифта бошад. Аммо на ҳамаи калимаҳо пас аз иқтибосшавӣ имкони устувор гардиданро пайдо мекунанд. Аз ин сабаб, дар таҳияи дуюми китоб мутарҷимон аксари вожаҳои бегонаро аз дохили матн берун овардаанд. Мутарҷиме, ки аз боигарии забон, воситаҳои тасвир, санъатҳои лафзию маънавӣ ҳунармандона истифода мебарад, дар тарҷума оҳанг, услуб, мундариҷаи асари тарҷумашаванда, симои муаллиф, овози ӯ, тарзи нигорандагии вайро нигоҳ медорад ва дар айни ҳол шакли тарҷума ва забони он ба хонанда бегона намегардад.

Дар тарҷумаи «Ҳикояҳо дар бораи Покистон» услуби тарҷума аз эътибори мутарҷимон дур рафта, тамоми образҳо, воситаҳои тасвир шакли он дар шакли таҳтуллафзӣ боқӣ мондаанд. Фақат маҳорати баланди тарҷумонӣ, донистани нозукиҳои забони модарӣ ва боигарии луғавии он ба мутарҷим барои дар сатҳи олӣ тарҷума гардидани ҳикояҳо кӯмак мерасонад.

«Ҳикояҳо дар бораи Покистон» ҳаёти рӯзмарраи мардуми Шарқро дар миёнаҳои садаи ХХ тасвир менамояд. Вазъи бечораҳолонаи деҳқонон, асбоби чӯбини онҳо, сатҳи кишоварзии сокинони деҳкадаҳо ва дигар тасвирҳои аҳволи номатлуби покистониҳо дар ин асар ба чашм мехӯранд. Дар асари мазкур Н.С. Тихонов бештар одамони одиро тасвир менамояд ва қайд ҳам мекунад, ки сарнавишти ояндаи Покистон маҳз дар дӯши ҳамин одамон аст. Истибдоди миллӣ ва аз сӯйи сарватмандон истисмор шудани аксар инсонҳо дар сартосари ҳикоя муҳокима шуда, чун самти асосии асари бадеӣ мушоҳида мешавад. Хонанда зимни мутолиаи асар эҳсос мекунад, ки ҷунбишҳои озодихоҳонаи мардуми Покистон натиҷаи ҳамон зулму тааддиест, ки афроди ҳокимро соҳиби салтанат гардонидааст.

Маҷмуаи дигаре, ки дар он тарҷумаҳои осори Н. Тихонов нашр гардидаанд, ин «Шаш сутун» ном дорад. Китоб сафарнома ва мушоҳидаҳои Тихоновро дар тӯли сафари 1949 -1962 дар бар мегирад, ки дар он мавзуъҳои муборизa, ашхоси соҳибирода ва урфу одатҳои мардуми Шарқ тасвир гардидаанд. Дар маҷмуа ҳикояҳои «Гули садбарг» (тарҷумаи Ш. Шараф) «Шаш сутун» тарҷумаи (Ш.Собир), «Зилзила» тарҷуму (Ҳ.Салимов), «Шаби Алқадр» тарҷумаи (Ш. Шараф), «Дар шаҳри зоҳиран беғаму ташвиш» тарҷумаи (М. Наҷмиддинов), «Рӯзи дароз» (Ю. Акобиров) гирдоварӣ шудаанд.

«Асарҳои мунтахаб»-и Н.С. Тихонов соли 1976 нашр мегардад, ки дар он маҷмуи ашъор ва насри ӯ гирд оварда шудааст, аз ҷумла, се ҳикояи ӯ –»Гули садбарг» (тарҷумаи Ш. Шараф), «Шаш сутун» (тарҷумаи Ш. Собир), «Дар шаҳри зоҳиран беғаму ташвиш» (тарҷумаи М.Начмиддинов») ва «Рӯзи дароз» (тарҷумаи Ю. Акобиров), ки аз беҳтарин тарҷумаҳоянд, гирд оварда шудаанд. Шояд омилҳои ворид нагардидани осори насрии Н.С. Тихонов ба маҷмуаи мазкур ин нуқс дар услуб ва костагӣ дар тарҷумаҳои солҳои 50 ва 60-уми асри ХХ бошад. Чунки таҳлилҳои боло бори дигар исбот намуданд, ки тарҷумаи касбӣ то ин замон инкишоф наёфта будааст. Бояд гуфт, ки насри Н.С.Тихонов ба забони асл низ марҳила ба марҳила саҳеҳ ва соҳиби салосат гардидааст. Аз ҷониби дигар, бештари мавзуъҳое, ки Н.С. Тихонов дар назм эҷод кардааст, баробари он дар наср дар шакли ҳикоя дарҷ намудааст.

3.3. Тарҷумаи шеърҳои Н.С. Тихонов ба забони тоҷикӣ

Ғаффор Мирзо осори алоҳидаи В. Маяковский, Н. Некрасов, Ш. Петефи, Н. Ҳикмат, А. Сурков, П. Воронко, А. Твардовский ва дигаронро Н.С. Тихонов ба тоҷикӣ гардонидааст. Ғаффор Мирзо дар тарҷумаи шеърҳои шоир нисбат ба дигар мутарҷимон бештар муваффақ гаштааст. Соли 1959 сурудҳои Н.С. Тихоновро ба забони тоҷикӣ тарҷума намудааст, ки мазмуни ёддоштӣ дорад ва айнан бидуни ягон илова ё кам кардани мисраъҳо ва ҳиҷоҳо иншо гардидаанд. Ғаффор Мирзо шеърҳои «Дуоб», «Аз сари Ҳиндукуш», «Дар гузаргоҳи Хайбар», «Қалъаи Ҷамруд», «Ҳинд», «Теппаҳои паси Равалпиди», «Зебу», «Доро», «Қувона», «Дӯстон», «Қутии сигаретаҳо», «Ба дӯст», «Одами муқаддас», «Хоб», «Сурудҳо», «Дар гузари коргарони Лоҳур», «Сатрҳои лирикӣ», «Чилҳо», «Ду табақча аз Дакка», «Дар митинги деҳ», «Мурғон», «Тонга», «Вохӯрӣ дар шаҳри Читагонг», «Саҳар», Ҷалолобод», «Патанҳои кӯчманчӣ», «Кобул», «Бегоҳӣ дар роҳ», «Дарвозаи искандарӣ», «Чароғҳои Тирмиз»-ро тарҷума намуда, ҳусни баён ва чаҳорчӯбаи ҳадафу ҳиссиёти шоирро нигоҳ доштааст. Ҳамин шеърҳо соли 1950 дар маҷмуаи алоҳидае бо номи «Дуоб» нашр гардидаанд. Дар ин ҷо метавон

«Суруд»-ро мисол овард, ки Ғаффор Мирзо онро бо як руҳияи баланди шоирӣ тарҷума кардааст:

Нури маҳ тобид андар кӯзаи бишкастае,
Рафт бӯрёбоф хоб, таҳ карда бӯрёдастае,
Боркаш хоб аст, рӯ бинҳода бар девори ғам,
Мекашид бар дӯш мискин борро дар хоб ҳам,
Халқи муфлис, бесару сомону бепул хоб кард,
Аз миёни кӯчаҳои бенавою коргар.
Хомӯшию тиррагии гӯр месозад гузар.
…-Ман суруди сарҳадиро сурудам аз ҷигар:
Соати нимишабию
Вақт тангу пурхатар,
Як мусофир ҳасту як
Пайроҳаи пурхатар [117, с. 48].

Матни асл:

Лунный свет на разбитом кувшине блеснул,
Ткач циновок циновки свернул и уснул,
Спит носильщик, прижавшись щекою к стене,
Он таскает тюки на спине и во сне.
Весь бездомный народ где попало прилег,
У Делийских ворот темен каждый порог,
Караванщики спят у Кабульских ворот,
И молчанье в квартале рабочем плывет…
-Пограничную песню я спела сейчас:
Это острый и узкий
Полуночный час,
Когда путник один
И тропа лишь одна,
Но он должен пройти [137, с. 391].

Образҳои «нури маҳ», «кӯзаи бишкаста», «бурёдаста», «девори ғам», «халқи муфлис» , «кӯчаҳои бенавою коргар», «тиррагии гӯр», «хаёли шаб», «теғро бо теғ гӯё соидӣ» аз ҷониби шоир моҳирона тарҷума гардидаанд ва ду байти охирро, ки хоси сурудҳои адабиёти рус мебошад, Ғаффор Мирзо моҳирона тарҷума намуда, хулосаи Тихоновро гирд овардааст.

Ҳамин шеър дар чопи аввал каме тафовут дорад ва инро метавон бо ин мисраҳо қиёс намуд:

Чопи аввал:

Халқи муфлис, бесару сомону бепул хоб кард,
Дар таги дарвозаҳои Деҳливу Кобул хоб кард[140, с. 24].

Чопи дуюм:

Мекашид бар дӯш мискин борро дар хоб ҳам,
Халқи муфлис, бесару сомону бепул хоб кард [117, с. 48].

Ғаффор Мирзо манзумаи «Дуоб»-ро низ тарҷима намудааст. Ин манзума бо хусусиятҳои хоси тасвирофарӣ ва баёни андеша масъалаҳои иҷтимоиро дар бар мегирад. «Дуоб» аз 52 байт таркиб ёфтааст ва мутарҷим тамоми мисраъҳоро тарҷума намудааст. Аввалан, ба унвони манзума бояд таваҷҷуҳ намуд, ки Н.С.Тихонов онро аз номи мавзеъ ва дарё гирифтааст ва ҳатто бо овардани номи аслии он ба хонанда тарҷумаи русии онро бо мазмуни «Два поток» ишора намуда бошад ҳам, Ғаффор Мирзо дар вақти тарҷума онро ба инобат нагирифта, варианти тоҷикии «Дуоб»-ро афзалтар донистааст. Тарҷума бо услуби ҳикоя инъикос гардидааст, ки ин барои хонанда муҳим аст:

Матни асл:

День рожденья моего
Приютил Дуаб полночный,
Нет мрачней теснин его
И прелестней, между прочим.
Дичь какая-то вокруг-

Ералаш цветной дивана,
Полутемной лампы круг,
Плов и джина полстакана [137, с. 400].

Тарҷумаи матн:

Дар канораш Дуоби нимишабӣ
Дод гӯша ба рӯзи мӯлчари ман,
Тиратар ҷо зи тангиҳояш нест,
Лек дилро ҳамебарад қасдан.
Чор сӯ ким-чӣ гуна муъҷизаҳо,
Печ дар печ нақшҳои диван,
Сояи гирду хираи лампа,
Палаву ҷин ба қадри ним стакан [117, с. 75].

Аз матни боло огоҳ шудан мумкин аст, ки мутарҷим ҷойи «мавлуд» ва ё «зодрӯз» вожаи «мӯлчар»-ро истифода менамояд. Айён аст, ки мӯлчар ба зодрӯз ҳеҷ наздикие надорад ва мӯлчар ин вақти муайяни ҳар як аз 12 соли силсилаи солшуморӣ, ки синну соли одамро ба воситаи он муайян кардан мумкин аст, дониста мешавад. Ҳамчунин ҷойи «фонус», «чарооғ» ва ё худ шабчароғ вожаи «лампа» оварда шудааст.

Дар ин ҷо бояд гуфт, ки тарҷумаи аввалӣ каме тафовут дорад. Ва байтҳои боло каме дигар, бо истифодаи «рӯзи таваллуд» тарҷума гардидааст:

Тарҷумаи матн дар китоби дувум:

Дар канораш Дуоби нимишабӣ
Дод рӯзи таваллудамро,
Тиратар ҷо зи тангиҳояш нест,
Бо вуҷуди ҳамин барад дилро.
Чор сӯ ким-чӣ гуна аҷоибот-
Печ дар печ нақшҳои диван,
Сояи гирду хираи лампа,
Палаву боз ҷин ним стакан [117, с. 75].

Дар муқоиса маълум мегардад, ки достон аз ҷониби Ғаффор Мирзо бори дуюм таҳрир шудааст.

Тарҷумаи матн дар китоби дувум:

Сақфи хона пур аз тамокудуд,
Во шавад дар ба наҳвае нохуш,
Кунҷи хона ситода буржуйка,
Мекафад чарс-чарс арчаи хушк.
Ҳаст пардози ҷомҳои май,
Дар шаби тира андаке рахшон.... [117, с. 75]

Матни асл:

Дым табачный к потолку,
Дверь скрипит, как бы вздыхая,
И буржуйка в уголке,
Где трещит арча сухая.
Чуть поблескивает глянец
Чашек в теплой полутьме [137, с. 400].

Дар ин матн низ шоир ҷойи бухорӣ калимаи «буржуйка»-ро мавриди истифода қарор додааст. Дар мисраи минбаъдаи барои вожаи «мӯрчал» шоир калимаи «рӯзи таваллуд»-ро истифода менамояд, ки аз лиҳози мазмун гирем, ин ду ба ҳам тазод мебошанд ва мутарҷим бояд ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир мекард:

Матни асл:

И у ног сидит афганец
На ковре, в большой чалме.
Мне дарили в дни рожденья,
Как и я дарить был рад…[137, с. 400].

Тарҷумаи матн:

Салла бар сар, ба рӯйи қолине,
Чорзону нишаста аст афғон.

Қайди рӯзи таваллудам ҳар вақт

Бо мукофоти дӯст дар гузар аст [117, с. 75].

Ҳамин гуна тафовутро дар тарҷумаи маҷмуаи аввал ва дуюм дидан мумкин аст, ки дар ҳар ду низ мазмун ҳифз шудааст. Масалан, дар шеъри «Дарвозаи Искандар» баъзе мисраҳо тағйир ёфтаанд:

Матни асл:

Нам афганец сказал, показав на громады

Стен, идущих к верщин куполам?

Тарҷумаи маҷмуаи аввал:

Гуфт як марде афғон, ки ҳамин садди азим,

Патане кард ривоят, ки ҳамин кӯҳи азим[140, с.14].

Матни асл:

Мы не спорим, у нас есть другие заботы,

Мы поверим, что их разрубили сплеча[137, с.404].

Тарҷумаи аввал:

Хайр, шояд суханат рост бувад, боваре ҳаст,

Зӯрӣ бикшод дар ин кӯҳ , дар ин хоро дар[140, с.14].

Тарҷумаи дуюм:

Хайр,мумкин суханат рост бувад, сабте ҳаст,

Зӯр бикшод дар ин кӯҳ , дар ин хоро дар. [117, с. 79].

Мисраи байти охир низ дар ду тарҷума фарқиятро ба вуҷуд овардааст:

Матни асл:

Слова дружбы –оно рассежает не хуже

Тарҷума аз маҷмуаи аввал:

Сухани дӯстӣ дар поракунии ҳар банд.

Тарҷума аз маҷмуаи дуюм:

Сухани дӯстӣ дар банд шикастан ҳаргиз...

Чунин тафовутҳои ҷузъӣ ҳангоми қиёс намудани ду маҷмуа ба назар мерасад ва маълум нест, ки онро муҳаррирон ба анҷом расонидаанд, ва ё худи шоир баъдан аз рӯйи завқ иваз намудааст. Барои тарҷумаи матнҳои бадеӣ се ҳадаф мавҷуд аст. Тарҷумон бояд хонандаро бо муаллиф, бо услуби эҷодӣ ва услуби инфиродии худ ошно созад. Ҳадафи дуюми тарҷумаи бадеӣ ин шинос кардани хонандагон бо хусусиятҳои фарҳанги мардуми дигар, расонидани асолати ин фарҳанг, шиносоии хонанда бо мазмуни китоб мебошад.

Ҳадафи аввалро пеши худ гузошта, муаллифи тарҷума кӯшиш намудааст, то матни адабиро тавре тарҷума кунад, ки ҳамон як «фазо» ва таассуроти бадеиро барои хонанда айнан нусхабардорӣ намояд. Барои ин тарҷумон вазифадор аст, ки фарқиятҳои муайяни милливу фарҳангиро «ҳамвор кунад» ва эҳтиёткорона итминон ҳосил намояд, то матни тарҷумаро хонанда ҳамчун матни аслӣ дарк намояд. Дар ин ҳолат хонанда имкон меёбад, ки тасвири одилонаи асарҳои нависанда, услуби инфиродии навиштани ӯро пайдо намояд. Вазифаи дуюмро гузошта, тарҷумон мекӯшад, ки мукотибаро бо матни аслӣ то ҳадди имкон нигоҳ дорад, ба воқеиятҳое, ки ҳангоми хондани матн дучор мешаванд ва тамоми хусусиятҳои фарҳангиеро, ки муаллиф дар асар пешкаш менамояд, ба хонанда фаҳмонад. Бо вуҷуди овардани якчанд вожаҳои хоси забони русӣ матни тарҷума хушоҳанг ва зебо буда, Ғаффор Мирзо онро самимона ва дар услуби достонҳои хоси адабиёти тоҷик тарҷума намудааст.

Шоири дигар, Гулназар Келдӣ ҳангоми тарҷумаи шеъри «Помир» мутобиқати маъно ва тасвирҳои Тихоновро нозуконаю айнан инъикос намудааст. Дар тарҷумаи Гулназар кӯтоҳшавии матн ба чашм намерасад. Ҳамаи 36 мисраъ ба пуррагӣ тарҷума шудаанд. Аз ҷумла:

Набудам ҳеҷ гоҳ дар мулки Помир,

Варо дидам фақат ҳангоми парвоз.

Зи тайёра ба чашмам тофт ин хок,

Замини бекарони доманандоз.
Бузургӣ дошт зери осмонҳо,
Замини сангрезу кӯҳи яхпӯш.
Гаҳе мисли уқобон дар фазо буд,
Гаҳе дар қаъри водиҳои хамӯш.
Гаҳе ором буду ваҳмангез,
Ба мисли сахраву санги ҳамоил [123, с.60].

Матни асл:

Никогда я не был на Памире,
С самолета видел лишь его,
Но с небес его я видел шире,
Чем с тропы маршрута моего.
Он лежал немереной громадой,
Каменный и снежно-ледяной,
Ввысь взлетал и в пропасти он падал,
Вырастая вновь над глубиной.
То зловеще одевал бесшумьем,
Падавший немыслимо отвес. [137, с. 238].

Панҷ шеъри дигар бо тахаллуси Манучеҳрӣ тарҷума кардааст ва шумораи 12 (соли 1971)-и «Садои Шарқ» бо номи «Пуштаи шерон» (20 мисраъ), «Занҳои Куруш» (28 мираъ) нашр гардидаанд. Шеъри «Занҳои Куруш» дар бораи занони қафқозӣ нақл мекунад. Куруш як деҳаест дар кӯҳҳои Қафқоз ва Шаҳдоғӣ қуллаи кӯҳи бузурги Қафқоз аст. Манучеҳрӣ баробари шоир таассуроташро роҷеъ ба ҷасорати бонувон баён намуда бошад ҳам, аммо дар тарҷума ноҳамвории услуб ба чашм мерасад. Яке аз хатоии мутарҷим ин нодида гирифтани варианти тоҷикии маънодигаркунӣ бар зарари забони адабӣ мебошад, дар ҳоле ки ду номвожа - яке Куруш ва дигаре Шаҳдоғ хоси забони форсӣ-тоҷикӣ мебошанд. Матни тарҷума аз 78 мисраъ иборат аст, ки дар тарҷума ихтисоршавии мисраъҳо ба назар намерасад:

Тарҷумаи матн:

Дар он ҷое, ки Шаҳтоқ аз баландӣ,
Ба абрӯ сомонҳо мезананд сар,
Бидидам дӯш занҳои Курушро,
Баҳодурвор бо мардон баробар.
Ба тан пероҳан аз тики дурахшон,
Зи пашми барра тунбону камарбанд,
Ба рӯйи синаю даври гиребон,
Ҳама аз тангаҳо овеза доранд [128, с. 16].

Матни асл:

Где Шахдаг пленяет душу,
Я привстал на стременах:
Ходят женщины Куруша
В ватных стеганых штанах,
В синем бархате жилеток,
В самотканом полотне,
И лежат у них монеты
На груди на спине.
С чубуком стоят картинно,
У оград и у ворот [137, с. 290].

Боқӣ Раҳимзода шоири хушбаёни тоҷик низ аз ашъори Н.С. Тихонов шеъри Шоир ҳангоми тарҷума, асосан, моҳияти андешаҳои Тихоновро ифода намудааст ва дар шеър, ки тасвири аґбаи Зарафшон аст, услуби баёни хоси худро моҳирона истифода намудааст.

Матни асл:

Пропасти все шире и отвесней,
Горы все грознее сквозь пургу.

Вот бы им сейчас ответить песней,
Не имею права, не могу!
Я спускаюсь нынче с перевала,
Эту песню за меня споет
Мальчик, что в халате темно-алом
Мне навстречу по снегу идет [120, с.235].

Матни тарҷумашуда:

Дараҳо торафт паҳну сарнишеб андар намуд,
Кӯҳҳо торафт мудҳиш байни бӯрон қадкашон,
Дил ҳамехоҳад, ки рӯ орад ба онҳо бо суруд,
Лек ман ҳадде надорам, қудратам ҳам дар гумон!
Меравам ҳоло ба поён аз сари ин ағба ман,
Бачаяк хоҳад ба ҷои ман бихонад ин суруд.
Ӯ ки дорад ҷомаи сурху сияҳтобе ба тан,
Сӯи ман ояд зи рӯйи барф ҳоло зуд-зуд.
Ин ҷавони кӯҳсорӣ гашта вақте раҳсупор
Ахтарон хамӯшу рӯз чашмаш карда во,
Ӯ ба пеши сафкашида кӯҳҳои бовиқор,
Вақти ин омад, кунун хонад суруди дилрабо [145, с.139].

Ифодаҳои «паҳну сарнишеб», «ҷомаи сурху сияҳтоб», «ҷавони кӯҳсорӣ», ва хоси адабиёти тоҷик мебошанд ва шоир дар вақти тарҷума тавонистааст, ки вариантҳои онро мувофиқ биёрад. Ин шеър пас аз сафари шаҳри Хуҷанд дар хотироти Н.С. Тихонов тавлид ёфтааст. Шеъри мазкур дилпазир ба зебоиҳои доманкӯҳи Зарафшон ва табиати дилкушои он бахшида шуда, дар ҳиссиёти пур аз меҳр нисбати сарзамини тоҷикон ифода меёбад. Услуб ва шакли он ҳангоми тарҷума қариб, ки аз байн нарафтааст.

Боқӣ Раҳимзода усули тасвири шоирро риоя намуда, мисраъҳоро мутобиқи мазмун таҳия намудааст. Боқӣ Раҳимзода дар тарҷума аз сабки хоси худ бо ифодаи

мазмун ва инъикоси бадеӣ бо Н.С. Тихонов мувофиқат кардааст ва шеърро дар руҳияи шинохти мақсади шоир иншо намудааст. Дар тарҷумаи Боқӣ Раҳимзода муҳаббати диёр аз тапишҳои қалби Н.С. Тихонов шунида мешавад, ки он бо оҳанги хос-услуби равон ва дилнишини шеъри Боқӣ Раҳимзода такон меҳӯрад. Тасвирҳои хоси услуби шоир дар тавсифи дараҳои «сарнишеб» ва «кӯҳҳои то Каҳкашон» то ба тасвири писараке аз фазои кӯҳистон вачди саршори меҳрро нисбати ин диёр ифода намудаанд.

Дар баёни ифодаҳо варианти хоси забони тоҷикиро истифода намудааст, ки инро дар мисоли «халате темно-алом» дар тарҷумаи Боқӣ Раҳимзода шакли «ҷомаи сурху сияҳтоб»-ро гирифтааст. Боқӣ Раҳимзода шеърҳои «Байраҳи советӣ» ва «Дӯст дорам»-ро низ тарҷума намудааст, ки дар онҳо бештар ба умқи муҳтавои назми шоир ворид гардидааст.

Тихонов Н.С. бо шоирони тоҷик Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, Муъмин Қаноат ва дигарон иртиботи дӯстӣ дошт. Бо М. Турсунзода дӯсти наздиктарин ва ҳамсафари ӯ буд, ки аз диди шоир дур намеафтад ва борҳо дар хотираҳо, баромадҳои сиёсӣ, осори публитсистӣ ва ҳамзамон шеърҳояш аз ӯ ёд намудааст. Бахшида ба панҷоҳсолагии М.Турсунзода Н.С.Тихонов шеъри табрикӣ бо номи «Дӯстам, Мирзо» менависад, ки онро Боқӣ Раҳимзода тарҷума менамояд ва порае аз он гувоҳӣ аз сабки муназзами Боқӣ Раҳимзода дарак медиҳад:

Қадам мондӣ ба панҷоҳи муборак-синни ҷанговар,
Ки дар авҷи шукуфти зиндагонӣ гаштӣ сар то по.
Ки бинмоянд ахтарҳо ба мо наздику рахшонтар
Ҷиболу қуллаҳо сархамтару кӯтоҳтар роҳҳо.
Дар ин сини хӯшаю эҳсоси қадимиро,
Ба ҷунбиш оварад ақлу хирад чун боди нируманд.
Дар ин синн қувваи парвози назми поки руҳафзо,
Дили касро ба мисли муждагонӣ мекунад хурсанд [153, с. 475].

Шеъри дигари Н.С. Тихонов бахшида ба 60-солагии М. Турсунзода аз

ҷониби Лоиқ Шералӣ тарҷума гардидааст. Шоир дар тарҷумаи ин шеър самимияти Н.С. Тихоновро нисбати дӯсташ нишон дода, тасвири симои шоири тавонои тоҷик М. Турсунзодаро мутобиқи инъикоси Н.С.Тихонов овардааст. Ин шеър дар рӯзномаҳои даврии солҳои 70-ум бо номи «Рамзи сулҳ» интишор гардида буд. Ин тарҷума қобилияти шоири ҷавонро дар тарҷумаи як шеъре нишон медиҳад, ки аз ҷониби як фарди сиёсии давр, яъне Н.С. Тихонов ба шахси муҳтарами дигар М. Турсунзода бахшида шуда буд ва бузургии ин ду нафарро таҷассум менамояд.

Баҳром Фирӯз, ки осораш аз ҷустуҷӯҳои адабӣ ва навоварӣ сарчашма мегирад, ҳамзамон ба фаъолияти тарҷумонӣ машғул гардида, соли 1967 шеъри «Байрақи Ленин»-и Н.С.Тихоновро тарҷума намудааст. Ҳарчанд ки мазмуни он куҳна шуда бошад ҳам, аммо метавон аз он маҳорати тарҷумонии Баҳром Фирӯзро пай бурд. Дар ин шеър хусусияти публитсистии тарҷума дар қолаби шеърӣ ва бо оҳанги муроҷиат ифода ёфтааст. Аз ҷумла:

Буд шаб чун соли нуздаҳ пурфиғон,
Рӯз чун тӯфони сармои шимол,
Солҳои рафта ё боз омаданд,
Ҳам иҳота, ҳам аду, ҳам қаҳтсол?
Дар миёни оташу маргу набард,
Дар миёни хуну ашку доғу дард,
Партавафшонӣ кунад байроқи пок,
Ҳамчу нури Офтоби дастбурд.
Нури он дар синаи ҳар як ҷавон,
К- ӯ ба ҷило мехезад дар рӯйи барф [146, с. 3].

Матни асл:

Ночь, как год девятнадцатый, плещет,
Дней звенит ледяная кора,
Точно вылезли древние вещи —
И враги, и блокада, и мрак.
И над битвой, смертельной и мглистой,

Как тогда, среди крови и бед,
Это знамя сверкает нам чистым
Окрыляющим светом побед!
И ползущий в снегу с автоматом
Истребитель — боец молодой —
Озарен этим светом крылатым
Над кровавою боя грядой [137, с. 341].

Дар «Тазкираи шоирони советии рус» ду шеъри Н.С. Тихонов бо номи Ҷавҳаризода нашр шудааст. Суҳайлӣ Ҷавҳаризода дар тарҷумаи ин суруд аз маҳорати шоирияш истифода намудааст ва тавонистааст, ки мақсади Н.С.Тихоновро ба пуррагӣ баён намояд:

Бо либоси сафед раҳпаймост,
Паровози зи буғ суръатдор.
Тойчаякҳои нимваҳширо
Аз Кветта баранд дар бозор.
Се нафар одами калон як ҷо.
Бо турушчеҳраи арақолуд,
Мепаронанд бодбаракҳоро
Ончунон ки ба даври Бобур буд [158, с. 71].

«БайраҚи советӣ» дар тарҷумаи М. Аминзода ҳарчанд оҳанги публитсистӣ ва шиор дошта бошад ҳам, аммо аз лиҳози ҷобаҷогузории мавзуъ ва мавқеи ҳадафи шоир хеле назаррас аст. Дар ин шеър набояд мазмуни куҳнашударо ҷӯст, балки заҳмати тарҷумонро дар баёни фикр ба инобат гирифт. Аз ин хотир, дар тарҷумаи М. Аминзода услуби тоза бо дарназардошти истифодаи вожаҳои хоси забони классикии назми тоҷик новобаста аз талаботи замон ба чашм мерасад:

БайраҚи сурхранг чун оташ,
Чун шафаҚ пуршукуфта хандоне,

Бо хатти зар навишта бар рӯяш,
Се далерию марди майдонӣ.
Путки озод меҳнати мардон.
Рехта доси дасти деҳқонҳо,
Панҷгӯша ситораи тобон.
Гирд бар гирди он зеҳи тилло.
Душмани халқ гашта буд мағлуб,
Аз қавӣ дасти халқи ёрзафар,
Ин ливоро чу байраҳи матлуб,
Мефарозанд халқҳо бар сар [147, с.71].

Матни асл:

Флаг, переполненый огнем,
Цветущий, как заря,
И тонким золотом на нем
Три доблести гоят:
То молот вольного труда,
Серпа изгиб литой,
Пятиконечная звезда
С каймою золотой.
Был побежден народный враг
Народною рукой,
И сто народов этот флаг [137, с. 45].

Зикр кардан бамаврид аст, ки тарҷумаи бадеӣ дар қиёс ба навъҳои дигари тарҷума як вазифа дорад ва тарҷумаи бадеӣ, мисли дигар тарҷумаҳо, аз такрори маълумот тавассути забони тарҷума аз забони асл иборат аст, ки дар ин шеър М. Аминзода бо як истеъдоди баланд аз хазинаи бойи забони тоҷикӣ истифода менамояд ва мазмуну бадеияти онро ба хонандаи тоҷик пешниҳод намудааст. Хусусиятҳои тарҷумаи бадеӣ ва мушаххасоти масъалаҳои бо он алоқаманд, пеш аз ҳама, бо хусусиятҳои худи матни бадеӣ ва фарқияти назарраси он аз дигар матнҳо,

таврe ки дар сархати қаблӣ зикр шуда буд, муайян карда мешавад ва сифати тарҷума бештар аз мақсаде, ки тарҷумон дар пеши худ гузоштааст, вобастагӣ дорад.

Пас аз таҳқиқи масъалаи мазкур метавон чунин хулоса намуд, ки дар аксари ҳолатҳо шоирони мутарҷим қолабҳои шеърофариро риоя менамоянд ва аз рӯйи шакли ab, ab, ва aa ba шеърро тарҷума намудаанд, ки ин қолаби қофия аз тарҷумон маҳорати баланд талаб менамояд. Дар вақти тарҷумаи достонҳо аз шакли aa bb истифода гардида, оҳангнокӣ як ҷаззобияти хоссеро ба худ касб намудааст. Риояи қонунҳои аслӣ дар тарҷумаи шеър ин сатҳи баланди касбӣ ва маҳорати шоирони мутарҷимро нишон медиҳад, ки ба ҳайси муаллифи асосӣ баромад карда, барои хонанда шеърро қариб ки дар шакли асл пешниҳод намудаанд.

3.4. Тавозуни шаклу мазмун дар тарҷумаи достони «Киров бо мост»

Ҳангоми кор бо матни бадеӣ барои тарҷумон муҳим аст, ки арзиши баланди миллӣ-фарҳангӣ ва мутобиқати замонии онро муайян ва мувофиқи завқи хонанда тарҷума намояд. Ҳамчунин матни бадеии тарҷумашуда муоширати фарҳангии муаллифи китоб ва хонандаро маълум сохта, барои дарки дурусти рӯзгори дигарон заминае фароҳам меорад. Тибқи ҷаҳонбинии худ, тарҷумон воқеияти бадеии асарҳои интихобкардаи худро дар ягонагии шакл ва мундарича инъикос мекунад.

Тарҷума ҳамчун як соҳаи мустақили рушдёбандаи муосир аз ҷониби муаллифон, ки назарияи онро таҳия мекунанд, ба таври гуногун ва ба гуфтаи Л.С. Бархуддаров, тарҷума «табдил додани матн аз як забон ба матни хоси забони дигар аст» [8, с. 226].

Мутобиқати тарҷумаи бадеӣ фаҳмиши ҳамаҷонибаи ғояи муаллифро ифода мекунад, ки дар асари аслӣ, интиқоли самти бадеӣ ва эстетикии матни асари тарҷумашуда арзёбии аксуламалҳои имконпазири хонанда ба назар мерасад. Дар адабиёти тоҷик тарҷумаи осори адабиёти ҷаҳонӣ дар замони шӯравӣ рушд меёбад, ки дар натиҷа мардуми тоҷик на фақат ба осори ин адибон шинос мегарданд, балки муҳаббат ва самимият нисбати онҳо пайдо менамоянд.

Бояд гуфт, ки тарҷумаи ашъори Н.С. Тихонов аз солҳои панҷоҳуми қарни гузашта оғоз мегардад, ки нахустин маротиба ба ин кор Ғаффор Мирзо иқдом варзидааст. Дар оянда шоирони тоҷик Мирзо Турсунзода, М.Миршакар, Муъмин Қаноат, Боқӣ Раҳимзода, Гулназар Келдӣ ва Лоиқ Шералӣ низ мутарҷими ашъори ин шоир гардиданд. Шоирони тоҷик ҷавҳари андеша ва мақсади нуҳуфтаи Н.С. Тихоновро ҳангоми тарҷума баён карда тавонистаанд ва аз уҳдаи истифодаи дурусти санъатҳои бадеӣ, тахайюли эҷодии шоир, мавзуъҳои асосии ин давра бо дарназардошти тантанаи рӯзгори шуравӣ, табиат ва сиришти махсуси забони тоҷикӣ ба хубӣ баромадаанд. Соли 1959 нахустин маҷмуаи ашъори Н.С. Тихонов бо номи «Дуоб» дар тарҷумаи Ғ. Мирзо нашр мешавад, ки М.Рачабов, дар рӯзномаи «Маориф ва маданият» (1960, 21 октябр) роҷеъ ба аҳаммияти адабию эстетикии ин маҷмуа тақриз нашр менамояд. Баъдан соли 1960 достони «Киров бо мост» аз ҷониби Муъмин Қаноат тарҷума мегардад ва рӯйи чопро мебинад. Зимнан, ягона тақриз дар бораи ин достон аз ҷониби Ҷ. Абдуллоев дар рӯзномаи «Маориф ва маданият» (1960, 21 окт.) нашр гардидааст. То ҳанӯз мунаққидони тоҷик дар бораи сифати ин тарҷумаҳо мулоҳизаҳои худро баён накардаанд ва ин аст, ки гардиши тарҷумаҳои ашъори Н.С. Тихонов ва ҳолати он номуайян боқӣ мондааст.

Достони «Киров бо мост» соли 1941 навишта шудааст, ки мазмунан қаҳрамониҳои мардуми шуравиро дар замони ҷанг инъикос меанамояд. Ин нахустин достони Н.С. Тихонов буд, ки дар он мавзуи даъват ба сӯйи дифоъ аз марзу буми Ватан дар солҳои хеле вазнини ҷангӣ ҷой дорад. Образи романтикии Киров бо дидани як нозири ҳарбие дар торикии шаб тавлид ёфтааст. Ин достон 1-уми декабри соли 1941 нахустин маротиба дар рӯзномаи «Правда» нашр мегардад. Худи Н.С. Тихонов дар мавриди тавлиди ин достон менависад: «Киров шабҳои зимистон мисли зиндаҳо аз ҷой бармехест. Як нафар афсари навбатдори шабона, ки дар шуои фонус ҳуҷҷатҳои маро назорат мекард, дар қиёфаи ӯ Мироничро тасаввур мекардам» [159, с. 52].

Ин достон дар пайравӣ бо осори адибони гузаштаи рус, махсусан, ба шеъри Жуковский «Сарояндаи шуриши ҷанговарони рус» («Певцом востание русских

воинов») монандӣ дорад. Аз гумон холӣ нест, ки тарҷумаи достони мазкур барои Муъмин Қаноат дар иншои достони соҳибшуҳрати «Сурӯши Сталинград» равзанае кушода бошад. Бешубҳа, тарҷума дар доираи васеи муошираты байни миллатҳо бо дарназардошти тамоми ҷанбаҳои он ва омилҳои муайянкунандаи ҳам забон ва ҳам дигар масъалаҳои марбут ба он нақши бориз доштааст. Муъмин Қаноат дар баёни оҳанги тантанавии достони «Киров бо мост» муваффақ гардида, тасвирҳои хоссаи инъикоснамудаи Тихоновро тавонистааст, нишон диҳад:

Тарҷумаи матн:

Хонаҳои сиёҳи пурҳашмат,
Рафта гӯё 6а хоби пурдаҳшат.
Дар шаби оҳанини ҷӯш ба ҷӯш,
Шаҳри Ленин даме шавад хомӯш.
Лек оромиро занад ҳар дам ,
Бонги шуми сиренаҳо барҳам.
Бомба борад ба Неваи шиво,
Шуъла хезад зи пулу аз дарё.
Ними шаб дар миёни оташу дуд,
Ки фазо буд, гӯй хунолуд [117, с.13].

Матни асл:

Домов, затемненных громады
В зловещем подобии сна,
Осадной поры тишина.
Но тишь разрывается воем –
Сирены зовут на посты,
И бомбы свистят над Невою,
Огнем обжигая мосты.
Под грохот полночных снарядов
В полночный воздушный налет [137, с. 345].

Достони мазкур аз 102 мисраъ ва 7 қисмҳои хурди аз лиҳози мазмун ба ҳамдигар тавъам иборат мебошад, ки Муъмин Қаноат ҳамаи мисраъҳоро тарҷума намудааст. Дар порчаи мазкур услуби хоси Муъмин Қаноат ба назар мерасад, ки ифодаҳои тарҷумакардаи шоир мисли «хонаҳои сиёҳи пурҳашмат», «хоби пурдаҳшат», «шаби оҳанин», «шаҳри Ленин», «миёни оташу дуд» ва «фазои хунолуд» таҳтуллафзӣ аз «домов затемненных громады», «зловещем подобии сна», «железных ночах», «Ленинград», «грохот полночных снарядов», «полночный воздушный налет» бошад ҳам, маҳсули хаёлоти муаллифи тарҷума мебошанд. Мақсади Муъмин Қаноат ба хонанда расонидани мазмуни асосии матн аст, ки дар вақти тарҷума мувофиқати бадеии матни аслро таҷассум карда тавонистааст. Ҳарчанд ки дар вақти тарҷума баъзе ифодаҳо хоси забони тоҷикӣ набуда ё худ калимаҳо тарҷумаи худро наёфтаанд, аммо достон қатъиян мутобиқи мазмун ва оҳанг тарҷума гардидааст. Масалан:

Матни асосӣ:

В железных ночах Ленинграда
Осадной пары тишины [137, с. 345].

Муъмин Қаноат онро ин гуна тарҷума намудааст:

Дар шаби оҳанини ҷӯш ба ҷӯш,
Шаҳри Ленин даме шавад хомӯш [117, с.13].

Ин ҷо агар мутаваҷҷеҳ гардем, «шаби оҳанини ҷӯш ба ҷӯш» аз иродаи шоир берун ва шояд ба хотири қолаби вазни достон онро оварда бошад, чунки дар забони тоҷикӣ «оҳани ҷӯш» агар истифода шавад ҳам, аммо «оҳани ҷӯш ба ҷӯш» истеъмол намегардад, ки ин маҳсули тахайюли эҷодӣ ба маънои такроршавӣ ё қиёс намудан омадааст, яъне ибрози андешаи гармии аз ҳад зиёд. Гуфтан мумкин аст, ки дар достон мисраи «В железных ночах Ленинграда» мисли шиор такрор шуда бошад ҳам, Муъмин Қаноат ба он ҳусни дигар зам намуда, мутобиқи завқи эстетикии хонандаи тоҷик тарҷума намудааст.

Матни асл:

Разбиты дома и ограды,
Зияет разрушенный свод,
В железных ночах Ленинграда
По городу Киров идет [137, с. 346].

Тарҷумаи Муъмин Қаноат:

Ҳама вайрона: хонаю девор,
Гунбазу қасрҳо ба нақшу нигор.
Дар шаби ҳавлноки шаҳри Ленин
Буд Киров равона ботамкин [117, с. 14].

Дар ин қисмати шеър мисраи «В железных ночах Ленинграда» дар тарҷумаи шоир зеботар баён гардидааст ва албатта, шаби ҳавлнок аз «шаби оҳанини ҷӯш ба ҷӯш» фарқ мекунад. Дар қисмати чорум бошад, боз якнавохтӣ халал ёфта, мисраи такроршаванда аз ҷониби шоир дигар хел баён ёфтааст:

Матни асл:

В железных ночах Ленинграда,
По городу Киров идет [137, с. 345].

Тарҷума:

Дар шаби оҳанини шаҳри Ленин,
Буд Киров равон ботамкин [117, с. 15].

Ду мисраи аввал дар ҳамин қисмат дар охир такрор шудааст, ки Муъмин Қаноат онро боз дигар хел тарҷума кардааст:

Бин, ки дар кӯчаҳои шаҳри Ленин,
Ҳаст Киров равон ботамкин [117, с. 16].

Дар қисмати панҷум мисраи такроршаванда наомадааст ва дар қисматҳои охир аз нав таъкид меояд, ки дар онҳо низ Муъмин Қаноат тарҷумаи озодро

мутобиқи завқи касбии худ истифода кардааст ва ҳарчанд дар қисми шашум номи Киров наомадааст, аммо Муъмин Қаноат онро таъкид намудааст:

Матни асл:

На улицах рвы, баррикады,
Окопы у самых ворот.
В железных ночах Ленинграда
За город он тихо идет [137, с. 348].

Дар қисмати охир мисраъ бо ягон шакл ифода нагардидааст, баръакс шоири тоҷик дар тарҷумаи мисраҳои охири достон самимият ва эҳсосоти худро нисбати мардуми Ленинград ва тоқати онҳо ба тамоми мушкилиҳои ҷанг иброз намуда, аз тасвирҳои Н.С. Тихонов даст мекашад ва ҳангомаи мутантани муборизаҳои мардумро равшан ва хеле воло инъикос менамояд:

И в ярости злой канонады,
Немецкую гробить орду.
В железных ночах Ленинграда,
Тарҷумаи матн:
Тӯпҳои калон наъракашон,
Бар сари душманон аҷалафшон.
Дар миёни хурӯши тӯпу туфанг,
Халқ бо душмани башар дар ҷанг [117, с. 18].

Аз мисраъҳои боло маълум кардан мумкин аст, ки ҷойи «немис» –»душман» ва ҷойи «ленинградцы»-»халқ» истифода гардидааст, ки бо ҳамин хулосаи худро дар бораи ягона набудани душман ва ваҳдати ленинградиҳо дар ҷанг маълум сохтааст. Яъне Муъмин Қаноат дар тарҷумаи достон ба ифодаи ҳолати умумии шеър кӯшида, ба шаклу мазмуни он таваҷҷуҳ намудааст. Муъмин Қаноат аз тарҷумаи ин достон ҳаловати хоссае бурдааст ва саъй намудааст, ки достонро наздик ба услуби достонҳои хоси адабиёти тоҷик иншо намояд. Муъмин Қаноат, ки аз достонҳои маъруфи «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ огаҳ буд, дар

тарҷумаи ин ҷангнома мақсади асосии Н.С. Тихоновро на фақат ифода карда тавонистааст, балки ба он оҳанги мутантанеро ворид намудааст.

Агар замони рушди достони нави адабиёти тоҷикро солҳои 30-юми асри гузашта бидонанд ҳам, аммо он чи мусаллам аст, инкишофи достони миллии муосир ба солҳои баъдиҷангӣ рост меояд, ки аз ҷумлаи шоирони дар ташаккули достон дар замони шуравӣ саҳмгузор ин Муъмин Қаноат аст. Мавзуи асосии достонҳои ӯ аз тантанаи инсони ватандӯст, хотираи таърихӣ, муҳаббати ақрабо ва инсонгаро̄ иборат мебошад. Достонҳои «Мавҷҳои Днепр», «Достони оташ», «Сурӯши Сталинград», «Тоҷикистон исми ман», «Гаҳвораи Сино», «Падар», «Ситораи Исмат», «Ҳамосаи дод» ва охирон достонаш «Масъуднома» дар адабиёти муосири тоҷик ҳамто надорад. Аз мундариҷа ва мавзуъҳои тарҷумаҳои Муъмин Қаноат бармеояд, ки маҳорати шоирона ва дарки эстетикӣ дорад. Жанри аслии интихобнамудаи Муъмин Қаноат аз ашъори Н.С. Тихонов ин достон мебошад, ки дар тарҷума бевосита аз қолаби шеърии хоси адабиёти форсу тоҷик ва оҳангнокии мутантани он истифода намуда, меъёри онро риоя кардааст. Ин ба осори минбаъдаи шоир, бахусус, иншои достонҳои дорои мавзуи ҷангӣ, хосатан Ҷанги Бузурги Ватанӣ, бетаъсир намонд.

Хулосаи боби сеюм:

1. Робитаи адабии тоҷику рус ва анъанаҳои онҳо дар давраи шуравӣ ҷараёни ҳамкориҳои байни нависандагон ва тарҷумонҳоро нишон медиҳад. Тарҷума дар ин давра сифатҳои нав, сохтор ва мақсадҳо тамоман дигарро касб мекунад. Тарҷумаи хоси ин замон аз ҷиҳати адабӣ хусусиятҳои вижаро соҳиб аст. Дар тарҷумаҳои худ муаллифон ба анъанаҳои эҷодии шоирону нависандагон рӯй оварда, тавонистаанд, ки фикрҳои муаллифони асарҳоро пурра баён кунанд.

2. Осори насрии таоҷумашудаи Н.С. Тихоновро аз рӯйи шумораи тағйирот ва иловаҳо ба ду қисм метавон ҷудо кард:

а) тарҷумаҳое, ки дар онҳо вожаҳои русӣ бештар дида мешаванд.Чунин тарҷумаҳо ба солҳои 50-уми асри гузашта рост меоянд;

б) тарҷумаҳое, ки дар онҳо тарҷумонҳо маъно ва мундариҷаи аслиро нигоҳ дошта, бо услуби тоза ва хоси насри тоҷикӣ тарҷума намудаанд, ва чунин тарҷумаҳо ба солҳои 60-70-уми асри гузашта тааллуқ доранд.

3. Шоирони мутарҷим қолабҳои шеърофариро риоя менамоянд ва аз рӯйи шакли ab, ab, ва aa ba шеърро тарҷума намудаанд, ки ин қолаби қофия аз тарҷумон маҳорати баланд талаб менамояд. Дар вақти тарҷумаи достонҳо аз шакли aa bb истифода гардида, оҳангнокӣ як ҷаззобияти хоссеро ба худ касб намудааст.

ХУЛОСА

Таҳқиқот ва ҷустуҷуҳо роҷеъ ба робитаҳои адабии тоҷику рус дар замони шуравӣ моро ба чунин хулоса овард, ки Н. С.Тихонов бо осори дорои мазмуни баланди инсонпарварӣ дар таърихи адабиёти ҷаҳонӣ нақши бениҳоят муҳимро бозидааст. Дар анҷоми таҳқиқот чунин натиҷагирӣ карда шуд:

1. Равобити эҷодии адибон дар замони шуравӣ қаринтару пурсамартар гардида, омӯзиши таҷрибаи эҷодии ҳамдигарро ба вуҷуд меоварад. Тасвири ҳамаҷонибаи воқеият, инъикоси инсони рушдкунанда ва психологияи инсони нав бештару фарохтар ба миён омад [2-М].

2. Барҷастатарин натиҷаи ҳамкорӣ дар аҳди шуравӣ интишори мактаби тарҷумонии рус буд, ки бар василаи тарҷумаи осори адибони ҷаҳон миллатҳо аз тарзи тафаккури пешқадам воқиф гардида, сатҳи ҷаҳонбинӣ ва шакли андешаронии худро сайқал медоданд. Омӯхтани таҷрибаи эҷодии ҳамдигар адибонро водор месохт, ки дар инъикоси воқеият ҳамаҷониба фикр намоянд [4-М].

3. Адибонро зарур буд, ки адабиёти миллии худро дар пояи ормонҳои адабиёти рус бунёд намоянд. Бинобар ин, аксар нависандагони миллӣ ба тарҷумаи осори адабии нависандагони рус машғул шуда, бешубҳа ҳангоми тарҷума аз онҳо таъсирпазир мешуданд. Чунин роҳҳои ҳамкориҳо имкон медод, ки оқибат натиҷаҳои дилхоҳ ба даст оварда, барои иблоғи гуманизм ва интернатсионализм замина пайдо гардад. Мавзуи асосии осори адибони шуравӣ дар солҳои 50-уми асри ХХ тасвири муборизаи халқ ва муноқишаҳои иҷтимоӣ боис гардид, ки адабиёти шуравӣ ба ҳайси адабиёти гуманистӣ маъруфият пайдо кунад. Солҳои баъдиҷангӣ барои адабиёти тоҷик давраи муҳимтарини таърихӣ маҳсуб мешуд. Баробари ин, Итиҳоди Шуравӣ аз лиҳози таблиғ дар марзҳои Осиё ва Африқо андешаҳои якдилиро интишор менамуд ва адибоне мисли Н.С. Тихонов қабл аз ҳама, бо мақсади таблиғи вахдати башар ба дигар кишварҳо сафар менамуданд. Мавзуъҳои идеалии замон бештар дар осори адибони мубаллиғи шуравӣ инъикос меёфтанд [2-М; 6-М].

4. Таҳқиқи ҳаёт ва фаъолияти шоири рус Н.С. Тихонов нишон дод, ки корномаи инсондӯстонаи ӯ дар ҳалли проблемаҳои Шарқ имрӯз низ аҳаммияти воқеии худро гум накардааст. То имрӯз андешаҳои ин шоири озодихоҳ муҳим ва дорои арзишҳои баланди бадеию эстетикӣ мебошанд [3-М; 6-М].

5. Н.С. Тихонов ба ҳайси раиси Кумитаи сулҳи собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ба Ҳиндустон, Покистон, Чин, Таиланд, Индонезия, Лубнон, Сурия, Бирма, Сейлон сафар намуда, дар осори худ, аз қабили «Дувоздаҳ достон» (1925), «Сояи дӯст» (1935), «Ду шоир» (1951), «Дуоб» (1949) ва дигар маҷмуаҳо мушкилоти рӯзгори мардуми ин минтақаро ба қалам додааст ва барои ҳалли он ҳамвора талош намудааст. Натиҷаи сафарҳои Н.С. Тихонов мисли соири шоирону нависандагони шуравӣ инъикоси он ҳаводис аст, ки барои тарвиҷ ва таҳкими низоми ақидатии он кишварҳо мусоидат мекард, чунки дар он давра барои пайдо кардани нуфузи сиёсӣ ҷанги сардро роҳандозӣ менамуданд [3-М].

6. Дар адабиёти шуравӣ тағйирёбии ҷомеа ва фарди олами нав аз омилҳои натиҷаҳои инқилоб дар мамлакат маҳсуб мешуд. Бинобар ин, мушкилии асосии Н. Тихонов низ дар тасвири қаҳрамони замони нав буд ва ӯ ин қаҳрамонро меҷуст. Сафари Н.С. Тихонов ба кишварҳои Шарқ на фақат дар доираи робитаҳои адабӣ сурат мегирад, балки дар заминаи фаъолияти ҷамъиятии Н.С. Тихонов низ ба назар мерасанд. Ин робитаҳо дар баёни мавзуъ, гузаронидани ҳар гуна чорабиниҳои фарҳангӣ ва муошират адабӣ зоҳир гардида, ба наздикшавии адабу фарҳанги халқҳои собиқ Шуравӣ мусоидат кардаанд. Равобити адабии тоҷику рус дар аҳди шуравӣ, тавре ки омӯзиш нишон дод, пайванди бисёрҷанба ва серпаҳлу дар тамоми таърихи равобити адабии ин ду миллат шояд бошад. Шаклҳо ва намудҳои нави ҳамкории адабӣ, мисли сафарҳо, маҳфилҳои эҷодӣ, иштироки мустақим дар ҳаёти фарҳангии мардуми шуравӣ, даҳаҳои адабиёти халқҳои бародар, дӯстии инфиродӣ ва эҷодии нависандагон инкишоф ёфтаанд [2-М; 5-М].

7. Баробари барпошавии Ҳокимияти Шуравӣ шиносоӣ тавассути тарҷума бо осори адибони рус оғоз гардид, ки бинобар ягонагии ҳадафҳои замони Шӯравӣ ва бартарӣ додан ба ин адабиёт ба осори адибони тоҷик, чи аз лиҳози мавзуъ ва чи аз лиҳози усул, бетаъсир намонд. Натиҷаи сафарҳои М. Турсунзода ва Н.С. Тихонов

ба Покистону Афғонистон ва Ҳинд тавлиди маҷмуаҳои нотакроре роҷеъ ба масъалаҳои иҷтимоӣ ва бунёди сулҳ дар ин сарзамин ба миён овард. Баррасии ин масъала аз диди нав то имрӯз ҳалли худро наёфтааст ва Шарқ то ҳанӯз дар зери алангаи дасисаҳои кишварҳои абарқудрат қарор дорад [4-М].

8. Андешаҳои Н.С. Тихонов дар мавриди адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик таваҷҷуҳи хоссаи ӯро нишон дода, махсусан диди ӯ ба рӯзгори Рӯдакӣ ва дарки арзишҳои бадеии осори Одамушшуаро хеле ҷолиб аст. Ҳамзамон, бо кӯшиши Н.С. Тихонов нахустин маротиба маҷмуаи шеърҳои ҷавонони тоҷик бо номи «Таронаҳои сапедадам» ба забони русӣ рӯйи чоп баромад [2-М; 6-М].

9. Дар диссертатсия чанд мактуби Н.Тихонов ба шоирон М. Турсунзода ва М. Миршакар таъкид шудааст, ки ин номаҳо бо гузашти айём барои кушодани паҳлуҳои номуайяни рӯзгор ва осори шоирон кумак мерасонанд. Ин мукотибаҳо маводи беҳтарин барои дарки робитаҳои адибон маҳсуб мегарданд, зеро он чизе, ки дар онҳо иброз мегарданд, адибон бевосита худ шоҳид ҳастанд, тавсифкунандаи вазъи замон дониста мешавад. Номаҳо барои омӯзиши зиндагии адибон кӯмаки зиёде мерасонанд [1-М; 7-М].

10. Омӯзиши равобити адабии тоҷику рус, муносибати эҷодии Н.С. Тихонов ва Шарқ, таҳқиқи осори шоир дар танқиди адабии тоҷик, мақолаҳои адабӣ, публитсистӣ ва баромадҳои Н.С. Тихонов роҷеъ ба адабиёт ва фарҳанг, таъсири онҳо ба адабиёти тоҷик, пажӯҳиши тарҷумаҳои ашъори адиб ба забони тоҷикӣ, хидматҳояш дар ташаккул ва инкишофи адабиёти сермиллати шуравӣ маълум намуд, ки дар адабиёти навини тоҷик ин масъала басо муҳим ва дорои арзишҳои назариву амалӣ мебошад [5-М].

11. Дар замони Истиқлолият таҳқиқи муоширати адабии Н.С. Тихонов ва М. Турсунзода барои дарёфти маълумоти мукаммал роҷеъ ба дараҷаи ташаккули пайвандҳои адабию фарҳангии тоҷику рус барои дарки ҳамаҷонибаи муносибатҳои адабӣ ва бо дарназардошти такмил додани муносибатҳои миллӣ ва таҳкими дӯстии байни миллатҳо муҳим аст. Боиси зикр аст, ки адабиёти тарҷумавии тоҷик дар замони шуравӣ бо назардошти афкори ягонаи давр инкишоф

ёфтааст ва баробари ин осори адибони тоҷик ба забонҳои собиқ кишварҳои Шуравӣ тарҷума гардидаанд [1-М].

12. Тарҷумаи ашъори Н.С. Тихонов аз солҳои панҷоҳуми қарни гузашта оғоз мегардад, ки нахустин маротиба ба ин кор Ғ. Мирзо иқдом варзидааст. Дар оянда шоирони тоҷик М. Қаноат, Б. Раҳимзода, Ғ.Мирзо, Гулназар, Л. Шералӣ мутарҷими ашъори ин шоир гардида, расонаҳои даврӣ дар интишори тарҷумаи ашъори Н.С. Тихонов саҳм гузоштаанд. Шоирони мутарҷим асосан, аз рӯйи қолабҳои шакли ab, ab, ва aaba ашъори Н. Тихоновро тарҷума намуда, дар вақти тарҷумаи достонҳо аз шакли aa, bb бештар истифода намудаанд. Ҳангоми тарҷумаи шеър дар қолаби муайян ҳифз намудани мазмуну шакли шеър аз мутарҷим маҳорати хоссаро талаб менамояд. Аммо метавон гуфт, ки ашъори Н.С. Тихонов ифодагари корномаи ӯ мебошад ва шоирони тоҷик тавонистаанд, ки мазмуни инсонгарой ва тараннуми сулҳи ҷаҳониро тавассути ашъори ин шоир паҳн намоянд [4-М; 5-М].

13. Соли 1942 нахустин маҷмуаи осори бадеии Н.С. Тихонов бо номи «Хислатҳои одами советӣ» бо тарҷумаи С. Боғиров нашр мегардад. Дар маҷмуа ҳикояҳои ленинградии нависанда ба таври фаврӣ тарҷума гардидаанд, ки аз ҳикояҳои «Одамон ба рӯйи тахтапораҳо», «Ҷанги тан ба тан», «Одами нав», «Модар», «Ҳарбии солхӯрда», «Ҷавондухтар», «Вохӯрӣ», «Панҷаи шер», «Оила» ва «Дарахти себ» иборат мебошанд. Дар ҳикояҳои маҷмуаи мазкур калимаҳои зиёди русӣ истифода гардидаанд. Повести «Вамбери» аз ҷониби ду мутарҷим – А.Одинаев ва М. Искандаров тарҷума гардидааст [4-М].

14. Соли 1952 «Ҳикояҳо дар бораи Покистон» ба забони тоҷикӣ аз ҷониби мутарҷимони тоҷик Э. Муллоқандов ва Ғ. Мирзо тарҷума мегардад, ки дар он аз 22 ҳикояи маҷмуаи аслӣ ҳамагӣ 17-тои онҳо тарҷума мегарданд. Соли 1955 бо номи «Дар шаҳри куҳнаи Лоҳур» такроран «Ҳикояҳо дар бораи Покистон» нашр мегардад, ки ҳикояи «Одам ва машина»-ро Ҷ.Одина тарҷума менамояд. Дар ҳар ду маҷмуа ҳикояҳои «Осоишгоҳ» («Курорт»), «Қутии сигор», «Хар», «Мо ба хона бармегардем ба назар намерасанд, яъне ҳикояҳои зикргардида бо чӣ сабабе тарҷума нагардидаанд [3-М].

15. «Асарҳои мунтахаб»-и Н.С. Тихонов соли 1976 бо намунаҳои ашъор ва насри ӯ нашр мегардад. Дар умум, хусусияти асосии тарҷумаҳои осори Н.С. Тихонов дар он зоҳир мегардад, ки услуби тарҷумаҳои аввал коста буда, дар онҳо калимаҳои бегона бештар роҳ ёфтаанд. Осори Н.С. Тихонов - ҳикояҳои «Гули садбарг» (тарҷумаи Ш. Шараф) «Шаш сутун» (тарҷумаи Ш.Собир), «Зилзила» (тарҷумаи Ҳ.Салимов), «Шаби Алқадр» (тарҷумаи Ш. Шараф), «Дар шаҳри зоҳиран беғаму ташвиш» (тарҷумаи М. Начмиддинов), «Рӯзи дароз» (тарҷумаи Ю. Акобиров) назар ба ҳикояҳои қаблии тарҷумагардида бо маҳорати хеле баланд тарҷума шудаанд [4-М; 6-М].

Умуман, таҳқиқоте, ки дар ин диссертатсия анҷом дода шудааст, нишон медиҳад, ки робитаҳои адабии халқҳои тоҷику рус таърихи тӯлонӣ доранд. Тарҷумаи асарҳои Н. С. Тихонов дар рушди шаклҳои нави муносибатҳои адабии ду халқи дӯст нақши муҳим бозидааст. Маводи баррасишуда ба мо имкон медиҳад, ки раванди муносибатҳои адабии тоҷику русро, ки дар ибтидои асри XX бо ҷанбаҳои нави мавзуӣ густариш ёфтааст, амиқтар ва васеътар дарк намоем.

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

1. Матолиби диссертатсия дар оянда метавонанд, барои таҳқиқоти густардаи масоили робитаҳои адабии тоҷику рус имкон фароҳам оваранд.

2. Нуктаҳои назариеро, ки хулосаҳои пажӯҳиш дар асоси он ҳосил шудаанд, метавон дар таҳқиқи муносибати шоири рус Н.С.Тихонов бо адабиёти тоҷик мавриди истифода қарор дод.

3. Маводи таҳқиқи мазкур дар пажӯҳиши масъалаҳои дастурӣ, барои тайёр намудани монографияҳои соҳавӣ ва таҳияи осори тарҷумашудаи Н.С.Тихонов муфид ба ҳисоб мераванд.

4. Дар радифи таҳқиқ арзиши бадеӣ ва эстетикии шаклҳои муносибатҳои адабӣ, аз қабили тарҷума, сафарҳо, гурӯҳҳои эҷодӣ, вохӯриҳо, иштирок дар ҳаёти фарҳангии мардуми бародар, рӯзҳо, ҳафтаҳо, даҳаҳои адабиёти бародарона, муносибатҳои шахсии эҷодии нависандагон дар замони шуравӣ тазаккур гардиданд.

5. Натиҷаҳои бадастомада дар таҳияи дастури назарӣ роҷеъ ба таърихи тарҷумаи осори Н.С. Тихонов ба забони тоҷикӣ ва ҳунари тарҷумонии адибони тоҷик дар марҳилаҳои мухталиф замина мегузорад.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

I. Адабиёти илмӣ

Абдуллоев, Ҷ. Киров бо мост [Матн] / Ҷ. Абдуллоев // Маориф ва маданият. –

2. Арутюнов, Л. Находит себя и человечество [Текст] / Л. Арутюнов // Поэзия народов СССР XIX – начала XX века. – М.: Художественная литература, 1977. – С. 5-24.
3. Арзуманян, А.М. Художественные переводы как средство укрепления братской связи литератур [Текст] / А.М. Арзуманян // Взаимосвязи и взаимодействия национальных литератур (материалы дискуссии 11-12 янв. I960 г.). – М.: Изд. АНСССР, 1961.
4. Багдасарян, Р. Николай Тихонов и Армения [Текст] / Р. Багдасарян // Литературная Армения. – 1978. – №8. – С. 101-105.
5. Бариева, М.Х. Роль и место С. Есенина в западно-восточном литературном синтезе (Персидские мотивы): автореф. дис.… канд. филол. наук: 10.01.03 [Текст] / М.Х. Бариева. – Душанбе, 2007. – 22 с.
6. Бартольд, В.В. История изучения Востока в Европе и России [Текст] / В.В. Бартолд. – Ленинград, 1925. – 318 с.
7. Бартольд, В.В. История культурной жизни Туркестана [Текст] / В.В. Бартольд. – Л.: Академия, 1927.
8. Бархударов, Л.С. Язык и перевод [Текст] / Л.С. Бархударов. – М.: Международные отношения, 1975. – 226 с.
9. Бахтин, М.М. Вопросы литературы и эстетики: Исследования разных лет [Текст] / М.М. Бахтин. – М.: Художественная литература, 1975. – 502 с.
10. Барнои Қодирдухт. Равзанаи дидор [Матн] / Б. Қодирдухт. – Душанбе, 2004. – 104 с.
11. Башир, Саховарз. Тарзӣ ва «Сироҷ-ул-ахбор» [Матн] / Башир Саховарз. – Теҳрон, 1386.
12. Брагинский, И.С. Западно-восточный литературный синтез и творчество С. Айни [Текст] / И.С. Брагинский. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 192 с.
13. Брагинский, И. Из истории таджикской и персидской литературы [Текст] / И. Брагинский. – М.: Наука, 1972. – 524 с.

14. Ваҳҳоб, Р. Андешаи истиқлоли миллии тоҷикон дар осори устод М. Турсунзода [Матн] / Р. Ваҳҳоб // Адабиёт ва санъат. – 199. – 25 июл. – С. 3.

. Ганаланян, 0. Армения в поэзии Тихонов Н.С. [Текст] / 0. Ганаланян. Коммунист, Ереван. – 1970. – 28 мая. – С. 3.

16. Гарбунов, А.П. Поэтика публицистического текста [Текст] /А.П. Гарбунов. – М.: Изд. МГУ, 1978. –104 с.

17. Гаспаров, М.Л. Современный русский стих [Текст] / М.Л. Гаспаров. – М.: Наука, 1974. – 337 с.

. Гачечиладзе, Г. Художественный перевод и литературные взаимосвязи [Текст] / Г. Гачечиладзе. – М.: Советский писатель, 1972. – 91 с.

19. Гинзбург, Л. О литературном герое [Текст] / Л. Гинзбург. – М.: Советский писатель, 1979. – 221 с.

20. Глухов, А.И. Путь Н.С. Тихонов к социалистическому реализму: дис. …канд. филол. наук [Текст] / А.И. Глухов. – Казань, 1954. – 325 с.

21. Голтс, Т.М. К проблеме влияния таджикско-персидской литературы на русскую литературу в 20-30 гг. XIX в. [Текст] / Т.М. Голтс. – Душанбе, 1980.

22. Горелов А. О. Николай Тихонове [Текст] / А. Горелов // Стройка. – I937. – №19-20. – С. 15-16.

23. Горохов, В.М. Закономерности публицистическогот ворчества [Текст] / В.М. Горохов. – М.: Мысль, 1975.

. Гринберг, И. Два крыла, литературы [Текст] / И. Гринберг. – М.: Советский писатель, 1982. – 367 с.

. Гринберг, И. И здесь начинается сага [Текст] / И. Гринберг // Литературный Ленинград. – 1935. – 20 сент. – С. 1.

26. Гринберг, И. Николай Тихонов [Текст] / И. Гринберг. – М.: Советский писатель, 1952. – 280 с.

27. Гринберг, И. Творчество Н.С. Тихонов [Текст] /И. Гринберг. – М.: Советский писатель, 1972. – 480 с.

28. Ғамзатов, Р. Гулбоғи шоир [Матн] / Р. Ғамзатов // Васлгари дилҳо. (Хотираҳо дар бораи М. Турсунзода...) (Мурраттиб: Х. Отахонова). – Душанбе: Ирфон, 1981. – С. 42-49.

29. Давронов, А. Адабиёт ва воқеият. (Маҷмуаи мақолаҳо) [Матн] /А. Давронов– Душанбе, 2003. – 258 с.
30. Давронов, А. Зелёная книга времён [Текст] / А. Давронов. – Душанбе, 2012.
31. Давронов, А. Мушкилоти пайвандҳои адабӣ [Матн] / А. Давронов. – Душанбе: РТСУ, 1999.
32.Давронов, А. Пайванди замонҳо ва қисмати адабиёт [Матн] / А. Давронов. – Душанбе: Маориф, 1994.
33. Демидчик, Л.Н. Таҳаввули тарҷумаи реалистӣ дар адабиёти тоҷик [Матн] / Л.Н. Демидчик // Садои Шарқ. –1985. – №10. – С. 118-122.
34.Деҳотӣ, А. Барои сифати баланди тарҷумаи асарҳои назм [Матн] // Шарқи сурх. – 1939. – №4. – С. 68-74.
35. Дехоти, Р.А. Изучение Хафиза и интерпретация его творчества в Германии первой половины XIX в. [Текст]. – Душанбе, 1984.
36.Жирмунский, В.М. Литературные отношения Востока и Запада... [Текст] / В.М. Жирмунский // Труды юбилейной науч. сессии Ленингр. ун-та. Секция филол. – Л.: Наука, 1946.
37. Зайниддинов, М. Устод Айнӣ ва матбуоти тотор [Матн] / М. Зайниддинов // Адабиёт ва санъат. – 2010. – 11 март. – С. 3-4.
39.Икромӣ, Ҷ. Марҳабо дӯстон [Матн] / Ҷ. Икромӣ // Садои Шарқ. – Душанбе, 1967. – №4. – С. 8.
40. Икромӣ, Ҷ. Тарҷума ва адабиёти миллӣ [Матн] / Ҷ. Икромӣ // Садои Шарқ.- 1966. – №10. – С. 12.
41. Казакова, Т.А. Художественный перевод. Теория и практика: учебник [Текст] / Т.А. Казакова. – СПб.: ООО «Инъязиздат.», 2006. – 544 с.
42. Киплинг Р. Рассказы. Стихотворения [Текст] / Р. Киплинг. – Л.: Художественная литература, 1989. – 277 с.
43. Кирилюк Л.Ф. Н.С. Тихонов [Текст]. – М., 1986.
44. Комиссаров, В. Н. Современное переводоведение [Текст] / В. Н. Комиссаров.- М.: ЭТС, 1999. –189 с.
45.Комиссаров, В.Н. Теория перевода (лингвистические аспекты) : учеб. для ин-тов и фак. [Текст] / В.Н Комиссаров//»Ученые заметки ТОГУ».-Т.8, № 1(2). 2017 http://pnu.edu.ru/media/ejournal/articles-2017/TGU_8_101_1.pdf 274

46. Коварский Н. А. Н. С. Тихонов. Л.: Художественная литература, 1935. 239 с.
47. Кулинич, А.В. Николай Тихонов [Текст] / А.В. Кулинич // Ясская советская поэзия 30-х годов. – Киев, 1962. – С. 98-126.
48. Кулинич, А.В. Очерки по истории русской советской поэзии 20-х гг. [Текст] / А.В. Кулинич. – Киев, 1958. – 216 с.
49. Кӯчаров, А. Турсунзода. Маҳорат ва садоқат [Матн] / А. Кӯчаров. – Душанбе, 2011. – 191 с.
50. Лазарева, Е.И. Поэзия Н.С. Тихонова 20-х годов (Проблемы жанра и стиля): дис … канд,филол.наук [Текст] / Е.И. Лазарева. – М., 1964. – 283 с.
51.Ленин, В.И. Ленин и Восток. Сборник статей. 2-е, доп. изд. [Текст]. – М., 1925. С.23-26; Сарчашмаи электронӣ: https://leninism.su/memory/196-narimanov.html
52. Лихачев, Д.С. Поэтика древнерусской литературы [Текст] / Д.С. Лихачев. – Л.: Худ. литературы, 1987. – 656 с.
53. Мардонов, Т.Н. Арабско-таджикское двуязычие в поэзии IX-X вв [Текст] / Т.Н. Мардонов. – Душанбе, 1993.
54. Миршакар, М. Памят о чудесных днях. Воспоминание о Н.С.Тихонове [Текст]

55.Миршакар, М. Хотироти рӯзҳои аҷиб [Матн] / М. Миршакар // Садои Шарқ. – 1971. – №12. – 35-42.
56. Муллоқандов, Э. Нависандагони тоҷик ва забони русӣ [Матн] / Э. Муллоқандов // Шарқи сурх. – 1961. – №3. – С. 52-58.
57. Муллоқандов, Э. Назаре ба забони тарҷума дар матбуоти тоҷик [Матн] / Э. Муллоқандов // Шарқи сурх. – 1961. – №9. – С. 78-83.
58.Муллоқандов, Э. Назаре ба кори пешина аз нуқтаи назари таҷрибаи имрӯза [Матн] / Э. Муллоқандов//Садои Шарқ. –1974. – №1. – С. 92-96.
59. Раҳмон, Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Мачлиси Олӣ. 26.12.2019 [Матн] / Эмомалӣ Раҳмон // Низоми дастрасӣ: www.mfa.tj › main › view › pajomi-prezident...
60. Рачабов, М. Дуоб [Матн] / М. Рачабов // Маориф ва маданият. – 1960. – 21 октябр. – С. 2.
61. Рахманов, Б.Р. Персидско-таджикская литература в творческом осмыслении А. А. Бестужева-Марлинского [Текст] / Б.Р. Рахманов. – Душанбе, 2008. – 60 с.

62. Самад, В. Пайвандҳои адабӣ–омили муҳимми рушди адабиёт [Матн] / В. Самад. – Душанбе: Ирфон, 1976. – С. 8.
63. Самад, В. Такдири як хикояи Лев Толстой [Матн] / В. Самад // Тӯшаи ҳамдилӣ. – Душанбе: Адиб, 1989. – С. 84-96.
64. Самад, В. Тӯшаи ҳамдилӣ [Матн] / В. Самад. – Душанбе: Адиб, 1989. – 183 с.
65. Сайфуллоев, А. Парвози ишқ [Матн] А. Сайфуллоев // Ҷашнномаи Мирзо Турсунзода. – Душанбе: Ирфон, 1970. – С. 51-71.
66. Сайфуллоев, А. Дарёи шеъри хуб [Матн] / А. Сайфуллоев // Адабиёт ва санъат. – 1985. – 10 октябр.
67. Сайфуллоев, А. Дӯстии халқҳо – дӯстии адабиётҳо [Матн] / А. Сайфуллоев. – Душанбе: Ирфон, 1975. – 224 с.
68. Сатторзода, А. Адабиёти форсӣ дар ҳавзаҳои фарҳангии дигар / А. Сатторзода // Саҳми мардумони эронӣ дар рушди тамаддуни башарӣ. – Душанбе, 2000. – С. 77-84.
69. Сафронов, А. Белое чудо [Текст] / А. Сафронов // Воспоминание о Н.С. Тихонов. – М.: Сов. Пистель. – 480 с.
70. Сафронов, А. Роҳи Ҳиндукуш [Матн] / А. Сафронов // Васлгари дилҳо (Хотираҳо дар бораи М. Турсунзода...) (Мураттиб: Х. Отахонова). – Душанбе: Ирфон, 1981. – С. 36-42.
71. Селивановский, А. Николай Тихонов [Текст] / А. Селивановский // Селивановский, А. В литературных боях: избр. ст. и исследования. – М.: Советский писатель, 1950. – С. 350-359.
72. Синний платочек [Текст] // Режим доступа: https://ru.wikipedia.org/wiki
73. Холмуҳаммадов, Н. Тарҷумаи бадеӣ [Матн] / Н. Холмуҳаммадов // ЭСТ. Ҷ. 7. – Душанбе: Сарредаксияи энсиклопедияи советии тоҷик, 1987. – С. 256-264.
74. Ҳайдарӣ, Жубал. Таърихи адабиёти Афғонистон [Матн] / Ҳайдарӣ Жубал. – Кобул: Майванд, 1385 ҳ.ш.

.

Ҳусейнзода, Ш. Баҳс ва андеша [Матн] / Ш.Ҳусейнзода. – Душанбе: Ирфон,
76. Табаров, С. Адабиёти муосири советӣ [Матн] / С. Табаров. – Душанбе, 1984. – 78 с.

77. Тихонов, Н.С. Адабиёти тараққипарвари ҷаҳон: маърузаи иловагии адабиёти тараққипарвари ҳозираи ҷаҳонӣ [Матн] / Н.С. Тихонов // Шарқи сурх. – 1955. – №8. – С. 78-122.

Тихонов, Н.С. Байрақбардорони санъати мо [ТАСС] / Н.С. Тихонов // Тоҷикистони советӣ. – 1968. – 12 ноябр. – С. 2.

Тихонов,Н.С. Барои сулҳи тамоми ҷаҳон [Матн] / Н.С. Тихонов // Тоҷикистони сурх. – 1950. – 15 октябр.

Тихонов, Н.С. Дар бораи манъ кардани пропагандаи ҷанг ва қабул кардани қонуни муҳофизати сулҳ: маърузаи раиси Комитети советии муҳофизати сулҳ, депутат Тихонов Н.С. дар сессияи дуюми Совети Олии СССР [Матн] / Н.С. Тихонов // Тоҷикистони сурх. – 1951. –14 март. – С. 2.

Тихонов, Н.С. Дар съезди дуюми Умумииттифоқии нависандагони советӣ [Матн] / Н.С. Тихонов // Шарқи сурх. – 1955. – №8. – С.72-122.

Тихонов, Н.С. Комёбиҳои барҷастаи маданияти сотсиалистӣ [Матн] /Н.С.Тихонов// Тоҷикистони советӣ. – 1965. – 27 апрел. – С. 2.

Тихонов, Н.С. Мардуми советӣ – тарафдори сулҳ [Матн] / Н.С. Тихонов // Тоҷикистони советӣ. – 1959. – 21 апрел.

84. Тихонов, Н.С. Муваффақиятҳои бузург орзумандем: бахшида ба даҳаи адабиёти рус дар Тоҷикистон [Матн] / Н.С.Тихонов// Маориф ва маданият. – 1960. – 21 октябр.

85.Тихонов, Н.С. Нутқ дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 1100-солагии ҷашни Абуабдулло Рӯдакӣ [Матн] / Н.С.Тихонов// Тоҷикистони советӣ. – 1958. – 18 октябр. – С. 2.

86. Тихонов, Н.С. Садои ҷавонро шунидан... [Матн] /Н.С. Тихонов // Комсомоли Тоҷикистон. – 1971. – 20 июн. – С. 2

.Тихонов, Н.С. Таронаи нав танинандоз аст... [Матн] // Ҳақиқати Ленинобод. –

. Тихонов, Н.С. Тоҷики ҷасур [Матн] /Н.С.Тихонов// Шарқи сурх. – 1948. – №4. – С. 2-3.

. Тихонов, Н.С. Чилсолагии адабиёти советӣ ва тайёрӣ ба съезди Ш нависандагон: маъруза дар пленуми Иттифоқи нависандагони СССР [Матн] /Н.С.Тихонов// Шарқи сурх. – 1953. – №3. – С. 6-22.

90.Тихонов, Н. М. Турсунзода // Васлгари дилҳо: хотираҳо дар бораи Мирзо Турсунзода [Матн] / Н.С.Тихонов/ Мураттиб: Х.Отахонова. – Душанбе: Ирфон, 1981. – С. 13-19.

Турсунзода, М. Адабиёти тоҷик дар мубориза барои идиалҳои коммунизм [Матн]. Ашъори мунтахаб / М. Турсунзода. – Душанбе: Ирфон, 1979. – 432 с.

92. Турсунзода, М. Дили бузург [Матн] / М.Турсунзода// Садои Шарқ. – 1966. – №12. –С.101-103; Маориф ва маданият. – 1966. – 3 декабр.

93.Турсунзода, М. Мактубот [Матн] / М. Турсунзода // Хазинаи осорхонаи Мирзо Турсунзода. – Таҳти рақами 9.

94. Хандозян, Х С. Вохӯрӣ бо М. Турсунзода [Матн] // Васлгари дилҳо: хотираҳо дар бораи Мирзо Турсунзода / Мурат. Х. Отахонова. – Душанбе: Ирфон, 1981. – С. 107-115.

95.Челишев, Е. Ӯ барои ман ҷовидон зинда аст [Матн] // Васлгари дилҳо: хотираҳо дар бораи Мирзо Турсунзода / Мураттиб: Х. Отахонова. – Душанбе: Ирфон, 1981. – С. 197-207.

96.Чернуха, Т.Поэзия Н.С.Тихонова: дис. ...канд.филол.наук [Текст] / Т. Чернуха. – Черновцы, 1949. – 487 с.

97. Шодикулов Х. Давронов А. Издревле сладостный союз… [Текст]. – Душанбе, Эчод. – 136 стр.

98.Шодиқулов, Ҳ. Давронов А. Пайвандҳои адабии халқи тоҷик [Матн] / Ҳ. Шодиқулов, А. Давронов. – Душанбе, 2003.

99.Шокир, М. Замон ва тарҷумон [Матн] / М. Шокир. – Душанбе: Адиб, 1989. – 208 с.

100.Шошин, В. Николай Тихонов [Текст] / В. Шошин. – М.: Просвещение, 1990. – 144 с.

101. Шошин, В. Времена и дороги. Слово о Н.С.Тихонове [Текст] / В.Шошин// Подъем. – 1981. –№ 9. – С. 154-156.

102. Шошин, В. Н. Тихонов в литературной критике [Текст] / В.Н. Шошин // Сб.: Н.С. Тихонов. – Л.О.: Наука, 1978. – С. 16-25.

103. Шошин, В.А. Николай Тихонов. Интернациональная тема [Текст] / В.А.Шошин. – Л., I960. – 335 с.

104. Шошин, В.Н. Николай Тихонов. Очерк жизни и творчества [Текст] / В. Шошин. – Л., 1981. – 304 с.
105. Шошин, В. Патриот, интернационалист [Текст] / В. Шошин // Вечерний Ленинград. – 1971. – 2 декабря. – С. 3.
106. Шошин, В. Поэт и мир: о творческой индивидуальности в советской поэзии [Текст] / В.Шошин. – Л., 1966. – 197 с.
107. Шошин, В.А. Советский Восток в творчестве Н.С.Тихонова в 30-е годы [Текст] // Историко-литературный сборник/ В.А.Шошин. – М.-Л.: Изд. АН СССР, 1957. – С. 308-361.
108.Шукуров,М. Пайванди халқҳо ва замонҳо [Матн] / М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1982.
Шукуров,М. Паҳлуҳои тадқиқи бадеӣ. Баъзе масъалаҳои адабиёти ҳозираи тоҷик [Матн] / М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 273 с.
110.Ҷашнномаи Мирзо Турсунзода [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 1970. – 112 с.

II. Сарчашмаҳо

111. Есенин, С. Гулафшон. [Шеърҳо. Савтҳои форсӣ. Достонҳо] [Матн] / С.Есенин. –Душанбе, Ирфон, 1977. – 208 с.
112.Есенин, С.А. Полное собрание сочинений в 6-ти томах [Текст] / С.А.Есенин.- М.: Художественная литература, 1986. – 247 с.
113.Лоиқ, Ш. Куллиёт. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди 1 [Матн] / Ш. Лоик. – Душанбе: Адиб, 2008. – 564 с.
114. Миршакар, М.Куллиёт.Ҷ. 1 [Матн]. – Душанбе: Маориф, 1970. – 383 с.
115. Муҳаммад, Иқболи Лоҳурӣ. Куллиёти форсӣ [Матн] / Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ. – Душанбе: Паёми ошно, 2008. – 778 с.
116. Рӯдакӣ. Девон [Матн] / А. Рӯдакӣ. – Душанбе, Бухоро. 2015. – 334 с.
117.Тихонов, Н. Асарҳои мунтахаб [Матн] / Н.С.Тихонов. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 272 с.
118. Тихонов, Н. Бессмертие певца революции. Его стихи в нашей жизни, труде, борьбе [Текст] / Н.С.Тихонов// Литературная газета.– 1963. – 20 июля. – С. 2.
119.Тихонов, Н. Афганская баллада [Текст] / Н. Тихонов // Низоми дастрасӣ: https://afg-hist.ucoz.ru .

120. Тихонов, Н, Дорогой дружбы / Перевод и оригинальние стихи [Текст]. – М.: Сов. Россия, 1958. – 288 с.
121. Тихонов, Н. Тень друга. Стихи [Текст]. – Л.: Гослитиздат, 1936. – 106 с.
122. Н.С. Тихонов.Собрание сочинений. Т. 7 [Текст] / Под ред. Р. Гамзатова. – М.,1986. – 115 с.
123. Тихонов, Н. Помир [Матн] / Н.С.Тихонов (Тарҷумаи Гулназар // Садои Шарқ. – №10. – С. 60.
124. Тихонов. Стихи и поэмы [Текст]. – Ленинград: Детская литература,1982. – 191 с.
125. Тихонов, Н. Песни каждого дня [Текст] / Н.С.Тихонов// Звезда. – 1980. – № 5. – С.106-107.
Н.С. Тихонов Собрание сочинений в семи томах. Т.5 [Текст]. – М.: Художественная литература, 1986. – 462 с.
127.Тихонов Н.С. Собрание сочинений. Т. 7 [Текст] / Под ред. Р. Гамзатова. – М., 1986.
128. Тихонов, Н. Пуштаи шерон. Занҳои Куруш [Матн] / Н.С. Тихонов//Садои Шарқ. –1971. – №12. – С. 16.
129.Тихонов, Н. Расскаы о Пакистане [Текст] /Н.С.Тихонов. – Москва: Детгиз., 1952. – 96 с.
130.Н. Тихонов Селоби ғазаб [Матн] / Н.С.Тихонов. – Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1972. – 292 с.
131. Тихонов, Н. Собр.соч. в 7 т. Т.1. [Стихотворения] [Текст] / Н.С.Тихонов. – М.: Художественная литература, 1973. – 574 с.
132. Тихонов, Н. Собр.соч. в 7 т. Т.2. [Стихотворения. Поэмы. Переводы] [Текст] / Н.С.Тихонов. – М.: Художественная литература, 1974. – 475 с.
133. Тихонов, Н. Собр.соч. в 7 т. Т.3. [Рассказы Очерки] [Текст] / Н.С.Тихонов. – М.: Художественная литература, 1974. – 592 с.
134. Тихонов, Н. Собр.соч. в 7 т. Т.4. [Рассказы] [Текст] / Н.С. Тихонов. – М.: Художественная литература, 1975. – 480 с.
135. Тихонов, Н. Собр.соч. в 7 т. Т.5. Повести: От моря до моря. Война. Бело чудо [Текст] / Н.С. Тихонов. – М.: Художественная литература, 1975. – 448 с.

136. Тихонов, Н. Собр. соч. в 7 т. Т. 7: Очерки. Статьи. Выступления [Текст] / Н.С. Тихонов. – М.: Художественная литература, 1976. – 526 с.
137.Тихонов, Н.С. Стихотворения и поэмы / Н.С. Тихонов. – М., 1984. – 486 с.
138. Тихонов, Н. Собр. соч. в 7 т. Т.5 [Текст]. – М.: Художественная литература, 1986. – 462 с.
139. Тихонов, Н. Стихотворения и поэмы [Текст] / Н.С.Тихонов. – М., 1956.
140. Тихонов, Н. Дуоб /Шеърҳо дар бораи Покистон ва Афғонистон [Матн] / Н. Тихонов / Тарҷумаи Ғ. Мирзо. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик., 1959. – 66 с.
141.Тихонов, Н.С. Садои Панҷу Вахш буррост ... [Шеър] (Бахшида ба 60-солагии рӯзи таваллуди М.Турсунзода) [Матн] / Н.С. Тихонов // Зарафшон. – 1971. – 23 октябр.
142. Тихонов, Н.С. Ҳикояҳо / Н.С. Тихоно (Тарҷумаи А. Одинаев; муҳаррир: Б.Умарӣ). – Сталинобод: Нашрдавтоҷик., 1954. – 96 с.
143.Тихонов, Н. Ҳикояҳо дар бораи Покистон [Матн] /Н. Тихонов. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик., 1952. – 72 с.
. Тихонов, Н.С. Дар шаҳри куҳнаи Лоҳур: барои бачагони синни хурд ва миёнаи мактабӣ [Матн] / Н.С. Тихонов (Тарҷумаи. Э. Муллокандов). – Сталинобод: Нашрдавтоҷик., 1955. – 36 с.
. Тихонов, Н.С. АҒбаи Шаҳристон [Шеър] [Матн] / Н.С. Тихонов (Тарҷумаи Б.Раҳимзода) // Садои Шарқ. – 1964. – №8. – С. 139.
146.Тихонов, Н.С. Байраҷи Ленин. [Шеър] [Матн] / Н.С. Тихонов (Тарҷумаи Б.Фирӯз // Маориф ва мадиданият. – 1967. – 28 сентябр. – С. 3.
Тихонов, Н.С. Байраҷи советӣ. [Шеър] [Матн] / Н.С.Тихонов (Тарҷумаи М.Аминзода // Тазкираҳои шоирони советии рус. – Сталинобод, 1960. – С.71.
148.Тихонов, Н.С. Ба М. Турсунзода. [Шеър] [Матн] / Н.С. Тихонов. Тарҷумаи Л. Шералӣ // Маориф ва маданият. – 1971. – 1 май. – С. 4.
149. Тихонов, Н.С. Бодиянишинон. [Очерк] [Матн] / Н.С.Тихонов (Тарҷумаи Ҳ. Каримзода. – Сталинобод – Самарқанд, 1933. – 140 с.
150. Тихонов, Н.С. Вамбери: барои бачагони синни миёна ва калони мактабӣ [Матн] / Н.С.Тихонов (Аз русӣ тарҷумаи М. Искандаров). – Душанбе: Нашрдавтоҷик., 1962. – 57 с.
Тихонов, Н.С. Вамбери [Матн] / Н.С. Тихонов (Тарҷумаи А.Одинаев). –

Душанбе: Ирфон, 1970. – 72 с.
152.Тихонов, Н.С. Духтарак. [Ҳикоя] [Матн] / Н.С.Тихонов (Аз русӣ тарҷумаи А. Юсуфов) // Пионери Тоҷикистон. – 1967. – 2 апрел. – С.2.
.Тихонов, Н.С. Дӯстам, Мирзо! [Шеър] [Матн] / Н.С.Тихонов; тарҷ.Б. Раҳимзода // Б. Раҳимзода. Роҳи тайшуда. – Душанбе, 1967. – С. 475-476.
.Тихонов, Н.С. Дӯст дорам . [Шеър] [Матн] / Н.С. Тихонов (Тарҷумаи М. Раҳимзода) // Садои Шарқ. – 1967. – №4. – С.9-10.
155.Тихонов, Н.С. Қоғази сеҳрнок. [Ҳикоя] [Матн] / Н.С.Тихонов (Аз русӣ тарҷумаи Ғ.Ҷӯразода) // Комсомоли Тоҷикистон. – 1968. – 12 май. – С. 3.
. Тихонов, Н.С. Модар. [Ҳикоя] [Матн] / Н.С. Тихонов // Занони Тоҷикистон. –

Тихонов, Н.С. Партизани далер. [Ҳикоя] [Матн] / Н.С. Тихонов. (Тарҷумаи М. Шарофов). – Сталинобод: Нашрдавтоҷик., 1956. – 32 с.
158.Тихонов, Н.С. Саҳаргоҳ. [Шеър] [Матн] / Н.С.Тихонов (Тарҷумаи Ҷ.Суҳайлӣ) // Тоҷикистони сурх. – 1952. – 30 апрел.
159. Тихонов Н. С. Ленинградские рассказы [Текст]. – Ленинград, 1984. – 191 с
160.Тихонов Н. Вамбери. – М.: Мысл, 1974, 45 с.
161.Тихонов, Н.С. Стихотворение и поэмы [Текст] / Н.С. Тихонов. – М.: Художественное литературы, 1956. – 313 с.
162.Тихонов, Н.С. Сурудҳо [Матн] / Н.С.Тихонов (Аз русӣ тарҷумаи Ғ. Мирзо) // Занони Тоҷикистон. – 1959. – №1. – С. 6-8.
163. Тихонов, Н.С. Таронаи сапедадам: бахшида ба рӯйи адибони ҷавони Тоҷикистон дар Москва [Матн] / Н.С. Тихонов // Маориф ва маданият. – 1971. – 22 июн. – С. 7.
164.Тихонов, Н.С. Хислатҳои одами советӣ [Ҳикояҳои Ленинград] [Матн] / Н.С. Тихонов (Тарҷумаи С. Боғиров). – Сталинобод: Нашрдавтоҷик., 1942. – 65 с.
165.Тихонов, Н.С. Ҳикояҳо дар бораи Покистон [Матн] / Н.С. Тихонов (Тарҷумаи Э.Муллоқандов, Ғ. Мирзо). – Сталинобод: Нашрдавтоҷик., 1962. – 70 с.
166.Тихонов, Н.С. Шаҳри фориғболон [Ҳикоя] [Матн] / Н.С. Тихонов (Тарҷумаи Ҷ.Одинаев) // Садои Шарқ. –1966. – №12. – С.106-116.
167. Тихонов, Н.С. Як бегоҳии апрел [Ҳикоя] [Матн] / Н.С. Тихонов (Аз русӣ тарҷумаи И. Қосимов) // Ҳақиқати Ӯзбекистон. – 1969. – 25-28 октябр.

168.Тихонов, Н.С. Дӯст ва бародари мо: бахшида ба ҷашни 60-солагии М.Турсунзода [Матн] / Н.С. Тихонов // Маориф ва маданият. – 1971. – 23 октябр. – С. 3.

169. Турсунзода, М. Ду дастрӯмол [Матн] / М. Турсунзода // Шарқи сурх. – №12. – С. 8.

170.Турсунзода, М. Дӯст ва муниси ман [Матн] / М.Турсунзода // Садои Шарқ. –

171.Турсунзода, М. Куллиёт. Иборат аз 6 ҷилд. Ҷ. 2 [Матн] / М. Турсунзода. – Душанбе: Ирфон, 1971. – 336 с.

172. Турсунзода, М. Силсилаи шеърҳо ва достонҳо [Матн] / Турсунзода // Турсунзода, М. Осори мунтахаб. Иборат аз ду ҷилд. – Душанбе: Ирфон,1981. – 336 с.

173. Турсунзода, М.Тинати марди рус [Матн] / М. Турсунзода // Тихонов Н.С. Асарҳои мунтахаб. Шаш сутун. – Душанбе: Ирфон,1976. – 272 с.

174.Турсунзода, М. Ҷони ширин [Матн] / М.Турсунзода. – Душанбе, 1965. – 70 с.

175.Турсунзода, М. Осори адабӣ-танқидӣ. Ҷилди 3 [Матн] / М. Турсунзода. – Душанбе: Ирфон, 1979. – 430 с.

176.Утреняя книга. Стихи молодых таджикских поэтов [Текст]. – Душанбе: Ирфон,

НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Киромудинов, З. Изҳори самимият дар мукотибаи ду шоир [Матн] / З. Киромудинов // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2019. – №3 (80). – С. 164-168.

[2-М]. Киромудинов, З. Мушкилоти масоили Шарқ ва ифодаи он дар андешаҳои адибони ҷаҳон [Матн] / З. Киромудинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – № 4. – С. 258-260.

[3-М]. Киромудинов, З. Нигоҳе ба «Ҳикояҳо дар бораи Покистон»-и Н. Тихонов [Матн] / З. Киромудинов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2019. – №1. – С. 42-45.

[4-М]. Киромиддинов, З. Нигоҳе ба тарҷумаи бадеӣ дар адабиёти тоҷик [Матн] / З. Киромудинов // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2021. – №2. – С. 55-64.

II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[5-М]. Киромудинов, З. Арзиши робитаҳои адабӣ [Матн] / З. Киромудинов // Маводи конфренсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Филологияи Шарқ дар масири фарҳанг ва тамаддунҳо» (22.12.2020). – Душанбе, 2020. – С. 493-495.

[6-М]. Киромудинов, З. Рисолати шоирии Н. Тихонов – адиби сулҳпарвар [Матн] / З. Киромудинов // Маводи конфренсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба 110-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода. – Душанбе, 2021. – С.155-161.

[7-М].Олимӣ, Х. Киромудинов, З. Ҷаҳони эҳсосоту андешаҳои мардуми ҳиндӣ дар шеъри М. Турсунзода [Матн] / Х. Олимӣ, З. Киромудинов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Мирзо Турсунзода ва кишварҳои Шарқ». – Душанбе, 2021. – С.198-205.